**ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ДЕМОГРАФИЯИ**
**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**СУД 331.5.024.5 (575. 3)** *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**НАЗАРЗОДА НАВРУЗҶОН НАЗАР**

# ТАКМИЛИ АРЗЁБИИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛИ АҲОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат

**Роҳбари илмӣ**: д.и.и., дотсент
Ҷонмамадов Ш.Б.

**Душанбе - 2023**

**МУНДАРИҶА**


**МУҚАДДИМА........................................................................................... 3**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ БАҲОДИҲИИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ .................................. 13**

1.1. Шуғли пурмаҳсул - ҳамчун унсури таркибии бозори меҳнат........... 13

1.2. Ҷанбаҳои методии арзёбии нишондиҳандаҳо ва усули андозагирии сатҳи рушди шуғли устувори пурмаҳсул..................................................... 30

1.3. Тамоюл ва хусусиятҳои рушди шуғли пурмаҳсул дар бозори меҳнат............................................................................................................. 48

**БОБИ 2. БАҲОДИҲИИ МИҚДОРӢ ВА ТАҲЛИЛИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.................................** 59

2.1 Арзёбии методии динамикаи пешравии сохтории аҳолии машғул дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ............................................................ 59

2.2 Таҳлили сатҳи устувори шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................................... 74

2.3 Таҳлили ҳолати бозори меҳнати дохилӣ дар шароити коҳишёбии муҳоҷирати меҳнатии беруна.................................................................... 100

**БОБИ 3. ТАҲЛИЛИ ОМИЛИИ САТҲИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ.........................................................................................** 114

3.1 Услубҳои таҳияи тамсилаи омилии сатҳи шуғли пурмаҳсул................ 114

3.2 Тамсилаи омилии сатҳи аҳолӣ аз ҷиҳати машғул дар иқтисодиёт............................................................................................................ 125

3.3 Дурнамои арзёбии нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................................................. 138

**ХУЛОСА** .............................................................................................. 152

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**.................................................................................. 160

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Рушди муносибатҳои бозорӣ ба таври куллӣ низоми шуғлро, ки асоси иҷтимоӣ – иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад, тағйир дод. Дар айни замон, равияҳои нав дар соҳаи сиёсати шуғл, бахусус таъмин намудани боздеҳи пурмаҳсули қувваи корӣ, алоқаи мустақим бо сиёсати даромадҳо ва барномаҳои зидитаваррумӣ ба вуҷуд омадаанд.

Шуғли пурмаҳсул, ки шакли муҳими низоми шуғл мебошад, ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ, нерӯи инсонӣ ва ба даст овардани зиндагии шоистаи мардуми кишвар аст. Бахусус дар ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" дар соли 2022 чунин дарҷ гардидааст: «Бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат ба ҳисоб рафта, барои татбиқи он қабули барномаҳои соҳавию минтақавӣ зарур аст».[1]

Бояд таъкид намуд, ки тарзҳои муҳими таъмин намудани шуғли пурмаҳсул гуногуншакл буда, агар аз як тараф, аз фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои таҳия ва такмил додани сиёсати шуғли аҳолӣ ва танзими бекорӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва афзун гардонидани маҷмӯи даромадҳо аз фаъолияти меҳнатӣ, инчунин таъмини суғуртаи иҷтимоии аҳолиро пешбинӣ менамоянд, робитаи зич дорад.

Аз ҷониби дигар бошад, шуғли пурмаҳсули аҳолӣ аз фаъолияти оқилонаи агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, маркази бо кор таъминкунӣ ва дигар ташкилотҳои зертобеъи назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҷумҳурӣ мустақиман алоқаманд аст. Ин ҳам бошад, бо роҳи бо кор таъмин намудани бекорон, муҳоҷирони меҳнатии куллан ба ватан бозгашта, мусоидат кардан ба ташкили соҳибкории хурд ва миёна, омода, бозомӯзӣ ва

---

[1]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон " Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" . www.president.tj сана 23.12.2022.

азнавомодакунии шаҳрвандон ҳамчун мутахассисони баландихтисоси касбӣ, зоҳир мегардад.

Инчунин, шуғли пурмаҳсул аз масъулиятии ичтимоии корфармоён, ки ба аҳолии бо ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол ҷойҳои холии кории ҷойдошта ва нави таъсисшаванда пешниҳод менамоянд, алоқаманд аст. Ҳар корфармо новобаста аз шакли моликият ва намуди фаъолияти иқтисодӣ бояд сиёсати фаъоли дохилӣ ва берунии ҳифзи ичтимоии кормандон ва оилаи онҳоро пеш бурда, кормандони худро бо музди кори лоиқ ва шароити меҳнати сазовор таъмин намояд.

Ниҳоят, шуғли пурмаҳсул аз рафтори мусоиди худи кормандон – ташаббускорӣ, истеъдоднокӣ, амалигардонии инноватсионӣ ва масъулиятнокии ҷиддӣ алоқамандӣ дорад. Хусусан хоҳиш ва имкониятҳои худро пурра истифода намудани кормандон ҷиҳати такмил додани сатҳи ихтисоснокӣ, хушсифат ичро кардани корҳо мувофиқи маҷмӯи талаботи корфармо барои зиёд шудани музди меҳнат ва соҳиби вазифаҳои баланд гардидани кормандон мусоидат менамояд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст, ки «Зарурати афзоиши ҳамзамони миқдории шуғли устувори пурмаҳсул ва маҳсулнокии меҳнат, таъмини ҳифзи ичтимоии самарабахш барои Тоҷикистон ҳадафи асосии рушд дар соҳаи меҳнат дар давраи дарозмуҳлат хоҳад шуд»[2].

Самтҳои таъмини рушди иқтисодӣ ва тақвият бахшидан ба соҳаи рушди бозори меҳнат ва шуғл дар кишвар Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 татбиқ гардидааст. Бо вуҷуди ин, асосноккунонии мавқеи шуғли пурмаҳсул, методология ва механизмҳои татбиқи самтҳои стратегии таъмини шуғли пурмаҳсул ва баланд бардоштани даромадҳои аҳолӣ масъалаҳои муҳими бозори меҳнат ҳисобида мешавад.

[2].- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе: 2016. – с. 80.

Зимнан, вижагиҳои назария ва методология рушди бозори меҳнат ниёз ба ташаккул ва такмили методикаи арзёбии миқдории шуғли устувории пурмаҳсулро дорад. Ин ҳолат ба он асоснок кунонида мешавад, ки тақвият бахшидани корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҳлилӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ дар Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 дарҷ гардидааст. Бахусус арзёбии миқдорӣ, тавсифи амиқ ва ҳамаҷонибаи ҳолат, тағйироти маҷмӯи сохтории шуғли пурмаҳсул дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт, инчунин муайян кардани сатҳи рушди шуғли аҳолӣ дар назардошти омилҳои асосии таъсиррасон ниёз ба гузаронидани таҳқиқоти илмиро дорад. Ҳамаи ин масъалаҳои қайдшуда, ки то ба имрӯз дар таҳқиқоти илмии иқтисодшиносони тоҷик ба таври кофӣ таҳқиқ карда нашудаанд, боиси интихоби мавзӯи диссертатсионӣ гардидааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Масъалаҳои муҳими низоми шуғл дар осори илмии мактаби классикӣ – А. Смит, Д. Рикардо ва дигарон, неоклассикӣ – А. Маршал, А. Пиго, Д. Гилдер, М. Фелдстайн, Р. Хол ва дигарон, марксистӣ – К. Маркс, кейнсиансӣ – Ҷ. М. Кейнс, Р. Гордон ва дигарон, монетаристӣ – Л.Варлас, М. Фридмен ва дигарон, синтези неоклассикӣ – П. Самуэлсон ва ғайра ва муосири неоклассикӣ – Д. Гелбрейт, Т. Веблен ва дигарон дарҷ гардидааст.

Дар асарҳои илмии олимони рус масъалаи шуғл дар таҳқиқотҳои илмии Н. А. Горелов, И. А. Ефименко, И. В. Звенкова, В. Л. Клюня, Ю. П. Кокина, Д. А. Коржова, Л. В. Лехтянская, Т. Г. Римская, Г. Н. Соколова, Л. А. Третякова, П. Э. Шлендер ва дигарон баррасӣ гардидааст.

Масъалаи ташаккул ва паҳлуҳои мухталифи рушди бозори меҳнат дар асарҳои илмии олимони тоҷик дарҷ гардидааст. Аз ҷумла танзими бозори меҳнат, ки пешниҳоди қувваи кориро пешниҳод менамояд, профессор Т. Д. Усмонова таҳқиқ намудааст. Х. Н. Фақеров, М. Нурмаҳмадов, Д. Б. Қодиров ҳисоб менамоянд, ки масъалаҳои муносибатҳои меҳнатӣ ва танзими он дар корхонаҳо ва ташкилотҳо аз ҷониби роҳбарони корхонаҳо дар шароити муносибатҳои бозорӣ зарур мебошад. Таъсири масъалаҳои мутаҳаррики

захираҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути рушди равандҳои муҳоҷиратӣ дар асарҳои М. Саидмуродова, А. Г. Ҳоҷибоев, Н. Хоналиев, Х. У. Умаров, Р. М. Furbooҷонов, И. П. Гуршумов, А. Д. Гадоев ва дигарон баррасӣ гардидааст. Мутаҳаррики территориявӣ дар осорҳои илмии Р. М. Бобоҷонов, Д. С. Амонова, А. Д. Ҷабборов, М. К. Кабутов, С. Д. Комилов, Х. А. Абдуллоев, Д. Б. Қодирзода., Иброҳизода., Г. Ғ. Саломова., ва дигарон мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст.

Дар осорҳои илмии олимони тоҷик Р. К. Раҷабов, Ҳ. Н. Фаҷеров, А. М. Турдиева, Д. М. Набиев, Р. М. Бобоҷонов, А. Б. Гулов ва дигарон масъалаҳои муосири шуғл дар бозори меҳнати кишвар дарҷ шудаанд.

Сарфи назар аз миқдори сершумори асарҳои илмии олимони ватанӣ доир ба масъалаи умумииқтисодии бозори меҳнат ва шуғл, методикаи арзёбии миқдори шуғли пурмаҳсул ба таври зарурӣ мавриди омӯзиш қарор наёфтааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзӯъҳои илмӣ.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо банди 5.2 -и Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2022 аз 30 декабри соли 2020 ва Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз 28 майи соли 2022, № 263 алоқаманд мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** коркард ва такмил додани арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути истифодаи услубҳои муосири таҳлил мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда дар диссертатсия, ҳалли вазифаҳои зерин пешниҳод шудаанд:

- дар доираи бозори меҳнат муайян намудани муҳтаво, ҷанбаҳои методии арзёбии нишондиҳандаҳо, тамоюл ва хусусиятҳои рушди шуғли пурмаҳсул дар бозори меҳнат;

- ҷиҳати арзёбии миқдорӣ, тавсифи амиқ ва ҳамаҷонибаи шуғли устувори пурмаҳсул таҳия кардани низоми нишондиҳандаҳои иқтисодию оморӣ;

- баҳои динамикаи тағйироти маҷмӯи сохтории шуғли пурмаҳсул дар бахшҳо ва соҳаҳои иқтисодиёт;

- андозагирӣ намудани сатҳи рушди шуғли устувори пурмаҳсул тавассути истифодаи усули бисёрченаи муқоисавӣ;

- арзёбӣ намудани натиҷаи таҳлили ҳолати бозори меҳнати дохилӣ дар шароити коҳиш гардидани муҳоҷирати меҳнати беруна;

- тамсилаи омилии сатҳи аҳолӣ аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул бо назардошти омилҳои асосии таъсиррасон;

- таҳияи дурнамои нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2027.

**Объекти таҳқиқот** сатҳи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Мавзӯи (предмет) таҳқиқот** коркарду такмили усулҳои методии арзёбии шуғли устувори пурмаҳсул мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Дар натиҷаи истифодаи усули муосири таҳлили бисёрченаи муқоисавӣ шуғли устувори пурмаҳсул арзёбӣ мегардад. Тавассути усули мазкур рейтинги ҷамъбастии рушди шуғли пурмаҳсул дар динамика дар асоси низоми нишондиҳандаҳо баҳо дода мешавад. Инчунин тамсилаи дурнамои нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2027 таҳия карда мешавад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** таҳқиқоти илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ доир ба масъалаи шуғли пурмаҳсул, маълумотҳои марказҳои таҳқиқотӣ, маводи конференсияҳои илмӣ – амалӣ доир ба масъалаи таҳқиқшаванда ҳамчун пойгоҳи назариявии ин таҳқиқот ба ҳисоб меравад,

ташкил медиҳад. Барои асосноккунонии як қатор муқаррароти илмии дар диссертатсия мавҷудбуда ба консепсияҳои мактабҳои классикӣ, неоклассикӣ, марксистӣ, кейнсиансӣ, монетаристӣ, синтези неоклассикӣ ва муосири неоклассикӣ такя карда шудааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаҳои омории Агенти омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳое, ки соҳаи шуғли пурмаҳсулро меомӯзанд ва таҳлил мекунанд, ба сифати сарчашмаҳои расмии – иттилоотии таҳқиқот мебошанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар шуъбаи таҳқиқотҳои институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Муҳтавои асосии навгонии диссертатсия аз истифодаи усулҳои муосири методии таҳқиқи масъалаҳои рушди шуғли устувори пурмаҳсулро дарбар мегирад. Дар ҷараёни омодасозии таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳое ба даст оварда шудаанд, ки навгонии илмии корро муайян намудаанд:

- асоснок кунонида шудааст, ки муҳтавои асосии шуғли пурмаҳсул дар доираи бозори меҳнат на танҳо аз қонеъгардонии талаботи аҳолӣ бо ҷойи корӣ, инчунин аз “нигоҳи иқтисодӣ” ки ба корманд имконият медиҳад манфиати шахсии худро татбиқ намояд, навовариҳои илму техникиро дар фаъолияти хеш истифода бурда, барои ба даст овардани ҳосилнокии баланди меҳнат ва музди корӣ муносиб муваффақ шавад, ки ба такрористеҳсолии муътадили корманд ва аъзоёни оилаи он мусоидат намояд, ифода меёбад;

- барои арзёбии миқдорӣ, тавсифи амиқ ва ҳамаҷонибаи шуғли устувори пурмаҳсул низоми нишондиҳандаҳои иқтисодию оморӣ пешниҳод шудааст. Тавассути нишондиҳандаҳои мазкур, иқтидори иқтисодӣ, ғунҷоиши бозори меҳнат ва дараҷаи ҷалби аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол ба соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт арзёбӣ карда шудаанд;

- барои андозагирии сатҳи рушди шуғли устувори пурмаҳсул, истифодаи тарзу усулҳои маъмул, татбиқи усули таҳлили бисёрченаи муқоисавӣ бартарии калон дорад. Маҳз тавассути истифодаи усули мазкур, таҳкимии ҳолати ҳар нишондиҳандаи тавсифкунанда барои даврахои муайяни таҳлилӣ, яъне рейтинги ҷамъбастии рушди шуғли устувори пурмаҳсул муайян карда шудааст;

- асоснок карда шудааст, ки дар ҳолате, ки таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар кишвар, талаботи умумии иқтисодиёт ба қувваи корӣ муътадилан афзуда, дараҷаи шуғли аҳолии дар иқтисодиёт фаъол дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт зиёд мегардад, ки чунин ҳолат ба коҳишёбии сатҳи бекорӣ ва рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар кишвар сабаб мегардад;

- масъалаи муҳими шуғли пурмаҳсул арзёбии динамикаи тағйироти сохтории аҳолии машғул дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт мебошад. Зимнан сохтори шуғл ҳамчун вазни қиёсӣ ё ҳиссаи аҳолии машғул дар ҳар соҳа ва бахшҳои иқтисодиёт аз маҷмӯи умумии машғулбудагон муайян карда шудааст;

- ҷиҳати муқаррар кардани алоқа ва таъсиррасонии омилҳои асосӣ ба нишондиҳандаи сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғул, муаллиф тамсилаи иқтисодию омориро вобаста аз нишондиҳандаҳои омилҳои асосии таъсиррасон тавассути коэффитсиентҳо таҳия гардидааст. Андозаи таъсиррасонии омилҳои таҳияшуда ба нишондиҳандаи сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғул, тавассути истифодаи усули низоми шохисӣ (индексӣ) ба субот расонида шудааст;

- тамсилаи $У_P = У_b \bullet \overline{K}^L$ дурнамои нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2027 таҳия гардидааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- шарҳ додани муҳтаво ва хусусиятҳои рушди шуғли пурмаҳсул;

- тавсифи низоми нишондиҳандаҳо ва усули андозагирии сатҳи рушди шуғли устувори пурмаҳсул;

- арзёбии динамикаи тағйироти маҷмӯи сохтории шуғли пурмаҳсул дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт тавассути истифодаи коэффитсиенти хатти пешравии мутлақ, коэффитсиенти квадратии пешравии сохтории мутлақ, шохиси тавофут, коэффитсиенти Гатева ва индекси Салаи;

- андозагирӣ намудани дараҷаи рушди шуғли устувори пурмаҳсул тавассути истифодаи усули бисёрченаи муқоисавӣ;

- арзёбӣ намудани натиҷаи таҳлили ҳолати бозори меҳнати дохилӣ дар шароити коҳиш гардидани муҳоҷирати меҳнатии беруна;

- омода кардани тамсилаи омилии сатҳи аҳолӣ аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул бо назардошти омилҳои таъсиррасон;

- таҳия намудани дурнамои нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2027.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки таҳлили иқтисодию назариявии ҳолати шуғли пурмаҳсул арзёбӣ карда шудааст. Натиҷаҳои илмии бадастомада таҳқиқоти мавҷударо дар бахши макроиқтисодӣ мукаммал гардонида, метавонанд ба заминаҳои назариявии таҳияи самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи рушди шуғли пурмаҳсул шомил карда шаванд, ки ба баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ дар кишвар нигаронида шудаанд. Натиҷа ва хулосаҳо дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, инчунин дар Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шаванд. Тавсияҳои амалӣ ва усулҳои методии коркардшуда зимни таълими курсҳои махсуси лексионӣ, навиштани дастурҳои амалӣ дар мактабҳои олии таҳсилоти олӣ, ки иқтисодчиёни ояндаро тайёр менамоянд, метавонад истифода шаванд. Муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар коркарди курсҳои таълимии “Иқтисодиёти меҳнат”, “Бозори меҳнат”, “Омори бозори меҳнат” ва ғайра ба сифати мавод метавонад хизмат расонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ,

коркарди маълумоти омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08. 00. 12 иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад:

1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра).

2. Бозори меҳнат: сохтор ва бахшҳои он; шуғли аҳолӣ, бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ).

3. Масъалаҳои мубрами муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ.

4. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла, интихоби мавзӯъ, асосноккунонии мубрамият, мақсад ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳои илмӣ – назариявии байналхалқии илмию амалӣ дар мавзӯи «Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ» (Душанбе, 13-уми октябри соли 2020) дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва конфренсияи байналмилалии илмӣ - амалии онлайнӣ таҳти унвони “Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: тамсилаҳои муосир ва самаранокии онҳо” 05 – 06 марти соли 2021 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудааст.

**Интишори аз рӯи мавзӯи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои 11 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 5,2 ҷ.ч, аз ҷумла, 8 мақолаи он дар нашрияҳои аз тарафи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда мунташир шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатссия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 18 ҷадвал, 2 расм, 18 диаграмма, хулоса, таҳия карда шуда, дар 177 саҳифаи чопӣ баён гардидааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ БАҲОДИҲИИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ

## 1.1 Шуғли пурмаҳсул ҳамчун унсури таркибии бозори меҳнат

Дар айни замон, бозори меҳнат сегменти таркибии иқтисоди бозорӣ буда, муҳтавои он дар адабиёти муосири иқтисодии хориҷӣ ва ватанӣ бо ақида ва равияҳои гуногун дарҷ гардидааст. Бахусус, дар назарияҳои иқтисодии мамлакатҳои Ғарб муҳтавои бозори меҳнат, тавассути равияҳои консептуалии асосии зерин баён карда шудааст:

- тибқи равияи консепсияи неоклассикӣ, барои тавсифи муҳтавои бозори меҳнат қоидаҳои иқтисодии сиёсии классикӣ истифода бурда шуда, тарафдорони консепсияи мазкур, неоклассикон - П. Самуэлсон, М. Фелдстайн, Р. Хол ва дар солҳои 80 –уми асри XX намояндагони консепсияи иқтисодиёти пешниҳодӣ - Д. Гилдер, А. Лаффер ва ғайра баҳисоб меравaнд. Пайравони ин консепсия тахмин менамуданд, ки бозори меҳнат ба мисли дигар намудҳои бозор дар асоси баробарвазнии нарх, яъне фишанги асосии бозори нарх  ва дар ҳамин маврид қувваи корӣ (музди кор) баромад менамояд. Бахусус, тавассути музди кор, тибқи ақидаи онҳо, талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ танзим карда шуда, баробарвазнии онҳо нигоҳ дошта мешавад. Зимнан, тибқи равияи неоклассикӣ чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст: нархи қувваи корӣ ба таври чандирӣ ба талаботи бозор мутаассир буда, вобаста аз талабот ва пешниҳод тағйир меёбад, вале бекорӣ дар ҳолате, ки дар бозори меҳнат баробарвазнӣ ҷой дорад, ғайриимкон мебошад;
- равияи дигар оид ба бозори меҳнат ин консепсияи кейнсианӣ мебошад. Тибқи консепсияи онҳо бозори меҳнат ин зуҳуроти доимӣ ва фундаменталии нобаробарӣ мебошад. Бахусус, намояндагони тамсилаи кейнсиансӣ Дж. М. Кейнс, баъдан Р. Гордон изҳори ақида менамуданд, ки нархи қувваи корӣ, яъне музди меҳнат ба таври қатъӣ доимӣ буда, амалан тағйир намеёбад. Тибқи консепсияи мазкур, нархи қувваи корӣ, яъне музди кор танзимкунандаи бозор намебошад ва нақши он ба давлат вогузор карда

мешавад, ки бо роҳи кам ё зиёд намудани маҷмӯӣ талабот мумкин аст нобаробарии мазкур бартараф карда шавад. Бо роҳи паст намудани меъёри андоз, давлат метавонад талабот ва истеъмолотро ҳавасманд гардонад, ки дар натиҷа ба афзоиши истеҳсолот ва шуғл мусоидат менамояд. Ҳамин тавр, натиҷагирӣ мумкин аст, талабот ба қувваи корӣ, тибқи тамсилаи мазкур, на аз рӯи тамоюлии нархи бозорӣ ба меҳнат, балки маҷмӯи талабот ё бо тарзи дигар - ҳаҷми истеҳсолот танзим кунонида мешавад;

- ҳамчун тарафдорони равияи кейнсиансӣ, намояндагони мактаби монетиаристӣ, аз ҷумла, М. Фридмен қатъияти сохтори нархро ба қувваи корӣ муайян намудаанд. Маҳз, монетаристон мафҳуми сатҳи бекории табииро, ки тавсифи сохтории бозори меҳнатро инъикос менамояд, ворид намудаанд. Тибқи ақидаи намояндагони мактаби монетаристон барои бозори меҳнат чунин омилҳои манфӣ - аз тарафи давлат муқаррар намудани ҳадди ақали музди кор, мавқеи пурқуввати иттифоқҳои касаба, вуҷуд надоштани иттилооти мукамал доир ба миқдори ҷойҳои кори холӣ ва захираи қувваи корӣ ба пурзуршавии нобаробарии бозорӣ меорад. Барои мувозинати бозори меҳнат монетористон истифода бурдани фишангҳои сиёсати пулию қарзиро пешниҳод менамоянд. Бахусус, сухан дар бораи зарурати истифодабарии чунин фишангҳо, ба монанди меъёри бозтамвили бонки марказӣ (миллӣ), андозаи захираҳои ҳатмии бонкҳои тиҷоратӣ ва ғайра, ки имконият медиҳанд, то фаъолнокии сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкориро ҳавасманд гардониданд, бо ин роҳ мумкин аст ҳиссаи шуғлро дар мамлакат зиёд намоянд.

Ҳамин тавр, рушди муосири бозори меҳнат бо ҷаҳонбинии навин ба қувваи корӣ ҳамчун яке аз захираҳои калидии иқтисодиёт алоқаманд карда шудааст. Ин ҷаҳонбинии нав, шоҳиди рушди воқеии омили инсонӣ дар шароити саноаткунонӣ, инноватсия ва инфрасохтор, ҳангоме ки алоқамандии мустақими натиҷаҳои истеҳсолот аз сифат, мотиватсия ва характери истифодабарии қувваи корӣ намоён мешавад, шаҳодат медиҳад.

Азбаски бозори меҳнат, тавре ки дар боло қайд карда шуд, қисмати муҳими иқтисоди бозорӣ мебошад, бинобар он, қонуният ва хусусиятҳои рушди устувори он тавассути механизми бозорӣ ифода мегардад. Гарчанде ки дар адабиётҳои муосири иқтисодӣ ва таҳқиқоти илмии олимони иқтисодшинос доир ба мафҳуми "механизми бозорӣ" ақидаҳои мухталиф дарҷ гардидаанд. Инчунин, дар «Луғати муосири иқтисодӣ" мафҳуми механизми бозорӣ ба таври зерин қайд гардидааст: "механизми бозорӣ - маҷмӯи воситаи танзими равандҳо ва муносибатҳои иқтисодӣ мебошад; талабот, пешниҳод, нарх, андоз, рақобатро дар бар мегирад» [3]. Қиёсан оид ба мафҳуми механизми бозорӣ, инчунин В.И. Видяпин ва Г.П. Журавлева чунин қайд намудаанд: «Механизми бозорӣ механизми ҳамалоқамандӣ ва байни ҳам таъсиррасонии унсурҳои асосии бозор яъне пешниҳод, талабот ва нарх мебошад. Хусусияти механизми бозорӣ аз он иборат аст, ки ҳар як унсури он бо нарх алоқаи зич дошта, ҳамчун воситаи асосии таъсиррасон ба талабот ва пешниҳод хизмат марасонад» [4]. Тибқи ақидаи иқтисодшиноси тоҷик Г.Ғ. Саломзода «механизми бозорӣ ин низоми танзимкунандаи табииест, ки рушд, амалигардонӣ, тағйирёбӣ ва ҳаракати бозори мазкурро ҳамоҳанг месозад» [5] .

Бояд тазаккур дод, ки механизми бозорӣ дар бозори меҳнат асосан унсурҳои зеринро дар бар мегирад: талаботи умумии иқтисодиёт ба қувваи корӣ, пешниҳоди қувваи корӣ ва нархи қувваи корӣ. Маҳз бо дарназардошти унсурҳои механизми бозорӣ, аз нуқтаи назари муаллиф мумкин аст, муҳтавои рушди устувори бозори меҳнатро арзёбӣ намояд.

Инак, унсури аввали механизми бозорӣ ин мафҳуми талаботи умумии иқтисодиёт ба қувваи корӣ мебошад. Дар маҷмӯъ, муайян намудани талабот ба қувваи корӣ муҳиммияти хосро на танҳо аз нигоҳи назариявӣ, инчунин,

---

[3] Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш Современный экономический словарь. [Текст] // Б.А. Райзберг, Л. Ш. Лозоаский, Е. Б. Стародубцева. - 6 –е изд., перераб. И доп. – М.: ИНФАРМ-М, 2011. – 381с.

[4] Экономическая теория (политэкономия). [Текст]: учебник // Под общ. Ред. акад. В.И. Видяпина, акад. Г. П. Журавлевой. – 4 – е изд. – М.: ИНФРАМ, 2005. – 127с.

[5] Саломова Г.Г. Регулирование рынка труда: институциональные подходы. [Текст] // Г.Г. Саломова. – Душанбе: «Ирфон», 2006 - 39с.

муносибати амалӣ дорад. Зеро ки талабот ба қувваи корӣ бо ташаккул ва амалигардонии сиёсати иқтисодии мамлакат алоқаманд мебошад. Бахусус, муносибати талабот ба қувваи корӣ дар як давраи муайян ва шумораи умумии қувваи корӣ - ҳамчун пешниҳоди меҳнат имконият медиҳад, ки сатҳи шуғли аҳолии дар иқтисодиёт фаъол, миқёс ва сатҳи бекорӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва дигар қисматҳои муҳими бозори меҳнат муайян карда шавад. Биноан, мафҳуми талабот ба қувваи корӣ шарти асосӣ ва муҳими танзими давлатии бозори меҳнат, шуғл, бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамчун унсури муҳими механизми бозорӣ талаботи умумии иқтисодиёт ба қувваи корӣ дар шакли умумӣ сохтор ва ҳаҷми талаботи соҳаҳои иқтисодиёт ба шумораи муайяни коркунони кироякорро ифода менамояд. Талаботи умумӣ ба сифати унсури бозори меҳнати ҷорӣ шумораи миёнасолонаи кормандони кироякор ҳамчун унсури талаботи умумӣ дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ таҳлил карда мешаванд, баромад менамоянд.

Агарчӣ талаботи умумӣ ба қувваи корӣ аз нигоҳи миқдорӣ тавассути нишондиҳанда арзёбӣ карда шавад, он гоҳ нишондиҳандаи мазкур аз маҷмӯи миқдори ҷойҳои холии кор (ё миқдори изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандон) ва миқдори ҷойҳои бандшудаи (ё машғулшудаи) кор иборат аст. Талаботи умумии иқтисодиёт ба қувваи корӣ (кормандон) (Ту) суммаи миқдори изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандон (ё миқдори воҳидҳои ҷойҳои холии кор) ва миқдори аҳолии дар машғул (ё миқдори воҳидҳои бандшудаи кор) муайян карда мешавад. Нишондиҳандаи талаботи умумии иқтисодиётро ба қувваи корӣ (кормандон) (Ту) метавон тавассути формулаи зерин ҳисоб намуд:

$$Ту = Тб + Ти, \quad (1)$$

дар ин ҷо:

Тб - миқдори аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул (ё миқдори воҳидҳои ҷойҳои бандшудаи кор).

Ти - микдори изхороти корхонахо дар бораи талабот ба кормандон (ё микдори вохидхои чойхои холии кор);

Бояд тавсиф намуд, ки шумораи умумии аҳолӣ аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғули кор бузургии қонеъшуда ё амалигардидаи талаботи иқтисодиёт ба қувваи кориро (кормандон) ифода менамояд. Миқдори ҷойҳои корӣ, ки дар иқтисодиёт бо сабабҳои гуногун банд нашудаанд, бузургии қонеънашуда ё амалинагардидаи талаботро ба қувваи корӣ таҷассум менамояд. Дар баъзе ҳолатҳо миқдори ҷойҳои холии корӣ ҳамчун талаботи захиравӣ ном бурда мешавад.

Бояд иброз дошт, дар шароити муътадили рушди иқтисодиёти миллӣ зарурияти муайян намудани талаботи потенсиалӣ ба қувваи корӣ ба вуҷуд меояд. Ин ҳолат ба он асоснок кунонида мешавад, ки дар барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 - 2019 чунин қайд гардидааст: «Табиист, киислоҳот вобаста ба ҷумҳурии индустриаливу аграрӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сохторҳои иқтисодиёти Тоҷикистон таъсир мерасонад, яъне тағйироти сохтори иқтисодиёт ба амал меояд. Тағйир ёфтани сохтори иқтисодиёт ва ворид гардидани технологияҳои нави истеҳсолӣ масъалаи омодасозии кадрҳои нави коргарӣ ва мутобиқсозии захираҳои меҳнатии мавҷударо ба талаботи иқтисодиёт, тақозо менамояд. Дар ин сурат раванди хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва таълимии касбӣ ба талаботи воқеии иқтисодиёти кишвар бояд мутобиқ бошад» [6].

Дар солҳои оянда рушд намудани иқтисодиёт аз ҳисоби таҷдид (реструктуризатсия) ё васеъшавии истеҳсолот, бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва ғайра аз ҷониби корхонаю ташкилотҳои шаклҳои моликияташон хусусӣ ва давлатӣ таъмин карда мешавад. Дар ҳама гуна мавридҳои баробар, зарурати таҳия намудани тамсилаи дурнамои талаботи

[6] Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 - 2019, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2017, №499 тасдиқ шудааст. С.12.

соҳаҳои иқтисодиёт ба қувваи кории иловагӣ дар давраҳои миёна ва дарозмуҳлат ба миён меояд.

Бояд қайд намуд, ки талаботи сохторӣ яке аз қисми талаботи умумии иқтисодиёт ба қувваи корӣ мебошад. Биноан, дар баробари талаботи умумӣ, инчунин, таҳқиқ ва муайян намудани талаботи сохтории иқтисодиёт ба қувваи корӣ, бахуссус аз рӯи аломати ихтисоснокӣ – касбии қувваи кории ба кироя гирифташаванда, дар айни замон масъалаи муҳими назария ва амалияи бозори меҳнат дониста мешавад.

Тавре ки дар боло қайд карда шуд, унсури дигари механизми бозорӣ ин пешниҳоди умумии қувваи корӣ (кормандон) (Пу) ба бозори меҳнат мебошад. Албатта ин шумораи хатмкардаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (Хо), шумораи хатмкардаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (Хм), шумораи хатмкардаҳои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (Хи), шумораи хатмкардаҳои мактабҳои маълумоти умумӣ (Ху), шумораи кормандони аз омодагии касбӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаҳосилкунӣ гузаштаанд (Ти) ва шумораи кормандоне, ки аз омодагии касбӣ ва бозомодакунӣ гузаштаанд (Тб), инчунин, кормандони мамлакатҳои хориҷие, ки дар дохили кишвар кор мекунанд (Кх), баҳисоб меравaнд. Нишондиҳандаи пешниҳоди умумии қувваи кориро (Пу) мумкин аст ба воситаи формулаи зерин ҳисоб кард:

$$Пу = Хо + Хм + Хи + Ху + Ти + Тб + Кх \quad (2)$$

Мавриди зикр аст, ки аз ҷиҳати назариявӣ се ҳолати тағйирёбии таносуби байни талаботи умумии иқтисодиёт ба қувваи корӣ ва пешниҳоди умумии қувваи кориро арзёбӣ намуд:

- дар ҳолате, ки талаботи умумии иқтисодиёт ба қувваи корӣ (кормандон) > аз пешниҳоди умумии қувваи корӣ (кормандон) зиёд аст, дар натиҷа миқдори норасоии қувваи корӣ (кормандон) ба вуҷуд меояд;
- дар ҳолате, ки талаботи умумии иқтисодиёт ба қувваи корӣ (кормандон) баробар ба пешниҳоди умумии қувваи корӣ (кормандон),

мебошад, дар натиҷа мувозинати қувваи корӣ (кормандон) дар иқтисодиёт ба вуҷуд меояд;

- дар ҳолате, ки талаботи умумии иқтисодиёт ба қувваи корӣ (кормандон) < аз пешниҳоди умумии қувваи корӣ (кормандон), ки дар натиҷа миқдори барзиёди қувваи корӣ (кормандон) ба вуҷуд меояд.

Нархи қувваи корӣ унсури муҳими механизми бозори меҳнат мебошад. Зимнан муайян намудани фарқияти нархи меҳнат аз арзиши қувваи корӣ масъалаи муҳими назариявӣ аст. Аз ин рӯ, тақозо карда мешавад, ки бояд моҳияти арзиши қувваи корӣ маънидод карда шавад.

Дар адабиёти иқтисодӣ бештар арзиши қувваи корӣ ҳамчун муродифи нархи меҳнат таҷассум гардидааст. Ҳол он ки зери мафҳуми нархи қувваи корӣ ифодаи пулии истифодабарии меҳнат, ё музди кор дар назар дошта мешавад. Зери мафҳуми арзиши қувваи корӣ бошад, ҳамаи маҷмӯи пардохтҳои пулӣ ва ғайримоддӣ ба меҳнати корманд барои истифодаи қобилияти он мебошад. Фарқияти нархи меҳнати корманд аз арзиши қувваи кории ӯ аз рӯи аломатҳои зерин ифода карда мешавад:

- шартномавӣ будани бузургии нархи меҳнат;
- муайян шудани мушахассии бузургии нархи меҳнат;
- мавҷудияти нарх ҳамчун натиҷаи хотимавии аҳди (савдо) байни корманд ва корфармо.

Ризоияти корманд ба музди меҳнат, ки аз ҷониби корфармо пешниҳод карда мешавад, худи корманд меҳнати худро баҳо медиҳад ва то кадом андоза арзиши боадолатонаи муътадил дорад, натиҷаи муносибатҳои шартномавии байни онҳо мебошад.

Хосатан нархи меҳнат то оғози раванди истеҳсолот муайян гардида, арзиши қувваи кории сифати муайянро ифода менамояд. Музди кор бошад, баъд аз иҷрои корҳои муайян вобаста аз миқдор, сифат ва натиҷаҳои бадастоварда пардохт карда мешавад. Нархи меҳнат сатҳи музди меҳнатро ба ҳисоби миёна тибқи ин ё он гурӯҳҳои вазифавии кормандон тавсиф менамояд. Музди кор мафҳуми мушаххас буда, шакли фардиро қабул

менамояд ва натиҷаи меҳнати мушаххаси кормандро инъикос менамояд. Бинобар он, метавон натиҷагирӣ кард, ки мафҳуми музди кор мураккаб ва сернақшаи иқтисодӣ мебошад. Аз нигоҳи корфармо, музди кор ҳамчун унсури хароҷоти (масрафоти) истеҳсолӣ баромад менамояд. Вобаста ба ин, корфармо доимо кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҳаҷми музди корро то ҳадди ақал муқаррар намуда, ҳиссаи онро дар маҷмӯи хароҷотҳои истеҳсолӣ бо мақсади гирифтани фоида кам менамояд. Аз нигоҳи корманди кироя бошад, музди кор ҳамчун қисми асосии даромадро ташкил дода, барои барқарорсозии қобилияти меҳнат, қонеъ гардонидани талаботҳои моддӣ ва маънавии корманд ва аҳли оилаи он истифода бурда мешавад. Бинобар ин, корманд  бо тамоми қувва саъю талош менамояд, ки соҳиби музди калони кор гардад. Ниҳоят, дар натиҷаи манфиатҳои мутақобилии корфармо ва корманди кироя андозаи мушаххаси музди кор ташаккул меёбад. Хуллас дар бозори меҳнат, вобаста аз таносубии талабот ба меҳнат ва пешниҳоди меҳнат нархи меҳнат ташаккул ёфта, дар ниҳояти ҳалкунанда ба сатҳи музди кор таъсир мерасонад. Албатта дар ин ҷо сухан дар бораи сатҳи миёнаи музди кор дар мамлакат, мушаххасан соҳа, ширкат, фирма ва гурӯҳҳои кормандони касбӣ меравад. Ҳамин тавр, метавон натиҷагирӣ кард, ки агар дар бозори меҳнат талабот ба меҳнат нисбат ба пешниҳоди меҳнат афзояд, он гоҳ нархи меҳнат тамоюли болоравиро дорад ва баръакс, агар пешниҳоди меҳнат нисбат ба талабот ба меҳнат афзояд, он гоҳ нархи меҳнат дар бозори меҳнат коҳиш меёбад.




**Расми 1.1.1  Назарияҳои иқтисодии шуғл**

Расм аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.

Бояд қайд кард, ки шуғл унсури таркибии бозори меҳнат ба ҳисоб меравад. Зимнан, масъалаи шуғл дар ҳама давру замон, ки хусусияти синфӣ ва таърихӣ дорад, ҳамчун масъалаи муҳими иҷтимоӣ дар назарияҳои гуногуни иқтисодии он мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Намояндагони назарияи классикии шуғл А. Смит, Д. Рикардо, ва дигарон маҳсуб ёфта, комилан ақида доштанд, ки иқтисоди бозорӣ қудрати истифодаи пурраи захираҳои қувваи кориро дорад ва дар ҳамин асос шуғли мукаммалро таъмин месозад. А. Смит дар асари "Таҳқиқот доир ба табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо" қайд менамояд, ки фаъолияти одамон, ва нигаронии онҳо аз рӯи манфиатҳои шахсӣ муайян карда мешавад.Тибқи ақидаи А. Смит робита ба шуғл дар он ифода мегардад, ки дар шароити бозор ва рақобати озод талабот ва пешниҳод мутавозун гардида, шуғли пурра таъмин карда мешавад. А. Смит саҳми бузургро дар назарияи шуғл гузошта, асоси онро се омили истеҳсолот, яъне меҳнат, сармоя ва замин ташкил медиҳад. Иқтисодшиносон – классикони назарияи шуғл тибқи таҳқиқоти худ хулоса баровարданд, ки бекории иҷборӣ ғайриимкон буда, иқтисоди бозорӣ худтанзимшаванда аст. Классикони назарияи шуғл, капитализмро ҳамчун иқтисодиёти худтанзимшаванда мақбул дониста, дар он шуғли пурраро меъёр (норма) меҳисобанд ва аз ин лиҳоз, қобилият дорад, ки бо майли худ рушд ёбад. Мантиқи назарияи классикон бо мафҳуми том дар дахлнопазирии сиёсати иқтисодии давлат ифода мегардад.

Намояндагони пешбаранда мактаби ғайриклассикӣ А. Маршал, А. Пиго, инчунин, Д. Гилдер, А. Лаффер, М. Фелдстайн, Р. Хол ва дигарон буда, асоси мавқеи онҳо назарияи классикӣ мебошад. Дар асарҳои илмии онҳо, бозори меҳнат ҳамчун робитаи низоми дохилии ғайриҷинсӣ ва динамикӣ баррасӣ гардида, ба қонунҳои бозорӣ итоат менамоянд. Танзимкунандаи бозори меҳнатро механизмҳои бозорӣ ташкил медиҳанд. Нархи меҳнат, яъне музди кор ба талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ таъсир мерасонад, инчунин таносубии онҳоро ба танзим даровaрда мувозинатии байни онҳоро нигоҳ медорад. Тавассути баланд бардоштан ё коҳиш додани музди кор талабот ба

меҳнат ва пешниҳоди он танзим карда мешавад. Агарчи дар натиҷаи барзиёд пешниҳод намудани қувваи корӣ нисбат ба талаботи он бекорӣ ба вуҷуд ояд, он гоҳ вай ба нарх ба самти коҳишёбии онҳо таъсир мерасонад. Чунин ҳолат то он даме идома меёбад, ки дар бозори меҳнат мувозинатӣ барқарор нагардад.

Бояд қайд кард, ки иқтисодшиноси машҳур, Карл Маркс, бо таври муфассал масъалаҳои шуғл ва бекориро дар робита бо мавқеи синфи коргар ва истисмори он мавриди таҳқиқот қарор додааст. Назарияи К. Маркс асосан назарияҳои арзиши изофа, рушди сохтори органикии сармоя ва қонуни нуфузро дар бар мегирад. Назарияи аввал, яъне арзиши изофа ба таҳлили моҳият ва хусусияти қувваи корӣ асоснок карда шудааст. Дар мамлакатҳои капиталистӣ қувваи корӣ моли махсус мебошад ва коргар қобилияти меҳнати худро ба фурӯш мегузорад. Дар раванди истеҳсолот ӯ арзиши нав бунёд менамояд, ки аз арзиши қувваи корӣ зиёд аст, яъне корфармо иловатан соҳиби арзиши изофа мегардад. Чунин қобилияти қувваи корӣ сармояи тағйирёбанда номида мешавад, ки барои хариди қувваи корӣ пешпардохт карда мешавад. Арзиши мол баробар аст ба суммаи сармояи домӣ, сармояи тағйирёбанда ва арзиши изофа, яъне:

$$c + v + m, (3)$$

дар ин ҷо:

c – сармояи доимӣ;

v – сармояи тағйирёбанда;

m – арзиши изофа.

Таносуби сармояи доимӣ ва сармояи тағйирёбандаро, К. Маркс сохтори органикии сармоя номидааст. К. Маркс дар боби 23 ҷилди якуми “Капитал” таъсири зиёдшавии сармояро ба ҳолатҳои синфи коргар ва шуғл таҳлил намудааст. Соҳибкорон барои гирифтани арзиши изофагии барзиёд кушиш намуда, манфиатдор буданд, ки арзиши фардии (индивидуалии) мол дар корхона аз арзиши ҷамъиятӣ паст бошад. Барои ин зарур шуморида мешуд, ки хароҷотро ба сармояи доимӣ зиёд намоянд. Дар натиҷа, ҳиссаи сармояи

тағйирёбанда кам гардида, талабот ба қувваи корӣ нисбатан коҳиш меёбад ва шумораи шуғл дар муқоиса бо зиёдшавии ҳамаи сармоя ва ҳамаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ сустар зиёд мегардад. Бахусус, дар ҳамин асос К. Маркс қонуни нуфузро эҷод менамояд, ки ба тарзи истеҳсолоти капиталистӣ хос мебошад. Ҳамин тавр К. Маркс собит намуд, ки ҳангоми зиёдшавии сармоя ва истеҳсолоти ҷамъиятӣ талабот ба қувваи корӣ коҳиш меёбад, шуғл кам мегардад ва бекорӣ меафзояд.

Дар низоми назарияҳои шуғл мақоми хосаро назарияи шуғли кейнсиансӣ дорад. Иқтисодшиноси машҳури англис Ҷ. М. Кейнс асосгузори назарияи шуғл дар иқтисодиёти омехта мебошад. Бояд зикр намуд, назарияи кейнсиансии шуғл бо таври кулли аз равияи классикӣ фарқ мекунад. Муҳтавои назарияи мазкурро метавон мушаххасан бо намуди зерин баён намуд:

- ✓ дар капитализм ҳеҷ гуна механизм, ки шуғли пурраро кафолат медиҳад, вуҷуд надорад;
- ✓ иқтисодиёт метавонад ҳангоми зиёд будани сатҳи бекорӣ ва таварруми қатъӣ баробарвазн бошад;
- ✓ шуғли пурра, яқинан тасодуфӣ буда, қонуният надорад;
- ✓ капитализм низоми худтанзимшаванда нест, инчунин ба инкишофи беохир қобилият надорад ва тахмин карда намешавад, ки худ аз худ рушд меёбад.

Барои иқтисодшиносон – классикон талаботи маҷмӯӣ , то ба ҳоле, ки тағйироти куллӣ дар пешниҳоди пул ба вуҷуд наояд, устувор боқӣ мемонад. Барои кейнсианчиён тағйирёбии талаботи маҷмӯӣ ва ғайричандирии нарх дар самти коҳишёбӣ маънои онро дорад, ки бекорӣ метавонад зиёд гардад ва дар муддати тӯлонӣ дар иқтисодиёти бозорӣ нигоҳ дошта шавад. Барои дур шудан аз талафоти калони пастравӣ ва буҳронҳо сиёсати макроиқтисодии фаъоли танзими талаботи маҷмӯӣ аз ҷониби давлат зарур аст.

Мавқеи асосиро дар назарияи Д. Кейнс принсипи талаботи босамар пешниҳод гардидааст. Ақидаи Д. Кейнс чунин аст:

$$N = D1 + D2 \quad (4)$$

дар ин ҷо:

N – ҳаҷми хароҷоти меҳнат;

D1 – хароҷоти ҷомеа;

D2 – хароҷот барои сармоягузории (инвеститсияи) нав.

Тибқи муодилаи мазкур, шуғл функсияи талаботи босамар мебошад. Зиёдшавии ҳаҷми умумии талаботи босамар ҳаҷми истеҳсолот ва некуаҳволии миллатро афзун мегардонад. Дар ҳолати норасоии он ба нопуррашавии иқтидорҳои истеҳсолӣ, коҳишёбии суръати истеҳсолот, зуҳуроти бурҳонӣ ва бекорӣ оварда мерасонад.

Дар натиҷаи таҳлил Д. Кейнс чунин хулосабарорӣ менамояд, ки аз як ҷониб хоҷагии бозории капиталистӣ ҳеҷ гуна механизми автоматии

барқароркунии мувозинатиро надорад ва аз ҷониби дигар зарурият ба танзими давлатии иқтисодиёт пайдо мегардад, ҳаҷми талаботро васеъ гардонида, тавассути он бекорӣ коҳиш дода мешавад.

Асоси назарияи монетаристии шуғлро як қатор заминаҳои назариявӣ ва методологӣ, аз ҷумла, назарияи миқдории пул, назарияи нисбии нархии А. Маршал, назарияи баробарвазнии бозории Л. Валрас, варианти кӯтоҳмуҳлати Консепсияи каҷхаттаи Филлипс, тамсилаи кейнсиансии “ инвеститсия – пасандоз – меҳнат – пул” (ИПМП), неопозитивизм ҳамчун асоси методологии таҳқиқоти равандҳои иқтисодӣ ташкил медиҳанд. Зимнан, асосгузори назарияи монетаристӣ дар илми иқтисодӣ олими амрикоӣ М. Фридмен ба ҳисоб рафта, мавқеи муайянкунандаи нақши пулро дар рушд ва таҳкимии иқтисодиётро асоснок кардааст. Консепсияи монетаристонро ба таври зерин ифода кардан мумкин аст:

- хоҷагии бозорӣ дорои дараҷаи баланди устуворӣ ва рақобатпазирӣ мебошад, бинобар он ба таҳкимӣ ва худтанзимкунӣ майл мекунад;
- дахлпазирии давлат ба иқтисодиёт сабаби асосии таваррум ва ноустувории рушди иқтисодӣ мебошад;

➢ онҳо муқобили чораҳои иҷтимоии ҳукумат ҷиҳати дастгирии табақаҳои аҳолии камбизиоат ва беҳимояи иҷтимоӣ буда, ҳисоб менамуданд, ки онҳо ғайрисамаранок ҳастанд;

➢ танзимгари асосии иқтисодиёт пул, стратегия ва тактикаи сиёсати пулӣ – қарзӣ, интишори устувори пул мебошад.

Муодилаи асосии монетаристон муодилаи мубодилаи пул ба мол (муодилаи мубодила), яъне MV = PQ мебошад. Дар ин ҷо MV – хароҷоти умумии харидорон барои хариди ҳаҷми неъматҳои истеҳсолӣ ва PQ – маблағи умумии фурӯшандагони чунин неъматҳои моддӣ аст.

Ҳамин тавр, монетаристон суръати муомилоти пул (V) –ро устувор меҳисобанд, бо вуҷуди ин, тибқи ақидаи онҳо омилҳое, ки ҳаҷми истеҳсолот ва шуғл (Q) ва сатҳи нарх (P) –ро муайян менамояд, пешниҳоди пул (M) мебошад. Аз рӯи ақидаи онҳо натиҷагирӣ карда мешавад, ки пешниҳоди пул (M) омили муҳим ва ягонаест, ки сатҳи истеҳсолот, шуғл ва нархро муайян карда, ниҳоят ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти миллӣ таъсир мерасонад. Иқтисодшинос М. Фридмен тасдиқ менамояд, ки байни тағйирёбии ҳаҷми (массаи) пул ва даромади миллӣ алоқаи зич ҷой дорад. Чунин андеша маънои онро дорад, ки дар ҳолати рушди муътадилии иқтисодиёт пешниҳоди пул бояд дар фосилаи аз 3 то 5% дар як сол афзояд.

Доир ба ақидаҳои монетаристон, миёни аксарияти иқтисодшиносон баҳсҳои зиёд ҷой доранд. Бахусус, онҳо собит менамоянд, ки суръати муомилоти пул (V) устувор нест ва наметавонад ба устуворӣи зиёдшавии пешниҳоди пул (M) ва таҳкимии рушди маҷмӯи маҳсулоти миллӣ мусоидат намояд. Бо вуҷуди ин, нақши мусбати монетаристон дар таҳқиқоти механизми таъсири сиёсати пулӣ ба рушди иқтисодиёт ва шуғли аҳолӣ ифода меёбад.

Мавқеи хосро дар низоми назарияҳои шуғл синтези неоклассикӣ ташкил дода, асосгузори он олими амрикоӣ, П. Самуэлсон, мебошад. Муҳтавои назарияи синтези неоклассикӣ бо таври зерин баён карда мешавад: аксарияти иқтисодшиносон дар Ғарб саъю кӯшиш менамуданд, ки бо роҳи сиёсати

босамари пулию қарзӣ ва фискалии макроиқтисодиёти классикии А. Смит ва Маршалро бо макроиқтисодиёти муосир ҳамроҳ намоянд. Тибқи ақидаҳои намояндагони назарияи синтези неоклассикӣ ҳукумат ва бонки марказӣ нишон додаанд, ки онҳо бо кумаки сиёсати фискалӣ ва пулию қарзӣ метавонанд ба даромади миллӣ ва шуғл таъсир расонанд.

Дар охири солҳои 70 – уми асри XX дар назарияи кейнсиансӣ нуқсонӣ ҳис карда мешавад. Агар баъд аз давраҳои ҷангӣ рушди мамлакатҳои капиталистӣ назарияи Д. Кейнс – афзоиши маҷмӯи хароҷоти ҳаҷми истеҳсолот, рушди иқтисодӣ ва коҳишёбии бекорӣ бидуни афзоиши нархҳо тасдиқ шуда бошад, он гоҳ мушоҳида гардид, ки дар солҳои 60 – ум сатҳи баланди таваррум ҳамчун омили доимии ҳаёти иқтисодии мамлакатҳои тараққикарда мебошад.

Намояндагони консепсияи иқтисодиёти пешниҳодӣ барои ҳавасмандгардонии маҷмӯи пешниҳод, фаъолгардонии истеҳсолот ва шуғл баромад менамоянд. Намояндагони мазкур ба каҷхаттаи Лаффер такя намуда, пешниҳод менамоянд, ки аз низоми андозбандии прогрессивӣ даст кашида, андозҳои иҷтимоиро аз байн бубаранд ва хароҷоти федеролиро ба субсидияҳои корхонаҳои саноатӣ, рушди инфрасохторҳо ва ғайра кам намоянд.

Ҷонибдорони консепсияи институтсионализм – Д. Гелбрейт, Т. Веблен ва дигарон зарурият медонистанд, ки ҳамаи шароитҳои маҷмӯӣ ва омилҳоро, ки ба тамоми паҳлуҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ таъсир мерасонанд, бояд ба ҳисоб гиранд. Онҳо изҳор намуданд, ки барномаҳои иҷтимоиро васеъ гардонанд, ҳамзамон ҳисоб намуданд, ки масъалаи кафолати иҷтимоӣ нисбат ба масъалаи музди кор муҳимтар аст.

Ҳамин тавр, назарияҳои асосии шуғлро мавриди таҳқиқот қарор дода, бевосита изҳор карда мешавад, ки мафҳуми шуғл ҳамчун унсури асосии низоми муносибатҳои меҳнатӣ мебошад. Хусусияти фарққунандаи мафҳуми шуғл дар он ифода меёбад, ки хусусияти умумӣ дорад ва ба ҳар тарзи истеҳсолот хос аст. Бинобар он, муҳтавои худро шуғл - ҳамчун омили

муайянкунанда ва шарти асосии амалигардонӣ ва рушди қувваҳои истеҳсолкунанда зоҳир менамояд.

Бояд зикр намуд, ки ташаккули шуғл хеле барвақт то пайдо шудани қувваи кории кироя ё бозори меҳнат ба вуҷуд омадааст. Дар шароити модернизатсияи муносибатҳои меҳнатии бозорӣ шуғл моҳияти аслии сифатиро қабул намуда, хусусияти иқтисодии худро зоҳир менамояд. Агар бо мазмуни васеъ, мафҳуми шуғлро ифода намоем, он гоҳ ин маънои бо кор таъмин намудан ё фаъолияти меҳнатӣ, ки даромад (музд) меоварад, дорад. Бо чунин мазмун, мафҳуми шуғл ҳамроҳшавии одамон ба раванди меҳнатӣ, бо меҳнат машғул будани онҳо оид ба дараҷаи иштироки бошуури аҳолӣ дар истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва маънавӣ шоҳидӣ медиҳад.

Дар адабиёти илмии иқтисодӣ то инҷониб нуқтаи назари муайян доир мафҳуми шуғл қайд нагардидааст, ки ин норасоии методологӣ мебошад. Агарчи олимони асри XIX мафҳуми шуғлро ҳамчун тақсими кормандон аз рӯи соҳаҳои фаъолияти меҳнатӣ баррасӣ карда бошанд, он гоҳ дар ибтидои асри XX мафҳуми мазкур ҳамчун дараҷаи ҷалби қувваи корӣ ба истеҳсолот тавсиф карда мешавад. Дар давраи сотсиализми муттарақӣ аксарияти олимон оид ба мафҳуми шуғл андешаронӣ намуда, онро «ҳамчун ҳодисаи иҷтимоӣ – иқтисодӣ, ки муносибати байни меҳнаткашонро доир ба пурра ва оқилона истифода бурдани иқтидори меҳнатии ҷомеа ифода намудааст, маънидод менамоянд»[7].

Айни замон, доир ба мафҳуми шуғл нуқтаи назари олимон гуногун мебошад. Феълан, ба баҳсу мунозираҳои олимон нисбат ба мафҳуми шуғл аҳамият надода, тафсири мафҳуми шуғлро аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ муайян кардан мумкин аст. Шуғл ҳамчун мафҳуми назариявӣ ин фаъолияти муфиди ҷамъиятии шаҳрвандон буда, бо қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва ҷамъиятӣ алоқаманд аст ва ба онҳо даромади меҳнатӣ меоварад. Аз нигоҳи амалӣ, шуғл таносуби шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат ва шумораи

[7] - Касимовский В. Е. Формирование и использование трудовых ресурсов с. 11 / Е. В. Касимовский. – М. : Экономика, 1982. – 424 с.

аҳолии дар иқтисодиёт машғулбуда, дараҷаи истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва вазъиятро дар бозори меҳнат тавсиф менамояд. Албатта шуғл, талаботи одамонро на танҳо барои гирифтани даромад, инчунин дар хештангарӣ тавассути фаъолияти муфиди ҷамъиятӣ, дараҷаи қонеъгардонии талаботи мазкур ҳангоми сатҳи муайяни рушди иҷтимоӣ – иқтисодии кишвар инъикос менамояд.

Вазъияти муосир дар соҳаи шуғл нисбат ба талаботи иқтисоди бозорӣ номувофиқ буда, раҳоии иқтисодиёт аз бухронҳо ва рушди минбаъдаи ҷомеа танҳо дар он ҳолат имконият пайдо менамояд, ки агар иқтисодиёт тавонад манфиатҳои инсонро дар соҳаи меҳнат инъикос намояд.

Талаботи амалии ҳисобгирии захираҳои меҳнатӣ тақозо менамояд, ки намудҳои гуногуни шуғл – пурра, маҳсулнок, оқилӣ, босамар ва судманди иҷтимоӣ ҷудо карда шавад.

Дар иқтисодиёт таҳти мафҳуми шуғли пурра (мукаммал) истифодабарии ҳамаи захираҳо дар назар дошта мешавад. Зарфияти пурраи истеҳсолот ба тақсими босамар ва истифодаи захираҳо, инчунин имконияти зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ нигаронида шудааст.

Мафҳуми шуғли пурра, тавре ки омӯзиши адабиётҳои иқтисодӣ шоҳидӣ медиҳанд, то инҷониб таърифи ягонаи худро надорад. Бинобар он, нисбати мафҳуми мазкур, дар айни замон, иқтисодшиносон ба таврҳои мухталиф ақидаҳои худро изҳор намоянд. Бахусус, лозим ба ёдоварист, ки дар давраи шуравӣ ба сифати критерияи шуғли пурра (мукаммал), ин умумияти шуғл, таъмини ҳамаи аҳолии қобили корӣ бо ҷои корӣ баромад менамуд. Тавре ки таҷрибаи ҳаётӣ нишон медиҳад, чунин критерия низ на ҳама вақт самарабахш ва мувофиқи мақсад аст. Бинобар он, шуғли пурра (мукаммал) ҳолати иқтисодиётест, ки дар он ҳамаи аҳолии қобили меҳнат аз рӯи сатҳи воқеии музди кор хоҳиши кор карданро доранд ва аз ин лиҳоз, соҳиби ҷойи корӣ мебошанд. Дар ин қарина, ки ҳамчун мусовияти шуғли оптималӣ истифода карда шудааст, сухан дар бораи ҷойи кории маҳсулдеҳ меравад. Ин имконият медиҳад, ки корманд манфиатҳои шахсии худро амалӣ гардонад, комёбиҳои

илмӣ – техникиро истифода бурда, ҳосилнокии меҳнатро афзун намояд ва ниҳоят музди арзандаи кориро ба даст оварда, на танҳо такрористеҳоли қувваи кории худ, инчунин аҳли оилаашро таъмин намояд.

Мафҳуми шуғли пурмаҳсул дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо таври зерин дарҷ гардидидааст: « ... фаъолиятеро, ки ба даст овардани даромадро дар шакли музди меҳнат ё ин ки фоида аз соҳибкорӣ дар раванди истеҳсоли молҳо, пешниҳоди хизматрасониҳо ва ғайра таъмин мекунад, ифода меёбад»[8]. Албатта, мафҳуми мазкур, аз як тараф шуғли аҳолии қобили меҳнатро дар назар дорад, ки даромади сазовор, солимӣ, рушди сатҳи маълумотнокӣ ва касбиро барои ҳар аъзои ҷомеа дар асоси рушди ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ таъмин менамояд, аз ҷониби дигар, ҳамчун антиподи ё мухолифи машуғлияти шаклӣ (формалӣ), яъне дар барзиёдии шумораи ҳайати коркунони корхона ё ҷойҳои кории фиктивӣ (қолабӣ) мебошад.

Ҳамин тавр, мафҳуми шуғли пурмаҳсулро таҳқиқ намуда, бояд қайд кард, ки мафҳуми мазкур, аз мафҳуми шуғли комил тадриҷан фарқ менамояд. Бахусус дар адабиётҳои муосири иқтисодӣ доир ба мафҳуми шуғли комил ақидаи ягона ҷой надорад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар иқтисодиёти марказонидашудаи нақшавӣ шуғли комил маънои пурра таъмин намудани ҳамаи аҳолии қобили меҳнат бо ҷои кориро дорад. Мушоҳида гардид, ки дар охирҳои солҳои 80 – уми асри XX дар иқтисодиёти собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ шуғли комил ба сатҳи баланд расид, ки баъдан онро ҳамчун сатҳи аз ҳад беруни шуғл ном мебурданд. Аз ин лиҳоз, чунин шакли шуғл ба ғайри босамар истифода бурдани иқтидори меҳнатӣ, сатҳи пасти ҳаракати захираҳои меҳнатӣ, норасоии қувваи кории касбҳои муайян ва ғайра мусоидат менамояд.

Шуғли пурмаҳсул ин ҳолати иқтисодиёт аст, ки дар он ҳамаи аҳолии қобили меҳнат, ҳангоми сатҳи музди корӣ воқеан ҷойдошта, хоҳиши кор карданро доранд, ифода меёбад. Сухан натанҳо ба қонеъ гардонии талаботи

---

[8] - Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, с.68

аҳолӣ бо ҷойи корӣ меравад, балки аз нигоҳи иқтисодӣ низ дар назар дошта мешавад. Зимнан зери мафҳуми “аз нигоҳи иқтисодӣ мусоид” ҷойи кории пурмаҳсул, ки ба корманд имконият медиҳад манфиати шахсии худро татбиқ намояд, комёбиҳои илму техникиро истифода бурда, барои ба даст овардани ҳосилнокии меҳнати баланд муваффақ шавад, ниҳоят, музди лоиқ ба даст оварад, ки ба такрористеҳсоли муътадили корманд ва аъзоёни оилаи он кафолат диҳад, ниҳон аст.

Бояд иброз дошт, ки барои тавсиф ва арзёбии миқдории шуғли пурмаҳсул низоми нишондиҳандаҳои мухталиф истифода бурда мешавад, ки онҳо дар параграфи 1.2 нишон дода шудаанд.

### 1.2 Ҷанбаҳои методии арзёбии нишондиҳандаҳо ва усули андозагирии сатҳи рушди шуғли усутувори пурмаҳсул

Дар параграфи мазкур, масъалаи муҳими методӣ оид ба тавсиф ва арзёбии нишондиҳандаҳо, инчунин, усулҳои андозагирии сатҳи шуғли устувори пурмаҳсул дарҷ гардонида мешавад. Азбаски мафҳуми шуғли пурмаҳсул ба рушди ҳамаҷонибаи инсон нигаронида шудааст, бинобар ин, категорияи мазкурро наметавон тавассути як нишондиҳанда тавсиф намуд. Барои тавсифи миқдории шуғли пурмахсул, истифодаи низоми нишондиҳандаҳои демографӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қобили қабул аст.

Натиҷаи истифодаи чунин низоми нишондиҳандаҳо, мувофиқи ақидаи муаллиф:

- ✓ сатҳи ҷалби аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, бахусус, аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ ва аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол, аз ҷумла, дар бахши воқеӣ ва хизматрасонӣ арзёбӣ карда шавад;
- ✓ сатҳи рушди шуғли устувории пурмаҳсулро тавассути истифодаи усули муқоисавии бисёрчена муайян ва арзёбӣ кардан мумкин аст;
- ✓ тамсилаи омилии таҳлил таҳия гардида, таъсирбахшии омилҳои асосӣ ба сатҳи нишондиҳандаҳои шуғл андозагирӣ карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти муосири иқтисодӣ аз ҷониби муҳаққиқон – олимони иқтисодшинос барои тавсифи миқдории шуғл як қатор нишондиҳандаҳо пешниҳод гардидаанд. Бо вуҷуди ин, аз нигоҳи методӣ зарур шуморида мешавад, ки барои арзёбии миқдорӣ, тавсифи амиқ ва ҳамаҷонибаи шуғли устувори пурмаҳсул истифодаи низоми нишондиҳандаҳо, ки аз ду гурӯҳ – мутлақ ва нисбӣ иборатанд, ба мақсад мувофиқанд.

Зимнан, нишондиҳандаҳои мутлақ ҷиҳати миқдории иқтидори иқтисодӣ, имконияти рушди мамлакатро инъикос менамояд ва дар ҳама гуна маврид, миқдори шуғли аҳолӣ унсури асосии раванди истеҳсолот баҳисоб меравад. Тавассути нишондиҳандаҳои нисбӣ бошад, сатҳи ҷалби аҳолии қобили меҳнат ба соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт тавсиф карда мешавад. Ҳамин тавр, низоми нишондиҳандаҳои асосии мутлақ ва нисбӣ, ки дар барои тавсиф ва арзёбии миқдории шуғли устувории пурмаҳсул истифода бурда шудааст, дар расми 1.2.1 оварда шудааст.



Идомаи Расми 1.2.1

Шумораи шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандони (миқдори ҷои кории холӣ).

Шумораи аҳоли хурд аз қобили меҳнат.

Шумораи аҳолии синну соли хурд аз синни қобили меҳнат.

Шумораи аҳолии аз синну соли қобили меҳнат боло.

Шумораи аҳолии аз синну соли қобили меҳнат боло.

Гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ.

Ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ аз шумораи умумии аҳолии синнашон 10сола ва аз он боло аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ, аҳолии (фаъол) дар иқтисодиёт .

Сатҳи ҷалби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон , ки ба кишварҳои хориҷӣ рафтаанд.

Коэффитсиенти (сатҳи) бекорӣ.

Талабот ба қувваи корӣ.

Пешниҳоди қувваи корӣ.

Арзиш ва нархи қувваи корӣ.

**Расми 1.2.1 Низоми нишондиҳандаҳои асосии шуғли пурмаҳсул**
**Расм аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.**

Акнун аз ҷиҳати методӣ арзёбии нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул баён карда мешавад.

Дар таҳқиқоти мазкур барои тавсифи шуғли пурмаҳсул, коэффитсиенти (ҳиссаи) аҳолии дар иқтисодиёт машғул ($К_{и.м}$) истифода бурда мешавад. Аз нигоҳи методӣ барои ҳисоби коэффитсиенти мазкур ҳамчун пойгоҳи (базаи) муқоиса нишондиҳандаҳои шумораи умумии аҳолии синнашон 15 сола ва аз он боло, аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат ва аҳолии фаъол дар иқтисодиёт истифода бурда мешавад. Илман асоснок шудааст, ки натиҷаи ҳисоби коэффитсиенти (ҳиссаи) аҳолии дар иқтисодиёт машғул, тибқи нишондиҳандаҳои пойгоҳии муқоисавӣ гуногунанд.

Коэффитсиенти аҳолии дар иқтисодиёт машғул - ҳамчун ҳиссаи аҳолии дар иқтисодиёт машғул ($Ш_{им}$) аз шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло ($А_{15\ сол.б}$) муайян карда мешавад, яъне:

$$К_{им} = Ш_{им} / А_{15сол.б} \quad (5)$$

Дар сурати коэффитсиенти мазкур, истифодаи нишондиҳандаи мутлақи “шумораи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул” қабул карда шудааст. Ин ҳолат ба он асоснок карда мешавад, ки «... дар иқтисодиёт машғул шахсони мансубанд, ки дар давраи тадқиқшаванда аз рӯи кироякории музднок кор кардаанд, инчунин мустақилона ё бо якчанд шарикҳо ҷалб кардан ва ҷалб накардани кироякорон кори даромаднокро иҷро намудаанд. Ба ин гуруҳ шахсоне низ дохил мешаванд, ки корро бемузд дар корхонаи оилавӣ иҷро намудаанд, инчунин шахсоне, ки аз сабаби беморӣ, нигоҳубин кардан ба бемор, ба рухсатии меҳнатии ҳарсола баромадаанд, ё ба рӯзи истироҳат, ба таҳсил, ба таълимӣ, ё ба рухсатии бемузд, ё бо қисман музднок бо ташаббуси маъмурият, ё корпартоӣ кардаанд ва дигар ин қабил сабабҳо муваққатан ба кор набаромада буданд»[9].

Дар махраҷи коэффитсиенти мазкур, шумораи умумии аҳолии синашон 15сола ва аз он боло қабул карда шудааст. Гарчанде ки ҳангоми қиёспазирии байналмилалӣ барои муайян намудани сатҳи шуғли ҳамаи аҳолӣ Бюрои Байналмилалии Меҳнат тавсия кардааст, ки ба шумораи машғулбудагон шумораи ҳамаи аҳолии мамлакат дар синну соли 10сола ва аз он боло ворид карда шавад. Истифодаи чунин ҳадди пасти синну солӣ дар ҳисоби шумораи машғулбудагон бо он далел собит карда мешавад, ки дар мамлакатҳои тараққикарда  сатҳи шуғли аҳолии дар синну соли хурд бағоят баланд аст.

Қимати баланди коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул доир ба ҷалби қисми зиёди шумораи аҳолии 15 сола ва аз он боло дар фаъолияти бозори меҳнат, баръакс қимати пасти коэффитсиенти мазкур, доир ба зиёдшавии бекорон ё категорияҳои аҳолие, ки ба таркиби қувваи

[9] Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Соли 2020. с. 57.

корӣ дохил намешаванд, шоҳидӣ медиҳанд. Таносуби шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул ва шумораи умумии аҳолии синашон 15сола ва аз он боло қобилияти иқтисодиёти кишварро доир ба бунёди ҷойҳои корӣ инъикос менамояд.

Бояд қайд кард, ки коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул дар ҳама гуна маврид, аз сохтори синнусолӣ ва ҷинсии аҳолӣ алоқаманд аст.

Синну соли қобили меҳнати аҳолӣ дар ҳар мамлакат тибқи қонунгузориҳои он муқаррар карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2005 синну соли қобили меҳнат чунин муқаррар карда шудааст: мардон 15 – 62сола ва занон 15 – 57сола, синну соли аз қобили меҳнат хурд – 0 – 14 сола синну соли аз қобили меҳнат калон – мардони 63сола ва калонтар ва занони 58сола ва калонтар»[10]. Албатта ҳар се гурӯҳи аҳолии қобили меҳнат дар маҷмӯъ захираҳои меҳнатии мамлакатро ташкил медиҳад. Дар ҳолати истифода бурдани нишондиҳандаи шумораи захираҳои меҳнатӣ, ҳангоми бетағйирии шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғулбуда, метавонад ба пастшавии коэфиитсиенти аҳолии дар иқтисодиёт машғул оварда расонад.

Масъалаи муҳиме, ки гузошта мешавад, усулҳои ҳисоб намудани шумораи захираҳои меҳнатӣ мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки дар адабиёти иқтисодӣ ду усули ҳисоб кардани захираҳои меҳнатӣ пешниҳод гардидааст:

1. Усули демографӣ, ки тавассути истифодаи он шумораи захираҳои меҳнатӣ аз рӯи манбаҳои ташаккулёбӣ ҳисоб карда мешавад:

$$S_{TP} = S_{TB} - S_{ИН} - S_{НОДР} + S_{ПЕН,} \quad (6)$$

дар ин ҷо:

$S_{TP}$ – шумораи умумии захираҳои меҳнатӣ;

$S_{TB}$ – шумораи умумии аҳолӣ дар синну соли қобили меҳнат;

$S_{ИН}$ – шумораи маъюбони гуруҳи I ва II дар синну соли қобили меҳнат;

$S_{НОДР}$ – шумораи наврасони дар синну соли то 16 сола, ки кор мекунанд;

[10] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - 2020, с. 22

$S_{ПЕН}$ – шумораи нафақахӯроне, ки кор мекунанд»[11].

2. Усули иқтисодӣ, ки тавассути истифодаи он шумораи захираҳои меҳнатӣ мутобиқи шуғли ҳақиқӣ ҳисоб карда мешавад:

$$S_{TP} = S_{зан} + S_{ДХ} + S_{уч} + S_{безраб} + S_{незан;} \quad (7)$$

дар ин ҷо:

$S_{зан}$ – шумораи аҳолии машғул, бо даровавари шуғл дар хоҷагиҳои шахсӣ ва фермерӣ;

$S_{ДХ}$ – шумораи аҳоли қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат, дар хоҷагии хонагӣ ва нигоҳубини кӯдакон машғул мебошанд;

$S_{уч}$ – шумораи хонандагони берун аз истеҳсолот дар синну соли 16сола;

$S_{безраб}$ – шумораи бекорон;

$S_{незан;}$ – шумораи боқимондаи шуғлнадоштагон дар синну соли қобили меҳнат.

Мавриди зикр аст, ки натиҷаҳои ҳисоби шумораи захираҳои меҳнатӣ тавассути усулҳои демографӣ ва иқтисодии дар сатҳи мамлакат гуногун мебошанд.

Дар ҳар мамлакат, асоси захираҳои меҳнатиро аҳолии қобили меҳнат дар синну соли меҳнатӣ ташкил медиҳад. Бинобар он, аз нигоҳи методӣ, дар таҳқиқоти мазкур, зарур ҳисобида шуд, ки коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул ба таври маҳдуд ҳамчун ҳиссаи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул аз шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ муайян карда шавад.

Дар ин маврид, коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул ($К_{им}$) бо тарзи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$К_{им} = Ш_{им} / А_{қм}, \quad (8)$$

дар ин ҷо:

$А_{қм}$ – шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ.

---

[11] Статистика. [Текст]: учебник. // под ред. С.А. Орехова. – М: Эксмо, 2010. - с. 217.

Албатта, ҳисоб намудани коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул дар асоси нишондиҳандаи шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ аз ҳад зиёд баланд, сатҳи ҳақиқии ҷалби аҳолиро ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ нишон медиҳад. Зеро ки дар сурати коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул наврасон ва нафақахӯрони машғулбуда ҷой дорад, ҳол он ки дар махраҷи коэффитсиенти мазкур ин категорияи кормандон ба ҳисоб гирифта намешавад. Бо вуҷуди ин, чунин ҳолати воқеӣ қимати амалӣ ва идрокии коэффитсиентро коҳиш надода, дар баробари нишондиҳандаҳои дар боло номбаршуда дар таҳлили маҷмӯии шуғли аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол истифода бурда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар омори байналмилалӣ нишондиҳандаи муҳиме, ки барои таҳлили шуғл истифода бурда мешавад, шумораи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол мебошад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" мафҳуми "аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қувваи корӣ) – қисми аҳолие, ки пешниҳоди қувваи кориро барои истеҳсоли молҳо ва хизматрасонӣ таъмин менамояд. Шумораи  аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол, бекорон ва шахсони машғули кор бударо дарбар мегирад»[12]. Мавриди зикр аст, ки нишондиҳандаи шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ҳамаи шахсонро дар бар гирифта, онҳо қувваи кориро барои истеҳсоли неъматҳои иқтисодӣ ва хизматро дар давраи муайяни ҳисоботӣ пешниҳод менамоянд. Зимнан, мафҳуми сарҳади истеҳсоли неъматҳои иқтисодӣ ва хизмат, мутобиқи Низоми ҳисобҳои миллӣ ҳамаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти аввалия барои бозор,  иваз (бартер) ё барои истеъмолоти хусусӣ, инчунин, истеҳсоли дигари неъматҳои моддӣ ва хизмат, аз ҷумла, истеҳсоли хонавода, ҳам барои бозор ва ҳам барои истеъмолоти шахсӣ дар бар мегирад.

Бояд қайд кард, ки мувофиқи «стандартҳои байналмилалӣ истилоҳи "аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол" вобаста аз давомнокии муҳлати

---

[12] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" аз  1 августи соли 2003, №44. Моддаи 1.

давра ду намуди андозагириро тақозо менамояд. Агарчи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол барои давраи дурударози муҳлати вақтӣ андозагирӣ карда шавад, он гоҳ сухан дар бораи “аҳолии фаъоли муқаррарӣ” меравад. Дар ин маврид,  давраи ҳисоботӣ, одатан як сол қабул карда мешавад. Дар мавриде, ки сухан дар бораи давраи кӯтоҳмуҳлат, яъне як рӯз ё як ҳафта бошад, он гоҳ аҳолии дар ҳамин лаҳза фаъол ҳисобида шуда, дар аксарияти ҳолати вақтӣ нисбат ба он истилоҳи “қувваи корӣ” истифода бурда мешавад»[13]. Аҳолии фаъоли муқаррарӣ ҳамаи шахсони калон аз синну соли муайян, ки миқдори зиёди рӯзҳо ё ҳафта дар давоми сол машғул ё бекор мебошанд, дар бар мегирад. Дар ҳолати баробар будани миқдори ҳафтаи давра шахсони фаъоли иқтисодӣ ва шахсони ғайрифаъоли иқтисодӣ ба категорияи аҳолии фаъоли муқаррарӣ дохил карда мешавад. Аҳолии фаъоли муқаррарӣ ба ду категория - муқарраран машғул ва муқарраран бекор ҷудо карда мешавад. Агар шахсоне, ки ба категорияи аҳолии муқаррарӣ мансуб дониста шуда, қисми зиёд ё баробари давраи фаъоли иқтисодӣ машғул бошанд, он гоҳ онҳо ба категорияи муқарраран машғул дохил карда мешаванд. Агар шахсоне, ки қисми зиёди давраи фаъоли иқтисодӣ бекор бошанд, он гоҳ онҳо ба категорияи муқарраран бекорӣ ворид карда мешаванд.

Қувваи корӣ ё аҳолии дар ҳамин лаҳзаи давра фаъол, дар худ ҳамаи шахсонро дар бар гирифта, талаботи  дохилнамоиро ба шумораи машғул ё шумораи бекорӣ мегардонанд, ин бештар нишондиҳандаи муайянкунандаи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол ба ҳисоб рафта, дар таҳқиқотҳои аҳолӣ доир ба масъалаҳои шуғлнокӣ истифода бурда мешавад.

Бояд иброз дошт, ки дар стандартҳоии байналмилали доир ба меҳнат барои муқаррар намудани сарҳадҳои синнусолии аҳолии фаъоли иқтисодӣ танҳо сарҳади поёнии синнусолӣ дарҷ гардидааст. Дар таҷрибаи амалӣ бошад, ҳангоми ҳисоб намудани шумораи аҳолӣ дар синнусоли фаъоли иқтисодӣ дар аксарияти мамлакатҳо сарҳадҳои поёнӣ ва болоии синнусолӣ

---

[13] Основи международной статистики. [Текст]: учебник // Под общ. Ред. д - раэкон. Наук Ю.Н. Иванова. – М:  ИНФРА - М, 2012. - с.405.

нишон дода мешавад ва одатан коэффитсиентҳои аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол барои ҳар гурӯҳи синнусолии аҳолӣ ҳамчун нисбати шумораи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол дар ҳамон синну сол ба шумораи умумии аҳолӣ ҳисоб карда мешавад.

Таҳқиқотро идома дода, бояд ҳаминро қайд намуд, ки аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол ҳамон шахсоне мебошанд, ки дар иқтисодиёт пешниҳоди қувваи кориро дар бозори меҳнат ташаккул медиҳанд. Аз ин лиҳоз, мумкин аст, нишондиҳандаи шумораи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъолро, тибқи тавсияи Созмони Байналмилалии Меҳнат доир ба омори меҳнат (1985) ҳамчун маҷмӯи шумораи аҳолии машғул ва бекорон муайян намуд.

Ҳамин тавр, коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул бо тарзи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$К_{им} = Ш_{им} / А_{и.ф}, \quad (9)$$

дар ин ҷо:

$А_{и.ф}$ – шумораи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол.

Коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди машғулро дар асоси нишондиҳандаҳои пойгоҳӣ - шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ ва аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол андозагирӣ намуда, мебояд қайд намуд, ки дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодии кишвар арзёбии аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул аз рӯи бахшҳои воқеӣ ва хизматрасонӣ аҳамияти хоси амалиро дорад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст, ки «Татбиқи вазифаҳои стратегӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт заминаҳои моддиро барои шуғли пурмаҳсул, диверсификатсияи истеҳсолот ва содирот фароҳам оварда, дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро барои ҳама табақаҳои аҳолӣ баланд

мебардорад, ки мустақиман ба дараҷаи амалисозии тамоми вазифаҳои Ҳадафҳои рушди устувор дар Тоҷикистон алоқаманд аст»[14].

Бояд қайд кард, ки «аҳолии машғул дар иқтисодиёт, тақсимоти онҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ – ТУНФИ - 2 ба бахшҳои воқеӣ ва хизматрасонӣ ҷудо карда мешавад»[15].

Бахши воқеии иқтисодиёт бахшест, ки дар он ҳиссаи муайяни аҳолии қобили меҳнат машғул буда, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ истеҳсол карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таркиби бахши воқеӣ тибқи ТУНФИ – 2 дохил мешавад:

- кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ;
- саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо;
- саноати коркард;
- дастрасӣ (таъмин) – и қувваи барқ, газ, буғҳаво;
- таъмини об, тозакунӣ, тақсимоти ва гирифтани ашёи дуюмдараҷа;
- сохтмон.

Тавсифи миқдории сатҳи аҳолии машғул дар бахши иқтисодӣ, тавассути коэффитсиенти зерин ҳисоб карда мешавад:

$$К_{б.и} = Ш_{б.и} / А_{15 сола\ ва\ боло}(А_{қ.м}, А_{и.ф}), \quad (10)$$

дар ин ҷо:

$К_{б.и}$ – коэффитсиенти аҳолии машғул дар бахши воқеӣ;

$Ш_{б.и}$ – шумораи аҳолии машғул дар бахши иқтисодӣ.

Дар баробари бахши воқеӣ, инчунин ҳиссаи муайяни аҳолӣ дар бахши хизматрасонии иқтисодиёт машғул мебошад. Бахши хизматрасонӣ намудҳои фаъолияти иқтисодии ТУНФИ – 2 иборат аст:

- савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, мотосиклҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ;
- меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо;
- нақлиёт ва хоҷагии анбор;

---

[14] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Душанбе – 2016, с. 70.

[15] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - 2020, с. 87

- маълумот ва каммуникатсияҳо;
- миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ;
- амалиёт бо амволи ғайриманқул;
- фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ;
- идоракунӣ ва фаъолияти ёрирасон;
- маориф;
- тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ;
- санъат ва дилхушӣ ва истироҳат;
- фаъолияти дигари хизматрасонӣ;
- фаъолияти ташкилотҳои экстерриториалӣ.

Тавсифи миқдории сатҳи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ тавассути коэффитсиенти зерин баҳо дода мешавад:

$$К_{б.хи} = Ш_{б.х} / А_{15 сола ва боло}(А_{қ.м}, А_{и.ф}), \quad (11)$$

дар ин ҷо:

$К_{б.хи}$ – коэффитсиенти аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ;

$Ш_{б.х}$ – шумораи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ.

Зиёдшавии коэффитсиенти аҳолии машғул дар бахшҳои воқеӣ ва хизматрасонӣ доир ба афзун гардидани ҷалби аҳолии қобили меҳнат ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ шаҳодат медиҳад.

Муқоисаи таносуби байни $К_{б.и}$ ва $К_{б.х}$ собит менамоянд, ки аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол бештар ба кадом бахшҳои иқтисодиёт ҷалб карда мешаванд.

Тибқи муҳтавои худ, бекорон шахсоне, ки аз синну соли муайян боло мебошанд ва дар давоми давраи муайян ҷои корӣ ё шуғле ки даромад меорад, надоранд, дар ҷустуҷӯи кор буда, омодаи меҳнат ҳастанд, доништа мешавад. Бинобар он, дар мавриде, ки ин ё он шахсро ба категорияи бекорон даровардан зарур доништа мешавад ҳамаи ин се критерияи дар боло зикргардида, бояд иҷро карда шавад. Сарҳади поёнии аҳолии дар синну соли қобили меҳнат, вале дар аксарияти мамлакатҳо сарҳади болоӣ ҷиҳати

баҳисобгирӣ ба категорияи бекорон дар қонунгузориҳои миллӣ қайд гардидааст.

Дар ҳолате, ки сухан дар бораи ҷустуҷӯи кор меравад, ҷустуҷӯи фаъоли кор аз рӯи кироя ё ташкили корҳо дар корхонаҳои шахсӣ дар назар дошта мешавад. Амалҳои мушаххас дар ин самт бақайдгирӣ дар биржаҳои давлатӣ ё хусусии меҳнат, муроҷиат ба корфармоён, муроҷиат барои мусоидат ба хешу таборон, эълон додан, дар матбуот ҷустуҷӯи бино, мошин ва таҷҳизот барои бунёди корхонаи шахсӣ ва ғайра ба ҳисоб меравранд.

Дар мавриди истифодаи критерияи омодагӣ ба шурӯи кор дар назар дошта мешавад, ки ҷои корӣ ёфтаанд, омода ҳастанд, ки дар давраи таҳқиқот ё дар давоми давраи кӯтоҳтарини вақт фавран ба кор оғоз карда, дар айни ҳол ҷустуҷӯи корро қатъ намоянд. Ба бекорон шахсоне таалуқ доранд, ки ҷои корӣ надоранд ва омода ҳастанд, ки ба кор оғоз намоянд, вале дар ҷустуҷӯи кор нестанд, зеро барои гирифтани ҷавоби корфармо интизорӣ доранд. Дар айни ҳол давомнокии дарозтарини давраи интизорӣ аз рӯи қонунгузориҳои миллӣ танзим карда мешавад. Шахсоне, ки муваққатан аз кор озод карда шудаанд ва бо корфармоён бо таври расмӣ робита надоранд, инчунин дар ҷустуҷӯи коранд мебошанд ва омода ҳастанд, ки ба кор оғоз намоянд, онҳо тибқи стандартҳои муайяншуда ба категорияи бекорӣ дохил мешаванд.

Мавриди зикр аст, дар тавсияҳои байналмилалӣ қайд гардидааст, ки боназардошти шароитҳои миллии кишвар истифодаи критерияи ҷустуҷӯи корро нисбат ба шахсоне, ки муваққатан аз кор озод гардидаанд, коҳиш диҳанд. Ба категорияи бекорон бояд донишҷӯён, хонандагон, занҳои хонашин, ки дар давраи ҳисоботӣ асосан ба корҳои фаъолияти ғайрииқтисодӣ машғуланд, вале дар ҷустуҷӯи кор буда, омода ҳастанд, ки ба кор шурӯъ намоянд. Инчунин, ба категорияи бекорон маъюбон ва нафақахурон мансуб дониста мешавад, дар ҳоле ки онҳо дар ҷустуҷӯи кор буда, омодаи оғози кор мебошанд. Он шахсоне, ки дар корҳои ҷамъиятии пардохтшаванда машғул мебошанд, ё ба омӯзиши касбӣ равона карда

шудаанд, мувофиқи тавсияҳои байналмилалӣ ба категорияи бекорон маҳсуб меёбанд.

Барои муайян намудани сатҳи бекорӣ «коэффитсиенти умумии бекорӣ истифода бурда мешавад, ки бо формулаи зерин муайян карда мешавад»[16].

$$К_{безр} = \frac{Бt}{P_{эк.аt}} \times 100, \ (12)$$

дар ин ҷо:

$Б_t$ – шумораи умумии бекорон дар давраи t.

Ҳисоби сатҳи бекорон тибқи гурӯҳҳои алоҳидаи синнусолӣ ҳамчун шумораи бекорони ҳамон гуруҳҳои синнусолӣ ба шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъоли (машғулбудагон ва бекорон) ҳамон гурӯҳҳои синнусолӣ муайян карда мешавад.

Бояд зикр намуд,дар давраи муосири ҷаҳонишавии иқтисодиёт нақши муҳоҷирати меҳнатии беруна дар рушди бозори меҳнати миллӣ мухталиф мебошад. Агарчи зери мафҳуми “муҳоҷири меҳнатӣ” ҳаракати шаҳрвандонро бо хоҳиши худ ва сабабҳои шахсӣ, ки аз як ҳудуд ба дигар ҳудуд макони фаъолияти меҳнатии худро иваз мекунанд, фаҳмида мешавад.

Тибқи ақидаи муаллиф, гардиши муҳоҷирати меҳнатии беруна ин маҷмӯи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои гузаронидани фаъолияти меҳнатӣ ихтиёран ба дигар мамлакатҳо рафтаанд ва шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатӣ доранд, ифода карда мешавад.

Ҳиссаи шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд нисбат ба нишондиҳандаи гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ сатҳи ҷалби шумораи шаҳрвандони хориҷӣ ба иқтисодиёти миллиро инъикос менамояд.

---

[16] - Основы международной статистики. [Текст] учебник // 5 Под общ. Ред. д – раэкон. Наук Ю.Н. Иванова. - М.: ИНФРА - М, 2012. - с.410.

Инчунин, ҳиссаи шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои кор ихтиёран ба дигар мамлакатҳо рафтанд нисбат ба нишондиҳандаи гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ сатҳи ҷалби шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти кишварҳои хориҷиро таҷассум менамояд.

Талабот ба қувваи корӣ қисми таркибии муносибатҳои иқтисодӣ буда, ба принсипҳои бозорӣ асос ёфтааст. Талабот ба қувваи корӣ ҳаҷм ва сохтори талаботи ҷамъиятиро ба қувваи корӣ, таъмини воқеии ҷойҳои корӣ ва фонди музди меҳнатро тавсиф менамояд. Зимнан талабот ба қувваи корӣ тавассути миқдор ва сохтори дар фаъолияти иқтисодӣ машғулбуда ва миқдори ҷойҳои холии кориро тавсиф менамояд.

Ҳангоми омӯзиши талабот ба қувваи корӣ нишондиҳандаҳои умумӣ, самаранокӣ ва талаботи қонеънашуда истифода бурда мешавад. Талаботи умумӣ ҳамчун нишондиҳанда миқдори умумӣ ва сохтори ҷойҳои кориро дар мамлакат тавсиф менамояд. Талаботи самаранок ҳамрадифи пешниҳоди қонеъшуда буда, асосан шумора ва сохтори шуғлро дар иқтисодиёт тавсиф менамояд. Талаботи қонеънашуда фарқи байни талаботи умумӣ ва самаранок муайян карда мешавад. Нишондиҳандаҳои асосии талаботи қонеънашуда, маълумот доир ба миқдор, ҳаракат ва сохтори миқдори ҷои холии корӣ дар бахш ва соҳаҳои иқтисодиёт мебошад.

Нишондиҳандаҳои талабот ба қувваи корӣ, тибқи маълумоти мақомоти давлатии хадамоти шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд:

а) изҳороти корхона ва ташкилотҳое, ки ба кормандон талабот доранд. Яъне шумораи ҷойҳои кории холӣ, ки корхона ва ташкилот ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ хабар додаанд. Талаботи корхонаю ташкилот ба кормандоне, ки ба хадамоти шуғли аҳолӣ арз кардаанд, аз рӯи ихтисосҳои коргарӣ, аз рӯи вазифаҳои хизматчиён ва соҳаҳои иқтисодиёт муайян карда мешавад;

б) шумораи корхонаҳое, ки оид ба талаботи қувваи корӣ барои пур кардани ҷойҳои кории холӣ ба хадамоти шуғли аҳолӣ муроҷиат кардаанд.

Албатта шумораи корхонаҳо аз рӯи шакли моликият, яъне давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар миқёси соҳаҳои иқтисодиёт муайян карда мешавад.

в) сатҳи ҷои (вазифаи) холӣ, ки ҳамчун шумораи машғулбудагон ба миқдори ҷойҳо холии кор ҳисоб карда мешавад.

Зери мафҳуми пешниҳоди қувваи корӣ ин ҳаҷми талаботи маҷмӯи гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ барои дастрасӣ ба кор аз ба тариқи кироя ё манбаъҳои зиндагӣ мебошад. Пешниҳод ба бозори меҳнат шумора ва ҳайати аҳолии дар иқтисодиёт фаъол, ки барои дастрасӣ ба ҷои корӣ манфиатдор мебошанд, тавсиф менамояд. Бахусус, талаботи фаъоли аҳолии синну соли қобили меҳнат, ки ба ҷойҳои корӣ дар ҳамаи бахшҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва ба меҳнати кироя асоснок карда шудааст, дар бар мегирад.

Бояд қайд кард, ки барои дарки пешниҳоди қувваи корӣ мафҳумҳои пешниҳоди потенсиалӣ, воқеӣ ва иловагӣ фарқ карда мешавад.

Ҳаҷми пешниҳоди қувваи кории потенсиалӣ тавассути нишондиҳандаи шумора ва сохтори аҳолии қобили меҳнат аз рӯи аломатҳои гуногун тавсиф карда мешавад.

Ҳаҷми пешниҳоди қувваи кории воқеӣ ба воситаи нишондиҳандаи шумора ва сохтори аҳолии дар иқтисодиёт фаъол ифода карда мешавад. Шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол ҳадди пешниҳоди қувваи корӣ мебошад. Аз ҳаҷми умуии пешниҳоди воқеӣ (реалӣ), бояд зикр намуд, ки пешниҳоди қонеъшуда, яъне талаботи фарогирифта фарқ карда мешавад ва тавассути шумора ва таркиби аҳолии машғулбуда тавсиф мегардад.

Ҳаҷми пешниҳоди иловагии қувваи корӣ асосан талаботи фаронагирифтаро дар бар гирифта, тавассути нишондиҳандаҳои зерин тавсиф карда мешавад:

- шумораи умумӣ ва таркиби сифатии шахсоне, ки дар ҷустуҷӯи кор мебошанд;
- шумораи умумии бекорон;
- шумораи бекорони бақайдгирифташуда;
- шумораи бекороне, ки кумаупулӣ мегиранд.

Иловатан иттилоъ дод, ки ҳангоми пешниҳоди қувваи кории иловагӣ, инчунин, нишондиҳандаи мурочиати интенсивӣ доир ба масъалаи бо кортаъминкунӣ муайян карда мешавад. Нишондиҳандаи мазкур, ҳамчун нисбат ба шумораи шахсоне, ки ба мақомоти кортаъминкунӣ мурочиат намудаанд, ба шумораи аҳолии қобили меҳнат ё машғулбуда ҳисоб карда мешавад.

Дар баробари талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ, мақоми хосро дар бозори меҳнат нишондиҳандаи арзиши қувваи корӣ ишғол менамояд. Албатта, нишондиҳандаи мазкур аз таносуби талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ, инчунин аз вазъияти бозори меҳнат алоқаманд аст.

Мавриди зикр аст, мафҳуми “арзиши қувваи корӣ” мукаммалан дар шароити иқтисодӣ амал менамояд. Дар иқтисодиёти банақшагирии марказонидашуда ба ҷои мафҳуми қувваи корӣ, асосан нишондиҳандаи музди меҳнат истифода бурда шудааст, ки ба таври воқеӣ аз натиҷаҳои истеҳсолот алоқамандӣ надошт. Қисми зиёди хароҷоти иловагӣ ба қувваи корӣ тавассути буҷети давлатӣ бо тартиби банақшагирию тақсимотӣ ба роҳ монда шуда буд. Бо баробари гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ музди меҳнат предмети гуфтушуниди байни иттифоқи касаба ва корфармоён, инчунин, ҳукумат баромад мекунад. Корфармоён мустақилона шаклҳои музди меҳнат ва шаклҳои ҳавасмандгардонии моддиро муқаррар намуда, андозаи ҷадвали тарофаҳову маоши вазифавии кормандонро муайян менамоянд.

Мувофиқи Созмони Байналмиллалии Меҳнат, арзиши қувваи корӣ ё хароҷот барои нигоҳдории қувваи корӣ маҷмӯи хароҷоти корфармоён аст, ки бо нигоҳдорӣ ва истифодаи қувваи корӣ алоқаманд мебошад. Хароҷоти корфармоён ба қувваи корӣ ба ду қисм ҷудо карда мешавад:

1. Хароҷот, ки мустақиман бо музди кор, пардохт барои вақти ғайрикорӣ, мукофотпулӣ ва туҳфаҳо, ки ба фонди музди меҳнат дохил намешаванд, инчунин хароҷот барои озуқа, нӯшокӣ ва дигар пардохтҳо дар шакли натуралӣ, ки дар раванди фаъолияти иқтисодӣ гирифта шудаанд;

2. Хароҷоти ғайримустақим, ки иборат аст аз хароҷоти корфармоён барои манзил, таъмини иҷтимоӣ, омодагии касбӣ, хизмати иҷтимоӣ, инчунин андозҳо, ки ба сифати хароҷот ба қувваи корӣ муоина карда мешавад.

Тибқи гуфтаҳои боло, натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки «нархи қувваи корӣ ин ифодаи пулии истифодаи меҳнат ё музди кор мебошад. Арзиши қувваи корӣ ин маҷмӯи хароҷоту пардохти пулӣ ва ғайримоддӣ ба меҳнати корманд барои истифодаи қобилияти он мебошад. Бо ибораи дигар, нархи меҳнати инсон дар фарқият аз арзиши қувваи корӣ аз рӯи аломатҳои зерин ҷудо карда мешавад:

- бузургии нархи меҳнат шартномавӣ мебошад;
- бузургии нархи меҳнат персонификатсияшуда аст;
- нарх натиҷаи хотимавии савдои ошкорои байни корманд ва корфармо мебошад»[17].

Қайд кардан бамаврид аст, ки барои корманд музди меҳнат (музди кор) даромад буда, ки он бар меҳнати меҳнати худ аз корхонаи соҳибкор ба даст меорад. Музди меҳнат ҳамчун даромад такроористеҳсоли муътадили қувваи кории кормандро кафолат медиҳад. Дар навбати худ, барои корхона музди меҳнат доимо хароҷот баҳисоб меравад ва кӯшиш менамояд, ки онро то ҳадди ақал расонад.

Ҳамин тавр, нишондиҳандаҳои болозикр критерияҳои асосие мебошанд, ки сатҳи рушди шуғли устувори пурмаҳсулро инъикос менамоянд. «Зимнан, барои тавсифи миқдории сатҳи рушди шуғли устувори пурмаҳсул усули таҳлили бисёрченаи муқоисавӣ истифода карда мешавад»[18]. Бартарии усули мазкур, аз он иборат аст, ки тавассути он рейтинги ҷамъбастии рушди шуғли пурмаҳсул дар динамика дар асоси низоми нишондиҳандаҳои дар боло дар ҷгардида баҳо дода мешавад.

---

[17] - Былков В. Г. Рынок труда и развитие занятости населения: [Текст] учеб. Пособие / В. Г. Былков. - Иркутск: Изд - во БГУ, 2017. – 76с.

[18]- Ефименко И. А. Устойчивое развитие региональных рынков труда Республики Беларусь [Электронный ресурс]/ Ефименко И. А. – Электрон текстовые дан. режим доступа к журнала https://ir.kneu.edu.ua/bitstream/handle/2010/4674/144%20-%20150.pdf? Sequence =1&isAllowed=y. сана: 20.03.2020.

Аз нигоҳи методӣ, ҷиҳати истифода намудани усули таҳлили бисёрченаи муқоисавӣ лозим аст, ки чор давраи бо ҳам пайвастро иҷро намоянд:

Дар даври якум, матрисаи маълумоти аввалия аз рӯи нишондиҳандаҳои рушди шуғли устувори пурмаҳсул таҳия карда мешавад.

Дар даври дуюм бошад, дар ҳар сутуни матриса унсурҳои ҳадди аксар (максималӣ) ва ҳади ақал (минималӣ) муайян карда шуда, тамоили онҳо ҳисоб карда мешавад.

Дар даври сеюм, дар асоси сарҳадҳои муайяни критикии қаторҳо барои ҳар унсури матритса коэффитсиенти стандартизатсия $(X_{ig})$аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$X_{ij} = \frac{A_{ij} - MIN_g}{MAX_g - MIN_g}, \quad (13)$$

дар ин ҷо:

$A_{ij}$ - унсури i -и сутуни g -и матриса;

$MAX_g$ - унсури ҳадди аксар (максималӣ) сутуни g -и матриса;

$MIN_g$ - унсури ҳадди ақал (минималӣ) сутуни g -и матриса.

Дар ҳолате, ки агар аз нуқтаи назари иқтисодӣ қимати ҳадди аксар нишондиҳанда беҳтар бошад, он гоҳ коэффитсиенти стандартизатсияшуда бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$X_{ig} = \frac{A_g - MAX_g}{MAX_g - MIN_g}. \quad (14)$$

Дар даври чорум, сатҳи интегралии рушди шуғли устувори пурмаҳсул ҳамчун суммаи коэффитсиентҳои стандартизатсияшуда ҳисоб карда мешавад. Баъдан, баҳои интегралии гирифташудаи сатҳи рушди шуғли устувори пурмаҳсул бо тартиби афзуншавӣ ранҷиронида мешавад ва ҳамин тавр рейтинг аз рӯи ҳамон критерия муайян карда мешавад.

## 1.3. Тамоюл ва хусусиятҳои рушди шуғли пурмаҳсул дар бозори меҳнат

Бояд қайд кард, ки хусусиятҳои рушди шуғли устувори пурмаҳсул дар бозори меҳнат дар кишвар аз рӯи як қатор тамоюлҳои асосии зерин муайян карда мешавад:

Якум, дар ҳолате, ки рушди устувори иқтисодӣ дар кишвар таъмин карда мегардад, арзёбӣ кардан, мумкин аст, ки талаботи умумии иқтисодиёт ба қувваи корӣ афзуда, сатҳи шуғли аҳолии дар иқтисодиёт фаъол зиёд гардида, мувофиқан ба коҳишёбии сатҳи бекорӣ мусоидат менамояд. Дар натиҷа, рушди воқеии иқтисодиёт зоҳир мегардад. Таҳлили гузаронидашудаи муаллиф нишон медиҳад, ки дар охири соли 1997 суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба сатҳи соли 1991 баробар гардид ва аз ҳамин соли мазкур оғоз гардида, то соли 2019 ба ҳисоби миёна 7,0% афзудааст. Бо вуҷуди ин, шумораи аҳолии машғул дар соҳаҳои иқтисодиёт аллакай дар охири соли 2003 ба сатҳи соли 1991 баробар шуда, аз соли 2004 то соли 2019 -ро дар бар мегирад ва тамоюли афзоиширо дорад. Азбаски то соли 1991 аз тарафи идораву вазоратҳои дахлдори ҷумҳурӣ ба таври расмӣ шумораи бекорон дар миқёси мамлакат ба қайд гирифта нашудааст, бинобар он қиёспазирии теъдоди бекорон нисбат ба соли 1991 ғайриимкон мебошад. Барои муайян намудани таъсири рушди иқтисодӣ аз рӯи нишондиҳандаи ММД ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои аҳолии дар иқтисодиёт машғул, бекорони расман эътирофшуда ва музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кори кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1997 – 2020 усули гуруҳбандии таҳлилиро истифода бурда, натиҷаи он дар ҷадвали 1.3.1 пешниҳод мегардад.

**Ҷадвали 1.3.1.**

**Таъсири рушди иқтисодӣ аз рӯи нишондиҳандаи ММД ба аҳолии дар иқтисодиёт машғул, бекорони расман эътирофшуда ва музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кори кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1997 – 2020**

| № гурух | Гурӯҳи рушди иқтисодӣ (ММД) млн. сомонӣ | Солҳо | Аҳолии дар иқтисодиёт машғул, ҳазор нафар | Бекорони расман эътирофшуда, ҳазор нафар | Музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи корӣ, сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| I | 518,4 – 21024,55 | 1997 | 1791 | 51 | 4,96 |
| | | 1998 | 1796 | 59 | 9,17 |
| | | 1999 | 1737 | 54 | 11,61 |
| | | 2000 | 1745 | 49 | 15,37 |
| | | 2001 | 1829 | 43 | 23,50 |
| | | 2002 | 1857 | 47 | 32,55 |
| | | 2003 | 1885 | 47 | 44,61 |
| | | 2004 | 2090 | 42 | 61,81 |
| | | 2005 | 2112 | 42 | 83,58 |
| | | 2006 | 2137 | 48 | 116,26 |
| | | 2007 | 2150 | 51 | 163,27 |
| | | 2008 | 2168 | 49 | 231,53 |
| Ҷамъи гурӯҳи I | | 12 | 23 297 | 582 | 798,22 |
| II | 21024,55 – 41530,7 | 2009 | 2219 | 45 | 284,35 |
| | | 2010 | 2233 | 47 | 354,44 |
| | | 2011 | 2249 | 54 | 442,13 |
| | | 2012 | 2291 | 56 | 555,29 |
| Ҷамъи гуруҳи II | | 4 | 8992 | 202 | 1636,21 |
| III | 41530,7 – 62036,85 | 2013 | 2307 | 54 | 694,89 |
| | | 2014 | 2325 | 56 | 816,27 |
| | | 2015 | 2380 | 57 | 878,91 |
| | | 2016 | 2384 | 54 | 962,16 |
| Ҷамъи гуруҳи III | | 4 | 9396 | 221 | 3352,23 |

**Идомаи ҷадвали 1.3.1.**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| IV | 62036,85 – 82543,0 | 2017 | 2407 | 53 | 1144,19 |
| | | 2018 | 2426 | 52 | 1233,82 |
| | | 2019 | 2463 | 51 | 1335,52 |
| | | 2020 | 2506 | 51 | 1393,78 |
| Ҷамъи гурухи IV | | 4 | 9802 | 207 | 5 107,31 |
| Ҳамагӣ: | - | 24 | 51487 | 1212 | 10 893,97 |

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумотҳои Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Душанбе 2021. с. 98, с. 99, с. 365, Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Душанбе 2021. с. 133, с. 335 таҳия ва ҳисоб кардааст.

Тавре ки аз рӯи маълумоти ҷадвали 1.3.1 маълум аст, бо баробари зиёдшавии фосилаи гурӯҳҳои рушди иқтисодӣ аз рӯи нишондиҳандаи ММД ҳиссаи аҳолии дар иқтисодиёт машғул тамоюли камшавиро дорад. Агарчи дар гуруҳи I (518,4 – 21024,55) ҳиссаи шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул аз ҷамъи умумии он 45,25% -ро ташкил диҳад, пас дар гуруҳи II ҳамагӣ (21024,45 – 41530,6) – 17,46% -ро ташкил медиҳад. Гарчанде ки гурӯҳҳои III (41530,6 – 62036,75) – 18,25% ва IV (62036,75 – 82 543,0) – 19,04% дар муқоиса бо гуруҳи II (21024,45 – 41530,6) на он қадар назаррас аст.

Зиёдшавии фосилаи гуруҳҳои рушди иқтисодӣ аз рӯи нишондиҳандаи ММД, инчунин ба коҳишёбии ҳиссаи бекорони расман эътирофшуда аз ҷамъи умумии шумораи бекорони расман эътирофшуда мусоидат менамояд. Агар дар гурӯҳи I (518,4 – 21024,55) ҳиссаи шумораи бекорон аз ҷамъи умумии шумораи бекорони расман эътирофшуда 48,02% бошад, пас дар гурӯҳи II (21024,45 – 41530,6) – 16,67%, III (41530,6 – 62036,75) – 18,23% ва IV (62036,75 – 82 543,0) – 17,08% -ро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, таъсири рушди иқтисодӣ аз рӯи нишондиҳандаи ММД ба коҳишёбии ҳиссаҳои аҳолии дар иқтисодиёт машғул ва бекорони расман эътирофшуда мусоидат кардааст. Бо вуҷуди ин, рушди иқтисодӣ аз рӯи нишондиҳандаи ММД ба музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи

кори кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт таъсири мусбат расонидааст. Дар баробари зиёдшавии фосилаи гуруҳҳои рушди иқтисодӣ аз рӯи нишондиҳандаи ММД, инчунин ҳиссаи музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кори кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт меафзояд. Агар дар гуруҳи I (518,4 – 21024,55) ҳиссаи музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кори кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт 7,32% бошад, пас дар гурӯҳи II (21024,45 – 41530,6) – 15,01%, III (41530,6 – 62036,75) – 30,78% ва IV (62036,75 – 82 543,0) – 46,89% -ро ташкил медиҳад.

Тавре ки дар боло қайд карда шуд, рушди иқтисодӣ аз рӯи нишондиҳандаи ММД, ба коҳишёбии ҳиссаи бекорони расман эътирофшуда мусоидат кардааст. Бахусус, натиҷаи ҳисоби коэффисиенти корреляциияи рангаи Ч. Спирмен яқинан нишон медиҳад, ки байни бузургиҳои рушди иқтисодӣ аз рӯи нишондиҳандаи ММД ва шумораи бекорони расман эътирофшуда алоқаи мустақим, вале баръакс ҷой дошта, ба – 0,47 ($R_s$ = -0,47 баробар мебошад.

Зимнан, барои андозагирии таъсири рушди иқтисодӣ аз рӯи нишондиҳандаи ММД ба шумораи бекорони расман эътирофшуда, аз ҷониби муаллиф таҳлили корреляционӣ ва регрессионӣ гузаронида шудааст. Қимати омории муодилаи регрессия бо ёрии коэффисиенти детерминациияи санҷидашуда муқаррар карда шуд, ки дар таҳлили мазкур 26,93 ($R^2 = 0.519^2$ = 0,2693) фоизи тағйирёбии умумии У (рушди иқтисодӣ аз рӯи нишондиҳандаи ММД) аз ҳисоби тағйирёбии Х (шумораи бекорони расман эътирофшуда) ба вуқӯъ меояд. Коэффисиенти муодилаи хатти регрессия бо намуди зерин пешниҳод карда мешавад: У = $0{,}26_x$ + 40254,216. Коэффисиенти регрессия (b = 0,26) нишон медиҳад, ки бо зиёдшавии ҳаҷми ММД ба 1 миллион сомонӣ муқаррар кардан мумкин аст, ки тағйирёбии миёнаи шумораи бекорони расман эътирофшуда ба 0,26 баробар мешавад.

Бояд иброз дошт, ки суръатафзоии рушди иқтисодиёт мустақиман ба коҳишёбии шумораи бекорон мусоидат намояд ҳам, вале аз баъзе муаллифони адабиёти иқтисодӣ дар он ақида мебошанд, ки бекорӣ ба иқтисодиёт таъсири манфии худро мерасонад. Бахусус, барои муайян намудани таъсири бекорӣ ба ҳаҷми ММД иқтисодшиноси амрикоӣ, Артур Оукен, бо истифода аз усули риёзӣ қонуниятро ошкор кард, ки тибқи он «мамлакат аз 2 то 3% ММД – и ҳақиқиро нисбат ба ММД – и иқтидорӣ талаф медиҳад, агар сатҳи ҳақиқии бекорӣ дар муқоиса бо сатҳи табии он ба 1% зиёд гардад»[19].

Инчунин, И. Б. Башкатов таъсири бекориро ба иқтисодиёт таҳлил намуда, чунин қайд менамояд: "Барои тавсифи таъсири манфии бекорӣ бениҳоят муҳим аст "талаф аз бекорӣ" муайян карда шавад. Ин талаф хислати духелагиро дорад. Якум, давлат уҳдадор аст, ки тибқи қонунгузориҳои амалкунанда доир ба меҳнат ба як қисми бекорон ёрдампулиҳо пардохт намояд ва дуюм, давлат қисми муайяни маҳсулоти миллӣ ва даромади миллиро бо сабаби он ки бекорон дар истеҳсолот иштирок намекунанд, талаф медиҳад. Талафи намуди якумро мумкин аст ҳамчун кумакпулиҳои пардохтшуда ба бекорон дарҷ кардан мумкин аст. Талафи намуди дуюмро метавон ҳамчун ҳосили зарби шумораи миёнаи бекорон ба ҳосилнокии аз рӯи даромади миллӣ ё маҳсулот ҳисоб кард. «Ин ҳисобкунӣ бо формулаи зерин амалӣ карда мешавад:

$$\text{Р}_{\text{ВВП (НД)}} = \frac{\text{ВВП (НД)} \times S\text{безр.},}{S\text{зан.}}. (15)$$

дар ин ҷо:

ВВП (НД $S$зан.) – арзиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (даромади миллӣ), ки дар ҳамон давра истеҳсол шудааст;

[19] Курс экономической теории. [Текст]: учебник. // – 5 – е дополненное и переработанное издание – Киров А. Т. "АСА", 2004 г. – 433 с.

Sзан ва $S$безр – шумораи миёнаи машғулбудагон ва бекорон дар ҳамон давра»[20].

Акнун ақидаи Б.И. Башкатовро барои ҳисоб намудани ҳар ду намуди талафи иқтисодиёт аз бекорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ менамоем. Дар «соли 2020 шумораи бекороне, ки кумакпулӣ мегиранд, 15712 нафар, аз ҷумла, 342 нафари онҳоро занон ташкил медиҳанд. Ҳаҷми дар як сол кумакпулии пардохтшуда ба бекорон 8160,7 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла ба занон – 286,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Андозаи миёнаи ҳармоҳаи кумакпулии пардохтшуда ба бекорон 618,5 сомонӣ, аз ҷумла, занон – 540,8 сомонӣ мебошад»[21].

Ҳисоби намуди дуюми талафи иқтисодиёт аз бекорӣ дар ҷадвали 1.3.2 дарҷ гардидааст.

**Ҷадвали 1.3.2**

**Ҳаҷми талафи иқтисодиёт аз бекорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли соли 2020***

| № | Нишондиҳанда | Соли 2020 |
|---|---|---|
| 1 | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД), миллион сомонӣ | 82543,0 |
| 2 | Шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул, ҳазор нафар | 2506,0 |
| 3 | Шумораи бекорон, ҳазор нафар | 51 |
| 4 | Талафи иқтисодиёт аз бекорӣ, ҳазор сомонӣ | 1 679,8 |

*Сарчашма: муаллиф дар асоси Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ Маҷмӯаи оморӣ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Душанбе 2021, с. 133, с.335, таҳия ва ҳисоб намудааст.

Инак, муайян карда шуд, ки бо сабаби иштирок накардани бекорон дар истеҳсоли ММД талафи иқтисодӣ дар кишвар андоза 1 679,8 ҳазор сомонӣ ($P_{ввп\ (нд)}$ = 1 679,8 ҳазор сомонӣ) мебошад. Муқаррар карда шуд, ки байни

[20] Башкатов Б. И. Практикум по международной экономической статистике. [Текст] // Б.И. Башкатов. – М.: Издательситво “Дело и Сервис”, (Статистика в России и за рубежом) – 2000. – 14 с.

[21] Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумотҳои Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ маҷмғи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Душанбе 2021. с. 316 таҳия ва ҳисоб кардааст.

нишондиҳандаҳои шумораи бекорон ва ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ алоқамандии мутақобила ҷой дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар «солҳои 2000 – 2020 фосилаи вариатсияи суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар фосилаи аз 4,5% то 10,8% ва дараҷаи бекорӣ (шумораи расман эътирофшудаи бекорон бо фоиз нисбат ба қувваи корӣ) дар фосилаи 2,0% – 2,5% қарор дорад. Дар маҷмӯъ, талафи иқтисодиёт аз ҳисоби кумакпулиҳои пардохтшуда ба бекорон дар соли 2020 андозаи 816,70 ҳазор сомониро ташкил медиҳад»[22].

Тамоюли дуюм, ки ба рушди шуғли устувори пурмаҳсул дар бозори меҳнат мусоидат менамояд, ин рушди раванди демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тибқи муҳтавои худ, раванди демографӣ ин маҷмӯи ҳодисаҳоест, ки дар муҳлати вақтӣ ва макон рушди ягон ҳодисаро, ки бевосита ба такрористеҳсолии аҳолӣ таъсир расонда, шумораи аҳолии он ва таркиби синнусолии онро тағйир медиҳад, ифода меёбад. Бахусус, вазъи демографии кишвар қабл аз ҳама, тавассути нишондиҳандаҳои таваллуд, фавт ва афзоиши табиии аҳолӣ арёбӣ карда мешавад. Агарчи дар «солҳои 2014 - 2020 дар ҷумҳурӣ баҳисоби миёнасолона шумораи умумии таваллудшудагон – 1,3% коҳиш ёфта бошад, пас шумораи умумии фавти аҳолӣ – 1,5% афзудааст. Бинобар он афзоиши шумораи умумии табиии аҳолӣ коҳиш ёфта, бузургии он 1,8% аст. Бо вуҷуди ин, дар ҳамин давраи таҳлилӣ шумораи аҳолии қобили меҳнат дар миқёси кишвар баҳисоби миёна 1,7% афзудааст. Бояд иттилоъ дод, ки ҳиссаи аҳолии синни қобили меҳнат дар шумораи умумии аҳолии доимӣ дар соли 2014 – 60,4%, 2015 - 60,5%, 2016 - 60,3%, 2017 - 60,2%, 2018 - 59,9%, 2019 - 59,8 % ва соли 2020 – 59,5% -ро ташкил медиҳад»[23].

---

[22] Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумотҳои Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Душанбе 2021. с. 316 таҳия ва ҳисоб кардааст.

[23] Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумотҳои Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Душанбе 2021. с.37, С. 39 таҳия ва ҳисоб кардааст.

Дар равзанаи имкониятҳои демографӣ, ки дар Стратегияи миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дарҷ гардидааст, «то соли 2030 аҳолии ҷумҳурӣ бемайлон афзоиш ёфта, ба 11,5 млн. нафар хоҳад расид. Дар ҷумҳурӣ афзоиши шумораи аҳолии синни қобили меҳнат барои суръат бахшидани рушди иқтисодӣ имконият фароҳам меоварад. Шумораи аксарияти аҳолӣ (тақрибан 60 фоиз) аҳолии синни қобили меҳнат (аз 15 то 64 - соларо) ташкил хоҳад дод, ки онҳо пешбарандаи рушди иқтисодӣ дар ҳолати таъмин гардидани иқтидори баланди касбии меҳнатӣ мешавад»[24]. Инчунин, дар Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 қайд гардидааст, ки "Афзоиши табиии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланд боқӣ монда, дар натиҷаи паст шудани сатҳи ҳиссаи ҷавонон аз шумораи умумии аҳолӣ коҳиш ёфтани суръати афзоиши захираҳои меҳнатӣ ба мушоҳида мерасад. Новобаста аз он, рушди захираҳои меҳнатӣ устувор ва баланд боқӣ монда, дар давраи то соли 2030 тақрибан 40 фоиз афзуда, ба 7,6 миллион нафар мерасад.[25]" Ҳамин тавр, зиёдшавии захираҳои меҳнатӣ, хусусан аҳолии синни қобили меҳнат, дар навбати худ, бемайлон пешниҳоди қувваи кориро ба бозори меҳнат афзун мегардонад.

Тамоюли сеюм, ки ба рушди шуғли устувори пурмаҳсул тақвият мебахшад, ин мушоҳида гардидани номутобиқатии сатҳи шуғли захираҳои меҳнатӣ дар деҳот ва шаҳр мебошад. Дар ин бобат, дар Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 қайд гардидааст, ки "сатҳи шуғли захираҳои меҳнатӣ дар деҳот нисбат ба шаҳр зиёдтар буда, дар баробари ин солҳои охир ҳиссаи қувваи корӣ аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат тамоюли пастшавиро соҳиб гардидааст".

Тамоюли чорум, ки ба рушди шуғли устувори пурмаҳсул таъсир мерасонад, ин намудҳои гуногуншакли муҳоҷират мебошад. Идоракунии

---
[24] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, С. 32
[25] Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз 28 майи соли 2022, №263. с 2.

самарабахши раванди муҳоҷират, тибқи талаботи механизмҳои бозорӣ, дар навбати аввал ба мувозинаткунонии талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат эҳтиёҷот дорад.

Дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (2015) асосан ду самти асосии муҳоҷират: дохилӣ (муҳоҷирати меҳнатии мокувор (маятникӣ) ва муҳоҷирати меҳнатии беруна дарҷ гардидааст:

Якум, муҳоҷирати меҳнатии мокувор (маятникӣ) чунин намуди муҳоҷиратест, ки ҳамчун қоида аҳолии минтақаҳои наздишаҳрӣ ҳар рӯз аз деҳот ба шаҳр ё шаҳрак барои кор кардан сафар менамоянд. Тибқи маълумоти маҷмӯаи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 сокинони деҳот ки дар шаҳрҳо ва шаҳрак кор мекунанд, 380,9 ҳазор нафарро ташкил дода, дар муқоиса ба соли 2014 бо теъдоди 85,5 ҳазор нафар зиёд мебошад. Албатта муҳоҷирати мокуворӣ (маятникӣ) ҳамчун самти шуғл то андозае масъалаи интиқоли қувваи кориро аз маҳалҳои аҳолинишини деҳот, ки дар он ҷойҳо захираҳои меҳнатӣ бо ҷойи корӣ таъмин нестанд, ҳал менамояд.

Дуюм, муҳоҷирати меҳнатии беруна, ки барои пайдо кардани ҷои корӣ ба кишварҳои хориҷии дур ва наздик ихтиёран сафар менамоянд. Тибқи маълумоти маҷмӯаи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба дигар мамлакатҳо бо ихтиёри худ ба кор рафтаанд, дар соли 2020 теъдоди 129807 нафар, аз ҷумла мардҳо – 112 927 нафар ва занҳо – 16 880 нафарро ташкил медиҳад. Инчунин шумораи кормандони хориҷӣ, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон машғуланд, дар соли 2019 теъдоди 6 700 нафар, аз ҷумла аз кишварҳои ИМД омада - 166 нафар ва аз дигар кишварҳо 6 534 нафар аст. Ҳамин тавр, самтҳои муҳоҷирати меҳнатии дар боло дарҷгардида метавонад, ба рушди шуғли уствори пурмаҳсул дар бозори меҳнати кишвар таъсири мухталиф расонад.

Тамоюли панҷум, ки ба рушди шуғли устувори пурмаҳсул дар бозори меҳнат мусоидат менамояд, пурзӯр гардидани номувофиқатии талабот ва

пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнат мебошад, ки нисбати онҳо дар боло қайд карда шудааст.

Ҳамин тавр, боби 1 ба анҷом расонида, натиҷаҳои бадастовардашуда бо тартиби зерин пешниҳод карда мешавад:

- бозори меҳнат қисми таркибии иқтисоди бозорӣ аст ва муҳтавои он тавассути равияи консепсияҳои неоклассикӣ (П. Самуэлсон, М. Фелдстайн, Р. Хол ва ғ.), иқтисодиёти пешниҳодӣ (Д. Гилдер, А. Лаффер ва ғ.), кейнсианӣ (М. Кейнс, Р. Гордон ва ғ.) ва монетиаристӣ (М. Фридмен, ва ғ.) инъикос гардидаанд. Тибқи натиҷагирии илмии муаллиф муайян карда шуд, ки қонуният ва хусусиятҳои рушди бозори меҳнат тавассути механизмҳои бозорӣ, ба монанди талаботи умумии иқтисодиёт ба қувваи корӣ, пешниҳоди қувваи корӣ ва нархи қувваи корӣ танзим карда мешавад.
- инчунин, муқаррар карда шудааст, ки масъалаи шуғл унсури таркибии бозори меҳнат ба ҳисоб рафта, дар ҳама давру замон, ки характери синфӣ ва таърихиро дорад, ҳамчун масъалаи муҳими иҷтимоӣ дар назарияҳои гуногуни иқтисодӣ – классикӣ (А. Смит, Д. Рикардо ва ғ.), ғайриклассикӣ (А, Маршал, А. Пиго, Д. Гилдер ва ғ.), марксистӣ (К. Маркс), кейнсиансӣ (Ҷ. М. Кейнс ва ғ.), монетаристӣ (М. Фридмен, ва ғ.), синтези неоклассикӣ (П. Самуэлсон ва ғ.),иқтисоди пешниҳодӣ, институтсионализм (Д. Гелбрейт, Т. Веблен ва ғ.) мавриди муҳокима қарор дода шудааст.
- азбаски дар адабиётҳои муосири иқтисодӣ нуқтаи назари олимон гуногун мебошад, бинобар зарурияти тафсири мафҳуми шуғл аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ ба миён меояд. Шуғл ҳамчун мафҳуми назариявӣ ин фаъолияти муфиди ҷамъиятии шаҳрвандон буда, бо қонеъ гардонидани талаботҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ алоқаманд мебошад ва ба онҳо даромади меҳнатӣ меоварад. Аз нигоҳи амалӣ, бошад, шуғл таносуби шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат ва шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул буда, дараҷаи истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва вазъиятро дар бозори меҳнат тавсиф менамояд.

➢ дар низоми шуғл, дар айни замон мақоми хосро шуғли пурмаҳсул пайдо менамояд. Шуғли пурмаҳсул ин ҳолати иқтисодиёт аст, ки дар он ҳамаи аҳолии қобили меҳнат, ҳангоми сатҳи музди корӣ воқеӣ ҷойдошта хоҳиши кор карданро доранд, ифода меёбад. Дар назар дошта мешавад, ки сухан на танҳо дар бораи қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо ҷои корӣ, балки аз нигоҳи иқтисодӣ мусоидат меравад. Зимнан зери мафҳуми “ аз нигоҳи иқтисодӣ мусоид” ҷои кории пурмаҳсул, ки ба корманд имконият медиҳад манфиати шахсии худро татбиқ намояд, комёбиҳои илму техникиро истифода бурда, барои ба даст овардани ҳосилнокии меҳнати баланд муваффақ шавад, ниҳоят, музди лоиқ ба даст оварад, ки ба такрористеҳсоли муътадили корманд ва аъзоёни оилаи он кафолат диҳад.

➢ барои тавсиф ва арзёбии миқдории шуғли пурмаҳсул низоми нишондиҳандаҳо, ки аз ду гуруҳ – мутлақ ва нисбӣ иборат аст, ба мақсад мувофиқ мебошад. Зимнан, нишондиҳандаҳои мутлақ ҷиҳати миқдории иқтидори иқтисодӣ, имконияти рушди мамлакатро инъикос менамояд ва дар ҳама гуна маврид, миқдори шуғли аҳолӣ унсури асосии раванди истеҳсолот ба ҳисоб меравад. Тавассути нишондиҳандаҳои нисбӣ бошад, сатҳи ҷалби аҳолии қобили меҳнат ба соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт тавсиф карда мешавад.

➢ ҷиҳати тавсифи миқдории сатҳи рушди шуғли устувори пурмаҳсул усули таҳлили бисёрченаи муқоисавӣ истифода карда мешавад. Бартарии усули мазкур, аз он иборат аст, ки тавассути он рейтинги ҷамъбастии рушди шуғли пурмаҳсул дар динамика дар асоси низоми нишондиҳандаҳои дар боло дач҇гардида, баҳо дода мешавад.

➢ хусусиятҳои рушди шуғли устувори пурмаҳсул дар бозори меҳнат дар кишвар аз рӯи як қатор тамоюлҳои асосии зерин муайян карда мешавад, ки инҳоянд: таъмини рушди устувори иқтисодӣ, вазъи демографии кишвар, намудҳои гуногуншакли муҳоҷират (махсусан, муҳоҷирати мокувор ва муҳоҷирати меҳнатии беруна) ва номувофиқатии талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнат.

# БОБИ 2. БАҲОДИҲИИ МИҚДОРӢ ВА ТАҲЛИЛИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1 Арзёбии методии динамикаи пешравии сохтории аҳолии машғул дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар айни замон, ки кисмҳои муҳими муносибатҳои иҷтимоӣ, меҳнатиро, дар бозори меҳнат ифода менамояд, муносибати шуғли пурмаҳсул мебошад. Зимнан, муҳтавои шуғли пурмаҳсул ҳамчун талабот ба кор, муносибати байни одамон бо мақсади таъмини ҷои корӣ ва иштироки аҳолии қобили меҳнат дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт барои қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва ҷамъиятӣ ифода меёбад.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи муҳими шуғли пурмаҳсул арзёбии динамикаи пешравии сохтории аҳолии машғул дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт мебошад. Агарчи сохтори шуғл ҳамчун вазни қиёсӣ ва ҳиссаи аҳолии машғулро дар ҳар соҳаи алоҳидаи иқтисодиёт аз маҷмӯи умумии машғулбудагон арзёбӣ карда шавад, пас пешравии сохторӣ тағйирёбии тавофути худи маҷмӯи умумии шуғлро дар давраҳои муқоисашаванда нишон медиҳад.

Мавриди зикр аст, «дар нимаи дуюми солҳои 90 – уми асри XX дар адабиёти муосири иқтисодӣ барои арзёбии пешравии сохтории шуғли аҳолӣ як қатор шохисҳо пешниҳод гардидаанд, ки яке аз онҳо "шохиси сифати пешравӣ" мебошад»[26]. шохиси мазкур бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Is = \frac{\sum(L_T^p - L_{T-1}^p) - (\sum L_T^R - L_{T-1}^R)}{\sum|L_N - L_{T-1}|} \quad (16)$$

дар ин ҷо:

$Is$ –шохиси сифати пешравӣ дар сохтори соҳавии шуғл (талабот ба меҳнат);

---

[26] Кашепов А.В. Методология анализ, прогнозирования и регулирования коньюнктуры рынка труда.[Текст] / А.В. Кашеров. - М.: ИМЭИ, 1999. - 202 с.

$L_T^p - L_{T-1}^p$ - фарқи шумораи машғулбудагон дар соҳаҳои прогрессивӣ дар давраи ҷорӣ ва давраҳои ретроспективӣ;

$L_T^R - L_{T-1}^R$ - фарқи шумораи машғулбудагон дар соҳаҳои регрессивӣ дар давраи ҷорӣ ва давраҳои ретроспективӣ;

$L_N - L_{T-1}$ – бузургии мутлақи фарқи шумораи машғулбудагон дар ҳар соҳаи иқтисодиёт (прогрессивӣ, бетарафона ва регрессивӣ) дар давраи ҷорӣ ва давраҳои ретроспективӣ.

Аз нигоҳи муҳаққиқ, барои ҳисоб намудани шохиси сифати пешравӣ мушкилот ҷой дорад. Ин ҳам бошад, тақсимоти соҳаҳои иқтисодиёт ба гуруҳҳои прогрессивӣ, бетарафона ва регрессивӣ мебошад. Зеро ки критерияҳои муайян намудани тақсимоти соҳаҳои иқтисодиёт ба гурӯҳҳои дар боло номбаршуда ҳисоб карда шудааст. Инчунин, шохиси мазкур аз рӯи маълумоти ҷамъбастии назарсанҷиҳо ҳисоб карда мешавад.

Аз ҷиҳати методӣ барои «арзёбии динамикаи маҷмӯи аҳолии дар иқтисодиёт машғул, мувофиқи ақидаи муаллиф нишондиҳандаҳои ҷамъбастии пешравии сохторӣ истифода бурдан мумкин аст, ки инҳоянд:

1. Коэффитсиенти хаттии пешравии мутлақ»[27]. ($S_d$):

$$S_d = \sum|d_1 - d_2|/n, \quad (17)$$

дар ин ҷо:

$d_1 - d_2$ – ҳиссаи қиёсӣ (%) – и унсурҳои (элементҳои) маҷмӯъ дар давраҳои баррасишаванда ва қаблӣ; дар таҳқиқоти мазкур ба сифати $d_1$ ва $d_2$ ҳиссаи қиёсии аҳолии дар ҳар соҳаи алоҳидаи иқтисодиёт машғулбуда дар давраҳои муқоисашаванда (солҳои 2019) қабул карда шудааст.

n – миқдори унсурҳо дар маҷмӯъ. Дар n – миқдори (адади) соҳаҳои иқтисодиёт мебошад.

Нишондиҳандаи дигаре, ки дар баробари коэффитсиенти хаттии пешравии сохтории мутлақ, дар таҳқиқоти мазкур, барои арзёбии пешравии сохтории аҳолии машғул дар соҳаҳо коэффитсиенти квадратии пешравии

[27] -Статистика. [Текст]: учебник. И.И. Елисеева [и др.]; под ред. И.И. Елисеевой. Москва: Проспект, 2011. – 35с.

сохтории мутлақ ($S_σ$ ) истифода карда мешавад. Коэффитсиенти мазкур бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$S_σ = \sqrt{\frac{\sum(d_1 - d_0)^2}{n}}. \quad (18)$$

Коэффитсиенти хаттӣ ва квадратии пешравии мутлақ то кадом андоза бандҳои фоизӣ ба ҳисоби миёна ҳиссаи қиёсии муқоисашаванда аз якдигар тавофут дорад, нишон медиҳанд. Дар ҳолати мавҷуд набудани пешравӣ дар сохтори маҷмӯи аҳолии дар иқтисодиёт машғул, коэффитсиенти болозикр ба сифр (0) баробар мешавад. Коэффитсиенти мазкур, сарҳади болоӣ надорад, яъне чӣ қадаре, ки тағйироти сохторӣ зиёд бошад, ҳамон қадар қимати коэффитсиенти хаттӣ ва квадратии пешравии мутлақ зиёд мегардад.

Шохиси тавофут (I) низ нишондиҳандаест, ки тавассути он пешравии сохтории маҷмӯи аҳолии дар иқтисодиёт машғул арзёбӣ карда мешавад. Шохиси мазкур, аз коэффитсиенти хаттӣ ва квадратии пешравии мутлақ бо он фарқ менамояд, ки на танҳо сарҳади поёнӣ, инчунн болоии тағйирёбиро дорад. Индекси тавофут (I) бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$I = \frac{1}{2} \sum |d_1 - d_2 |, \quad (19)$$

дар ин ҷо:

$d_1$ ва $d_2$ – нишондиҳандаҳои вазни қиёсиест, ки бо ҳисса ифода меёбанд.

Аз ҷиҳати назариявӣ индекси тавофут метавонад сарҳади болоӣ дошта ба 1 баробар шавад. Аммо дар воқеият, индекси мазкур, ҳамеша аз 1 кам мебошад. Дар ҳолате, ки дар сохтори маҷмӯи аҳолии дар иқтисодиёт машғул мавҷуд набошад, он гоҳ индекси тавофут ба сифр (0) баробар мешавад. Ҳамин тавр мумкин аст, индекси тавофут калон аз сифр (0) ва хурд аз 1 мебошад, яъне: $0 < I <1$.

Мавриди зикр аст, ҷанбаи муҳими «методӣ муайян намудани пешравии интенсивии сохтории маҷмӯи аҳолии дар соҳаҳои иқтисодиёт машғул мебошад. Дар ин маврид, барои арзёбии динамикаи сохтории маҷмӯи аҳолии

дар соҳаҳои иқтисодиёт машғул коэффитсиенти Гатева (К) ва шохиси Салаи ($I_c$) истифода бурда мешавад»[28].

Коэффитсиенти интегралии тавофути сохтории Гатева (К) бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$К = \sqrt{\sum(v_1 - v_2)^2 : (\sum v_1^2 + \sum v_2^2} \quad (20)$$

Инчунин, шохиси Салаи ($I_c$) тибқи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$I_c = \sqrt{\sum[(v_1 - v_2):(v_1 + v_2)]^2 : n.} \quad (21)$$

Акнун татбиқи нишондиҳандаи дар боло зикршуда, барои арзёбии динамикаи пешравии сохтории аҳолии дар иқтисодиёт машғул аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар кишвар баррасӣ карда мешавад.

**Ҷадвали 2.1.1**

**Динамикаи тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти Ҷумҳури Тоҷикистон аз рӯи намуди фаъолияти иқтисодӣ дар солҳои 2014 – 2020, ҳазор нафар**

| Соҳаи иқтисодиёт | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Афзоиши (камшави и) миёнасол она, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарва-рӣ | 1524,2 | 1545,2 | 1538,5 | 1466,1 | 1481,9 | 1507,3 | 1525,6 | - 0,1 |
| Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо | 10,6 | 12,5 | 11,4 | 12,6 | 14,1 | 12,5 | 12,5 | 3,3 |
| Саноати коркард | 65,6 | 60,1 | 59,5 | 86,7 | 82,6 | 83,3 | 86,4 | 4,7 |

[28] -Статистика. [Текст]:учебник. под ред. С.А. Орехова. – М.. : Эксмо, 2010. - 59 – 60 с.

**Идомаи ҷадвали 2.1.1.**

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дастрасӣ (таъмин) –и қувваи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво | 13,4 | 12,8 | 11,9 | 12,0 | 12,4 | 15,0** | 15,4** | 5,5 |
| Таъминоти обтозакунӣ, тақсимот гирифтани ашёи дуюмдараҷа | 6,7 | 6,4 | 5,9 | 6 | 6,4 | 12,1** | 12,6** | 10,25 |
| Сохтмон | 61,9 | 66,5 | 67,1 | 101,6 | 101,4 | 100,8 | 101,9 | 8,6 |
| Савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, мототсиклҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ | 138,4 | 149,3 | 147,9 | 170,6 | 157,9 | 153,5 | 157,2 | 2,1 |
| Меҳмонхона ҳо ва тарабхонаҳо | 7,9 | 9,8 | 9,6 | 15,6 | 15,4 | 16,4 | 16,4 | 12,9 |
| Нақлиёт ва хоҷагии анбор | 36,6 | 37,9 | 37,4 | 29,0 | 41,4 | 61,3** | 61,3** | 8,9 |
| Маълумот ва коммуникатсияҳо | 18,4 | 18,9 | 18,6 | 14,6 | 20,7 | 11,7** | 12,4** | -6,3 |
| Миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ | 24,3 | 25,0 | 23,0 | 21,3 | 20,0 | 23,4** | 24,9** | 0,4 |
| Амалиёт бо амволи ғайриманқул | 20,9 | 22,3 | 21,4 | 31,5 | 31,2 | 9,2** | 7,2** | -10 |

**Идомаи ҷадвали 2.1.1.**

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | - | - | - | - | - | 15,9 | 17,2 | - |
| Идоракунӣ ва фаъолияти ёрирасон | - | - | - | - | - | 6,0 | 6,9 | - |
| Идоракунии давлатӣ ва мудофиа, таъминоти ҳатмии иҷтимоӣ | 35,4 | 36,3 | 36,5 | 44,8 | 47,3 | 44,5** | 45,1** | 2,0 |
| Маориф | 203,9 | 209,3 | 220,5 | 231,5 | 235,0 | 242,1 | 247,1 | 3,2 |
| Тандурустӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ | 94,0 | 98,3 | 104,7 | 114,3 | 114,9 | 115,4 | 116,7 | - |
| Санъат, вақтхушӣ ва истироҳат | - | - | - | - | - | 13,1** | 13,9** | - |
| Дигар фаъолияти хизматрасонӣ | 62,0 | 66,6 | 67,9 | 45,7 | 40,6 | 19,8** | 25,4** | -10 |
| Фаъолияти ташкилотҳои экстерриториалӣ | - | - | - | - | - | 0,1** | 0,1** | - |
| Ҳамагӣ: | 2324,2 | 2377,2 | 2381,8 | 2403,9 | 2423,2 | 2463,4 | 2506,2 | 1,25 |

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумотҳои Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ Маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Душанбе 2021, с. 138 таҳия ва ҳисоб кардааст.

** Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумотҳои Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ Маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Душанбе 2021, дар асоси тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, ТУНФИ-2 с.139 таҳия ва ҳисоб кардааст.

Тавре, ки аз маълумотҳои овардашудаи Ҷадвали 2.1.1 аён аст, дар солҳои 2014 – 2020 баҳисоби миёнасолона шумораи аҳолии машғул дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суръати 1,25% афзудааст. Дар ин давраи таҳлилшаванда, суръатафзоии миёнасолона дар бахши воқеӣ 0,6%

зиёд гардидааст. Зиёдшавии суръатафзоӣ дар бахши воқеӣ, асосан аз ҳисоби зиёд шудани шумораи аҳолии машғул дар соҳаҳои саноати истихроҷи маъданҳои куҳӣ ва коркарди конҳо - 3,3%, саноати коркард – 4,7%, дастрасӣ (таъмин) –и қувваи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво – 5,5%, таъминоти обтозакунӣ, тақсимот гирифтани ашёи дуюмдараҷа – 10,25% ва сохтмон – 8,6% таъмин шудааст.

Дар муқоиса бо соҳаҳои бахши воқеӣ суръатафзоии миёнасолаи шумораи аҳолии машғул дар соҳаҳои бахши хизматрасонӣ зиёдтар буда, андозаи 3,4% - ро ташкил медиҳад. Суръатафзоии миёнасолонаи шумораи шуғли аҳолӣ дар мисли соҳаҳои бахши хизматрасонӣ чун савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, мототсиклҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ – 2,1%, меҳмонхона ва тарабхона – 12,9%, нақлиёт ва хоҷагии анбор – 8,9%, миёнаравии молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ – 0,4%, идоракунии давлатӣ ва мудофиа, таъминоти ҳатмии иҷтимоӣ – 2,0%, маориф – 3,2% мушоҳида мегардад.

Ҳамин тавр, динамикаи шумораи аҳолии машғулро дар соҳаҳои бахшҳои воқеӣ ва хизматрасонӣ арзёбӣ намуда, ҳадаф гузошта мешавад, ки дар маҷмӯъ динамикаи тағйироти сохтории аҳолии дар иқтисодиёт машғул дар солҳои таҳлилшаванда арзёбӣ карда шавад.

**Ҷадвали 2.1.2**

**Тағйироти сохтории тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2020**

| **Тақсимоти аҳолии Машғул** | Ҳисса, % | | $\lvert d_{1j} - d_{0j}\rvert$ | $(d_{1j} - d_{0j})^2$ | $\lvert\frac{d_{1j} - d_{0j}}{d_{0j}}\rvert$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 ( d0j) | 2020 ( d1j) | | | |
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 65,58 | 60,87 | 4,71 | 22,1841 | 0,0718 |
| Саноати истихроҷи маъданҳои куҳӣ ва коркарди конҳо | 0,46 | 0,50 | 0,04 | 0,0016 | 0,0869 |

**Идомаи Ҷадвали 2.1.2**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Саноати коркард | 2,82 | 3,45 | 0,63 | 0,3969 | 0,2234 |
| Дастрасӣ (таъмин) –и қувваи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво | 0,58 | 0,61 | 0,03 | 0,0009 | 0,0517 |
| Таъминоти обтозакунї, таќсимот гирифтани ашёи дуюмдараља | 0,29 | 0,50 | 0,21 | 0,0441 | 0,7241 |
| Сохтмон | 2,66 | 4,06 | 1,4 | 1,96 | 0,5263 |
| Савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, мототсиклҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ | 5,96 | 6,27 | 0,31 | 0,0961 | 0,0520 |
| Меҳмонхона ва тарабхона | 0,34 | 0,65 | 0,31 | 0,0961 | 0,9117 |
| Нақлиёт ва хоҷагии анбор | 1,57 | 2,45 | 0,88 | 0,7744 | 0,5605 |
| Маълумот ва коммуникатсия | 0,79 | 0,49 | 0,3 | 0,09 | 0,3797 |
| Миёнаравии молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ | 1,04 | 0,99 | 0,05 | 0,0025 | 0,0480 |
| Амалиёт бо амволи ғайриманқул | 0,90 | 0,29 | 0,61 | 0,3721 | 0,6777 |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | - | 0,69 | 0,69 | 0,4761 | 0 |
| Идоракунӣ ва фаъолияти ёрирасон | - | 0,28 | 0,28 | 0,0784 | 0 |
| Идоракунии давлатӣ ва мудофиа, таъминоти ҳатмии иҷтимоӣ | 1,53 | 1,80 | 0,27 | 0,0729 | 0,1764 |
| Маориф | 8,78 | 9,86 | 1,08 | 1,1664 | 0,1230 |
| Тандурустӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ | 4,04 | 4,67 | 0,63 | 0,3969 | 0,1559 |
| Санъат, вақтхушӣ ва истироҳат | - | 0,55 | 0,55 | 0,3025 | 0 |

**Идомаи Ҷадвали 2.1.2**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Фаъолияти дигари хизматрасонӣ | 2,66 | 1,01 | 1,65 | 2,7225 | 0,6203 |
| Фаъолияти ташкилотҳои экстерриториалӣ | - | 0,01 | 0,01 | 0,0001 | 0 |
| **Ҳамагӣ:** | **100,00** | **100,00** | 14,64 | 31,2346 | 5,3894 |

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Ҷадвали 2.1.1 таҳия ва ҳисоб кардааст.

Тибқи маълумоти Ҷадвали 2.1.2 барои арзёбии динамикаи пешравии сохтории аҳолии дар иқтисодиёт машғул коэффитсиентҳои зеринро ҳисоб менамоем:

1. Коэффитсиенти хаттии пешравии мутлақ. ($S_d$):

$$S_d = \frac{\sum|d_1 - d_2|}{n} = 14{,}64:20 = 0{,}7320\ . \quad (22)$$

2. Коэффитсиенти мурабаи пешравии сохтории мутлақ ($S_\sigma$) :

$$S_\sigma = \sqrt{\frac{\sum(d_1 - d_0)^2}{n}} = \sqrt{\frac{31{,}2346}{20}} = \sqrt{1{,}5617} = 1{,}2496\ . \quad (23)$$

3. Шохиси тавофут (I) бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$I = \frac{1}{2}\sum|d_1 - d_2| = 0{,}5\ x\ 0{,}1464 = 0{,}0732\ .$$

Инчунин, барои арзёбии динамикаи пешравии сохтории аҳолии дар иқтисодиёт машғул, коэффитсиентҳои Гатева (К) ва Шохиси Салаи (I), тибқи маълумоти Ҷадвали 2.1.3 ҳисоб карда мешавад:

4. Коэффитсиенти интегралии тавофути сохтории Гатева (К) бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$K = \sqrt{\sum(v_1 - v_2)^2 : (\sum v_1^2 + \sum v_2^2} = \sqrt{0{,}0037} = 0{,}0061\ . \quad (24)$$

5. Шохиси Салаи (I) = $\sqrt{\sum[(v_1 - v_2):(v_1 + v_2)]^2 : n} = \sqrt{4{,}8089 : 20} = 0{,}4903$ .

**Ҷадвали 2.1.3**

**Ҳисоби динамикаи пешравии сохтории аҳолии машғул тибқи коэффитсиенти интегралии тавофути сохтории Гатева (К) ва Шохиси Салаи (I) дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикстон аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар солҳои 2014 ва 2020**

| Намуди фаъолияти иқтисодӣ | Сохтор% | | $(v_1 - v_2)$ | $(v_1 - v_2)^2$ | $v_1^2$ | $(v_1 + v_2$ | $v_2^2$ | $(\frac{v_1 - v_2}{v_1 + v_2})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 $(v_1)$ | 2020 $(v_2)$ | | | | | | |
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 65,58 | 60,87 | 4,71 | 22,1841 | 4300,7364 | 126,45 | 3705,1569 | 0,0013 |
| Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо | 0,46 | 0,50 | -0,04 | 0,0016 | 0,2116 | 0,96 | 0,25 | 0,0017 |
| Саноати коркард | 2,82 | 3,45 | -0,63 | 0,3969 | 7,9524 | 6,27 | 11,9025 | 0,0100 |
| Дастрасӣ (таъмин) –и қувваи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво | 0,58 | 0,61 | -0,03 | 0,0009 | 0,3364 | 1,19 | 0,3721 | 0,0006 |
| Таъминоти обтозакунї, таќсимот гирифтани ашёи дуюмдараљa | 0,29 | 0,50 | -0,21 | 0,0441 | 0,0841 | 0,79 | 0,25 | 0,0706 |
| Сохтмон | 2,66 | 4,06 | -1,4 | 1,96 | 7,0756 | 6,72 | 16,4836 | 0,0434 |
| Савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, мотосиклҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ | 5,96 | 6,27 | -0,31 | 0,0961 | 35,5216 | 12,23 | 39,3129 | 0,0006 |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 0,34 | 0,65 | -0,31 | 0,0961 | 0,1156 | 0,99 | 0,4225 | 0,0980 |

**Идомаи Ҷадвали 2.1.3**

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Нақлиёт, ва хоҷагии анбор | 1,57 | 2,45 | -0,88 | 0,7744 | 2,4649 | 4,02 | 6,0025 | 0,0479 |
| Маълумот ва коммуникатсияҳо | 0,79 | 0,49 | 0,3 | 0,09 | 0,6241 | 1,28 | 0,2401 | 0,0549 |
| Миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ | 1,04 | 0,99 | 0,05 | 0,0025 | 1,0816 | 2,03 | 0,9801 | 0,0006 |
| Амалиётҳо бо амволи ғайриманқул | 0,90 | 0,29 | 0,61 | 0,3721 | 0,81 | 1,19 | 0,0841 | 0,2627 |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | - | -0,69 | 0,69 | 0,4761 | 0 | 0,69 | 0,4761 | 1 |
| Идоракунӣ ва фаъолияти ёрирасон | - | -0,28 | 0,28 | 0,0784 | 0 | 0,28 | 0,0784 | 1 |
| Идоракунии давлатӣ ва мудофиа, таъминоти ҳатмии иҷтимоӣ | 1,53 | 1,80 | -0,27 | 0,0729 | 2,3409 | 3,33 | 3,24 | 0,006 |
| Маориф | 8,78 | 9,86 | -1,08 | 1,1664 | 77,0884 | 18,64 | 97,2196 | 0,0033 |
| Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 4,04 | 4,67 | -0,63 | 0,3969 | 16,3216 | 8,71 | 21,8089 | 0,0052 |
| Санъат, дилтхушӣ ва истироҳат | - | 0,55 | -0,55 | 0,3025 | 0 | 0,55 | 0,3025 | 1 |
| Фаъолияти дигари хизматрасонӣ | 2,66 | 1,01 | 1,65 | 2,7225 | 7,0756 | 3,67 | 1,0201 | 0,2021 |
| Фаъолияти ташкилоти экстерриториалӣ | - | 0,01 | -0,01 | 0,0001 | 0 | 0,01 | 0,0001 | 1 |
| Ҳамгӣ | 100,00 | 100,00 | 1,94 | 31,2346 | 4459,841 | 200,00 | 3905,603 | 4,8089 |

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Ҷадвали 2.1.2 таҳия ва ҳисоб кардааст.

Гарчанде натиҷаи ҳисоби коэффитсиенти хатии пешравии мутлақ ($S_d$), коэффитсиенти квадратии пешравии сохтории мутлақ ($S_\sigma$) ва шохиси тавофут (I) доир ба сатҳи нисбатан баланди пешравии сохтории аҳолии дар иқтисодиёт машғул шоҳидӣ медиҳанд. Бо вуҷуди ин, натиҷаи ҳисоби коэффитсиенти интегралии тавофути сохтории Гатева (К) ва Шохиси Салаи (I) далолат медиҳанд, ки динамикаи тағйироти сохтории аҳолии дар иқтисодиёт машғул дар солҳои таҳлилшавандаи 2014 – 2020 он қадар назаррас намебошад.

Мавриди зикр аст, ки тағйироти тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти кишвар ба назар мерасад, вале масъалаи муҳим дар таҳлили тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти кишвар ин муқаррар намудани алоқамандии нишондиҳандаи шумораи аҳолии машғули ҳар соҳаи алоҳида бо нишондиҳандаи музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Алоқамандии байни нишондиҳандаҳои мазкур бо ёрии истифодаи «коэффитсиенти коррелиятсияи рангаи Ч. Спирмен андозагирӣ карда мешавад.

Коэффитсиенти коррелиятсияи рангаи Ч. Спирмен бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад»[29].

$$P_{pxpy} = 1 - \frac{6\sum d_i^2}{n(n^2-1)}, \quad (25)$$

дар ин ҷо:

$d_i$ – фарқи рангаи тағйирёбандаҳои $x$ ва $y$ барои i –и маҷмӯъ. Дар таҳқиқоти мазкур $x$ музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ва $y$ шумораи аҳолии машғули ҳар соҳаи алоҳидаи иқтисодиёт мебошад.

[29] -Статистика. . [Текст]: учебник . Под ред. проф. И. И. Елисеевой – М. ООО«ВИТРЕМ», 2002. – 102 с.

n – миқдори мушоҳида. Дар таҳқиқот миқдори мушоҳидаи соҳаҳои иқтисодиёт аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ буда, теъдоди онҳо 19 ададро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.1.4**

**Ҳисоби коэффитсиенти корреляитсияи рангаи Ч.Спирмен дар соли 2020**

| Соҳа | Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони кирояҳо ба ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, сомонӣ, x | Тақсимоти аҳолии машғули кор аз рӯи намудҳои фаъолият ва бахшҳои иқтисодиёт, ҳазор нафар, y | Рангаи $P_x$ | Рангаи $P_y$ | Фарқи рангаҳо $P_y - P_x$ | $d_i^2$ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 572,79 | 1525,6 | 19 | 1 | -18 | 324 |
| Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо | 2546,63 | 12,5 | 4 | 16 | 12 | 144 |
| Саноати коркард | 1698,28 | 86,14 | 7 | 6 | -1 | 1 |
| Дастрасӣ (таъмини) – и қувваи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво | 2299,88 | 15,4 | 6 | 13 | 7 | 49 |
| Таъминоти обтозакунӣ, тақсимот ва гирифтани ашёи дуюмдараҷа | 941,82 | 12,6 | 18 | 15 | -3 | 9 |
| Сохтмон | 2403,84 | 101,9 | 5 | 5 | 0 | 0 |
| Савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, мототсиклҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ | 1246,57 | 157,2 | 12 | 3 | 9 | 81 |

**Идомаи Ҷадвали 2.1.4,**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Меҳмонхона ва тарабхона | 1073,96 | 16,4 | 16 | 12 | -4 | 16 |
| Нақлиёт ва хоҷагии анбор | 1557,65 | 61,3 | 8 | 7 | -1 | 1 |
| Маълумот ва коммуникатсияҳо | 2706,94 | 12,4 | 3 | 17 | 14 | 196 |
| Миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ | 3580,17 | 24,9 | 1 | 10 | 9 | 81 |
| Амалиёт бо амволи ғайриманқул | 1309,89 | 7,2 | 11 | 18 | 7 | 49 |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | 1319,92 | 17,2 | 10 | 11 | 1 | 1 |
| Идоракунӣ ва фаъолияти ёрирасон | 1431,20 | 6,9 | 9 | 19 | 10 | 100 |
| Идоракунии давлатӣ ва мудофиа, таъминоти ҳатмии иҷтимоӣ | 1215,33 | 45,1 | 13 | 8 | -5 | 25 |
| Маориф | 1117,60 | 247,1 | 15 | 2 | -13 | 169 |
| Тандурустӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ | 977,22 | 116,7 | 17 | 4 | -13 | 169 |
| Санъат, дилтхушӣ ва истироҳат | 1158,55 | 13,9 | 14 | 14 | 0 | 0 |
| Фаъолияти дигари хизматрасонӣ | 3314,66 | 25,4 | 2 | 9 | -7 | 49 |
| Ҳамагӣ: | - | - | - | - | - | 1464 |

*Сарчашма: муаллиф дар асоси Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ маҷмӯаи оморӣ Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон, Душанбе 2021, с. 111, с. 375 таҳия ва ҳисоб кардааст.

$$P_{pxpy} = 1 - \frac{6\sum 1464}{19(19^2 - 1)} = 1 - \frac{8784}{19 * 324} = 1 - 1{,}4269 = -0{,}4269$$

Акнун тибқи формулаи коэффитсиенти коррелиятсияи рангаи Ч. Спирменро ҳисоб менамоем. Натиҷаи ҳисоби коэффитсиенти коррелиятсияи рангаи Ч. Спирмен ($P_{pxpy}$ = -0,4269) ошкоро шаҳодат аз он медиҳад, ки байни нишондиҳандаи шумораи аҳолии машғул дар иқтисодиёт бо нишондиҳандаи музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ тибқи арзёбии эконометрикӣ алоқаи на он қадар зич ва бо аломати баръакс

вуҷуд дорад. Натиҷаи мазкур, гувоҳ аз он медиҳад, ки бо сабаби паст будани сатҳи музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо дар соҳаи иқтисодиёт ба болоравии нишондиҳандаи шуғли аҳолии машғул нисбатан таъсири манфӣ мерасонад, инчунин боиси афзоиши сатҳи шиддатнокӣ дар бозори меҳнат мегардад.

Биноан, масъалаи муҳим ин арзёбии муайян намудани сатҳи шиддатнокӣ дар бозори меҳнат ба ҳисоб меравад. Шиддатнокӣ дар бозори меҳнат, тибқи маълумоти Ҷадвали 2.1.4 шаҳодат аз он медиҳад, ки дар баробари суръатафзоии тағйироти сохтории аҳолии дар иқтисодиёт машғул, инчунин, динамикаи нишондиҳандаи шиддатнокӣ дар бозори меҳнат тамоюли болоравӣ дорад.

**Ҷадвали 2.1.5.**

**Динамикаи коэффитсиенти шиддатнокӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014 – 2020**

| Нишондиҳанда | **Солҳо** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| 1. Шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнати машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд, нафар. | 72409 | 72521 | 77349 | 79619 | 92631 | 106542 | 103457 |
| 2. Изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандон, нафар. | 10335 | 7275 | 9224 | 7998 | 8982 | 10201 | 9416 |
| 3.Коэффитсиенти шиддатнокӣ | 7,0 | 9,9 | 8,3 | 9,9 | 10,3 | 10,4 | 10,9 |

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумотҳои Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ Маҷмӯаи оморӣ Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон: с. 298 таҳия ва ҳисоб карда шудааст.

Аз маълумоти дарҷгардидаи Ҷадвали 2.1.5 натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки дар давоми солҳои 2014 – 2020 динамикаи коэффитсиенти дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзояндагиро дорад. Агарчи дар

солҳои 2014 – 2020 шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнати машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд, ба ҳисоби миёнаи солона 6,1 фоиз зиёд гардида бошанд, он гоҳ изҳороти корхонаҳо дар бораи талаботи кормандон ба ҳисоби миёна, дар як сол нисбатан 1,6 фоиз коҳиш ёфтааст.

Вобаста ба чунин вазъият, метавон гуфт, ки  тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" бе шуғл будани шаҳрвандон барои ба ҷавобгарии маъмурӣ, ҷиноӣ ва дигар намуди ҷавобгарӣ кашидани онҳо асос шуда наметавонад. Зимнан, барои коҳиш додани сатҳи шиддатнокӣ дар бозори меҳнат дар мадди аввал таъсис додани ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба миён меояд. Бахусус, дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ (2019) чунин қайд гардидааст: « ... то ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатӣ фаъолияти давлатӣ фаъолияти худро боз ҳам беҳтар карда, бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо барои сокинони кишвар ҳар сол на кам аз 100 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳем ва бо ҳамин роҳ шиддати муҳоҷирати меҳнатиро паст намоем»[30] .

## 2.2 Таҳлили сатҳи  устувори шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар асоси низоми нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбӣ, ки дар параграфи 1.2. дарҷ гардидааст, сатҳи шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда мешавад. Зимнан, барои гузаронидани арзёбии мазкур аз ҷониби муаллиф пойгоҳи иттилоотӣ, ки барои ҳисоби нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд, таҳия гардидааст. Пойгоҳи иттилоотии мазкур, дар Ҷадвали 2.2.1. дарҷ шудааст.

Муаллиф ҷиҳати гузаронидани  таҳқиқот ҳадаф гузошт, ки дар навбати аввал ҳар нишондиҳандаи болозикрро дар динамика арзёбӣ намуда, баъдан

[30] Рӯзномаи "Минбари халқ" аз 26 декабри  соли 2019 №52 (1241). с.7

нишондиҳандаи сатҳи рушди шуғли устувори  пурмаҳсулро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути истифодаи усули бисёрченаи муқоисавӣ арзёбӣ намояд. Илман асоснок кунонида мешавад, ки то кадом андоза  тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосӣ ба сатҳи рушди шуғли устувори пурмаҳсул дар ҷумҳурӣ мусоидат мусоидат менамояд. Бояд иброз дошт, ки барои тавсифи миқдории шуғли устувори пурмаҳсул, дар навбати аввал, нишондиҳандаи шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло истифода бурда мешавад. Бояд иттилоъ дод, ки тибқи маълумоти Ҷадвали 2.2.1. дар солҳои 2014 – 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоби миёнаи солона суръатафзоии нишондиҳандаи мазкур 24 фоизро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, дар муқоиса бо суръатафзоии нишондиҳандаи шумораи умумии аҳолии синашон 15 сола ва аз он боло, суръатафзоии миёнасолонаи нишондиҳандаи шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қувваи корӣ) комилан пасттар буда, ҳамагӣ 1,0 фоизро ташкил медиҳад.

Мавриди зикр аст, суръатафзоии шумораи умумии аҳолии синнашон аз 15сола ва аз он боло шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол ба тағйирёбии ҷалби шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт машғул мусоидат менамояд. Таҳлили нишондиҳандаи шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт машғул дар солҳои 2014 – 2020 нишон медиҳад, ки ба ҳисоби миёна 1,25%, аз ҷумла шумораи занҳои кормандони кироякор 3,6% зиёд гардидааст. Инчунин, баҳисоби миёна  шумораи  аҳолии машғули кор аз рӯи шаклҳои моликият: давлатӣ 1,8%, хусусӣ 1,9 ва коллективӣ  9,7% омехта бе иштироки хориҷиён – 21,6% зиёд шудааст. Бо вуҷуди ин, ба ҳисоби миёна шумораи аҳолии машғули кор аз рӯи шаклҳои коллективӣ  9,7% ва омехта бо иштироки хориҷиён қариб 75% коҳиш ёфтааст.

Метавон қайд кард, ки  пешгузарии суръатафзоии нишондиҳандаи шумораи умумии аҳолии синнашон аз 15сола ва аз он боло дар муқоиса ба нишондиҳандаи шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт машғул мушоҳида мегардад. Чунин ҳолат асоси зиёдшавии нишондиҳандаи шумораи шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти

шуғли аҳолӣ бақайд гирифта шудаанд, мебошад. Собит карда мешавад, ки дар давраи таҳлилии солҳои 2014 – 2020 баҳисоби миёна суръатафзоии чунин гуруҳи шахсон 6,1% аст. Бо вуҷуди он ки дар ҳамин давраи таҳлилӣ шумораи бекорони расман эътирофшуда ҳамагӣ 1,9% коҳиш ёфтааст.

Тавре ки дар боло дарҷ гардидааст, ҳадафи асосии шуғли пурмаҳсул дар баробари баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, инчунин ба даст овардани даромад дар шакли музди меҳнат мебошад. Аз ин лиҳоз, арзёбӣ карда мешавад, ки дар солҳои 2014 – 2020 суръатафзоии нишондиҳандаи музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ба ҳисоби миёна 7,9% мебошад.

**Ҷадвали 2.2.1.**

**Низоми нишондиҳандаҳои асосии тавсифшавандаи шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15 сола ва аз он боло, ҳазор нафар(X1) | 5317 | 5459,9 | 5612,3 | 5733,2 | 5867,5 | 5996,7 | 6122,8 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қуваи корӣ), ҳазор нафар (X2) | 2381 | 2437 | 2438 | 2460 | 2478 | 2514 | 2557 |
| Шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт машғул, ҳазор нафар (X3) | 2325,4 | 2379,7 | 2384,2 | 2407,0 | 2425,5 | 2463,4 | 2506,2 |
| аз ҷумла: | | | | | | | |
| Шумораи занҳои кироякор (X4) | 458,5 | 526,8 | 486,6 | 473,4 | 529,3 | 554,2 | 567,2 |
| Шумораи аҳолии машғул дар бахши воқеӣ, ҳазор нафар (X5) | 1682,6 | 1704,0 | 1694,8 | 1685,3 | 1698,9 | 1731,0 | 1754,4 |
| Шумораи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ, ҳазор нафар (X6) | 642,8 | 674,7 | 690,5 | 721,7 | 726,6 | 732,4 | 751,8 |
| Шумораи бекорони расман эътирофшуда, ҳазор нафар (X7) | 56 | 57 | 54 | 53 | 52 | 51 | 51 |
| Шумораи аҳолии машғули кор аз рӯи шаклҳои моликият, ҳазор нафар (X8). | 2325,4 | 2379,7 | 2384,2 | 2407,0 | 2425,5 | 2463,4 | 2506,2 |

**Идомаи Ҷадвали 2.2.1.**

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ бақайд гирита шудаанд, нафар (X9). | 72409 | 72521 | 77349 | 79619 | 92631 | 106542 | 103357 |
| Изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандони (миқдори ҷои кории холӣ), нафар (X10). | 10335 | 7275 | 9224 | 7998 | 8982 | 10201 | 9416 |
| Шумораи аҳолии аз қобили меҳнат ҷавонтар, ҳазор нафар (X11). | 2844,1 | 2892,1 | 2938,9 | 3009,6 | 3063,6 | 3129,9 | 3191,0 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат, ҳазор нафар (X12). | 4920,1 | 5046,0 | 5175,5 | 5273,2 | 5379,7 | 5473,9 | 5567,4 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат калонсолтар, ҳазор нафар (X13). | 396,9 | 413,9 | 436,8 | 460,0 | 487,8 | 522,8 | 555,4 |
| Гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ, нафар (X14) | 676758 | 561946 | 528638 | 494402 | 491013 | 537583 | **...** |
| **Ҳиссаи аҳолии машғул аз шумораи умумии:** | | | | | | | |
| Аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, % (X15). | 43,7 | 43,59 | 42,48 | 41,98 | 41,3 | 41,1 | 40,9 |
| Аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ,%.(X16) | 47,3 | 47,2 | 46,1 | 45,6 | 45,1 | 45,0 | 45,0 |
| Аҳолии аз ҷиҳати дар иктисодиёт фаъол,% (X17). | 97,7 | 97,6 | 97,8 | 97,8 | 97,9 | 98,0 | 98,0 |

**Идомаи Ҷадвали 2.2.1.**

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши воқеӣ аз шумораи умумии:** | | | | | | | |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, %.(X18) | 31,6 | 31,2 | 30,2 | 29,4 | 29,0 | 28,9 | 28,7 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат,% (X19). | 34,2 | 33,8 | 32,7 | 32,0 | 31,6 | 31,6 | 31,5 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қуваи корӣ),% (X20). | 70,7 | 69,9 | 69,5 | 68,5 | 68,6 | 68,9 | 68,6 |
| **Ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ аз шумораи умумии:** | | | | | | | |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, % (X21). | 12,1 | 12,4 | 12,3 | 12,6 | 12,4 | 12,2 | 12,3 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат,% (X22). | 13,1 | 33,0 | 13,3 | 13,7 | 13,5 | 13,4 | 13,5 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қуваи корӣ),% (X23). | 27,0 | 27,7 | 28,3 | 29,3 | 29,3 | 29,1 | 29,4 |
| Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолиятии қтисодӣ, сомонӣ (X24). | 694,89 | 816,27 | 878,91 | 962,16 | 1144,19 | 1233,82 | 1335,52 |

* Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумотҳои Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ Маҷмӯаи оморӣ Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон Душанбе 2021. с. 70, с.73, с. 76, с. 79, с. 83, с. 90, с. 99, с. 101, с. 105, с. 107, с. 109, с. 149, с. 152, с. 240, с. 242, с. 298 таҳия ва ҳисоб кардааст.

Барои тавсифи миқдории шуғли пурмаҳсул дар баробари нишондиҳандаҳои мутлақ, инчунин нисбӣ низ истифода бурда мешавад. Барои арзёбии миқдории сатҳи ҷалби аҳолӣ дар иқтисодиёт машғул се нишондиҳандаи нисбӣ мавриди арзёбӣ қарор дода мешавад:

а) аз шумораи умумии аҳолии синашон 15 сола ва аз он боло;

б) аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ;

в) аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол.




**Диаграммаи 2.2.1. Динамикаи ҳиссаи аҳолии дар иқтисодиёт машғул аз шумораи умумии аҳолии синнашон 15 сола ва аз он боло дар солҳои 2014 - 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, %.**

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Ҷадвали 2.2.1 таҳия ва ҳисоб кардааст.

Тавре ки аз маълумоти диаграммаи 2.2.1 аён аст, динамикаи ҳиссаи аҳолии дар иқтисодиёт машғул аз шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло дар солҳои 2014 - 2020 тамоюли пастравиро дорад. Агарчи нишондиҳандаи мазкур, дар соли 2014 бузургии 43,7 фоизро ташкил диҳад, пас дар соли 2015 – 43,59%, 2016 – 42,48%, 2017 – 41,98%, 2018 – 41,3%, 2019 – 41,1% ва соли 2020 ба 40,9 баробар гардидааст. Албатта, коҳишёбии

динамикаи ҳиссаи аҳолии дар иқтисодиёт машғул аз ҳисоби суръатафзоии шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло дар муқоиса ба шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул ба миён омадааст.

Бояд тазаккур дод, ки қисми асосии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло кишварро аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ ташкил медиҳад. Ҳиссаи шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ аз шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло дар соли 2014 – 47,3%, 2015 – 47,2%, 2016 – 46,1%, 2017 – 45,6%, 2018 – 45,1%, 2019 – 45,0% ва соли 2020 45,0% -ро ташкил медиҳад.




**Диаграммаи 2.2.2 Динамикаи ҳиссаи аҳолии машғул аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ дар солҳои 2014 – 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, %.**

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Ҷадвали 2.2.1. таҳия ва ҳисоб кардааст.

Динамикаи нишондиҳандаи ҳиссаи аҳолии машғул аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ дар солҳои 2014 – 2020 нисбатан тамоюли коҳишёбиро дорад. Баҳисоби миёнаи солона суръати коҳишёбии ҳиссаи аҳолии машғул аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ 0,9 фоизро ташкил медиҳад.

Дар айни замон, яке аз нишондиҳандаҳои муҳим, ки сатҳи шуғли пурмаҳсулро тавсиф менамояд, ин таҳлил намудани ҳиссаи шуғли аҳолии машғул шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол мебошад.

Дар таҳқиқоти мазкур, ҳиссаи аҳолии машғул аз шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол тавассути ҳиссаи аҳолии машғул аз шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол муайян карда шудааст. Тавре, ки маълумотҳои диаграммаи 2.2.3. шоҳидӣ медиҳанд, сатҳи шуғли аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул дар сатҳи баланд қарор дошта, тамоюли нисбатан афзояндагиро дорад. Дар солҳои 2014 - 2020 фосилаи сатҳи шуғли аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол аз 97,6% то 98,0% мебошад.




**Диаграммаи 2.2.3. Динамикаи ҳиссаи аҳолии машғул аз шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол дар солҳои 2013 - 2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*,%.**

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Ҷадвали 2.2.1 таҳия ва ҳисоб кардааст.

Ҳамин тавр, тамоюли ҳиссаи аҳолии машғулро аз рӯи қиматҳои шумораи умумии аҳолии синашон 15 сола ва аз он боло, аҳолии қобили

меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ ва аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол дар солҳои 2014 – 2019 мавриди арзёбӣ қарор дода, таносубии онҳо бо тартиби зерин, ки моҷаронтнокӣ ном дорад, ҷойгир карда мешавад:

Ҳиссаи аҳолии дар иқтисодиёт машғул аз шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло < Ҳиссаи аҳолии машғул аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ < ҳиссаи аҳолии машғул аз шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол.

Мавриди зикр аст, ки дар давоми арзёбии ҳиссаи аҳолии машғул дар бахшҳои иқтисодиёт – воқеӣ ва хизматрасонӣ гузаронида мешавад.

Бояд ба эътибор гирифт, ки тибқи тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ТУНФИ – 2 бахши воқеӣ иборат аст, аз соҳаҳои кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ, саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди онҳо, саноати коркард, дастрасӣ (таъмин) –и қувваи барқ, газ, буғҳаво, таъминоти об, тозакунӣ, коркарди пасоб ва гирифтани ашёи дуюмдараҷа ва сохтмон.




**Диаграммаи 2.2.4. Динамикаи ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши воқеӣ аз шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло дар солҳои 2014 - 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон %.**

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Ҷадвали 2.2.1. таҳия ва ҳисоб кардааст.

Арзёбии нишондиҳандаи ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши воқеӣ аз шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло дар солҳои 2014 – 2020 нишон медиҳад, ки тамоюли коҳишёбиро дорад. Агарчи дар соли 2014 нишондиҳандаи мазкур, 31,6 фоизро ташкил диҳад, пас ҳамин нишондиҳанда дар соли 2015 – 31,2%, 2016 – 30,2%, 2017 – 29,4%, 2018 – 29,0%, 2019 – 28,9% ва соли 2020 27,7% баробар мебошад. Суръаткоҳишёбии нишондиҳандаи ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши воқеӣ аз шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло дар солҳои 2014 – 2020 ба ҳисоби миёна ҳамагӣ 1,6% аст.

Дар баробари ин, дар ҳамин давраи арзёбишаванда мушоҳида мегардад, ки динамикаи ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши воқеӣ аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ низ тамоюли коҳишёбиро дорад.




**Диаграммаи 2.2.5. Динамикаи ҳиссаи аҳолии машғул аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ дар солҳои 2014 – 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, %.**

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Ҷадвали 2.2.1. таҳия ва ҳисоб кардааст.

Дар соли 2014 ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши воқеӣ аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ – 34,2%, 2015 – 33,8%, 2016 – 32,7%, 2017 – 32,0%, 2018 – 31,6%, 2019 – 31,6% ва соли 2020 31,5% -ро ташкил намуда, тамоюли коҳишёбиро доранд. Ба ҳисоби миёнаи солҳои 2014 – 2020 суръаткоҳишёбии нишондиҳандаи ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши воқеӣ аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ 1,4 фоиз мебошад.




**Диаграммаи 2.2.6. Динамикаи ҳиссаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қувваи корӣ) дар бахши воқеӣ дар солҳои 2014 – 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,%.**
*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Ҷадвали 2.2.1 таҳия ва ҳисоб кардааст.

Инчунин, мушоҳида мегардад, ки ҳиссаи аҳолии машғул аз шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ) дар солҳои 2014 – 2020 тамоюли коҳишёбиро дорад. Ба ҳисоби миёна суръати коҳишёбии ҳиссаи аҳолии машғул аз шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қувваи корӣ) 0,5 фоизро ташкил медиҳад.

Бояд қайд кард, ки ҳиссаи муайяни аҳолӣ дар бахши хизматрасонии иқтисодиёт машғулият дорад. Зимнан, ба бахши хизматрасонӣ тибқи тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти Ҷумҳурӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ТУНФИ – 2 соҳаҳои зерини иқтисодиёт дохил мешаванд:

- Савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, мототсиклҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ;
- Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо;
- Нақлиёт ва хоҷагии анбор;
- Маълумот ва коммуникатсияҳо;
- Миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ;
- Амалиётҳо бо амволи ғайриманқул;
- Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ;
- Идоракунӣ ва фаъолияти ёрирасон;
- Идоракунии давлатӣ ва мудофиа, бехатарии ҳатмии иҷтимоӣ;
- Маориф;
- Тандурустӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ;
- Санъат, дилхушӣ ва истироҳат;
- Фаъолияти дигари хизматрасонӣ.

Дар солҳои 2014 – 2020 ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ аз шумораи умумии аҳолии синаашон 15 сола ва аз он боло нисбатан тамоюли зиёдшавро дорад.

Тибқи диаграммаи 2.2.7. баръало намоён аст, ки ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ аз шумораи умумии аҳолии синаашон 15 сола ва аз он калонсолон дар соли 2014 – 12,1%, 2015 – 12,4%, 2016 – 12,3%, 2017 - 12,6%, 2018 – 12,4%, 2019 12,2% ва 2020 12,3% -ро ташкил медиҳад.




**Диаграммаи 2.2.7. Динамикаи ҳиссаи аҳолии дар иқтисодиёт машғул дар бахши хизматрасонӣ аз шумораи умумии аҳолии синнашон 15 сола ва аз он боло дар солҳои 2013 - 2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, %.**

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Ҷадвали 2.2.1 таҳия ва ҳисоб кардааст.

Ҳамзамон, ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ дар солҳои 2014 – 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, нисбатан тамоюли афзояндагиро дорад.

Дар асоси маълумоҳои дар диаграммаи 2.2.7. дарҷ гардида, метавон доир ба ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ дар солҳои баррасигардида чунин арзёбӣ кард: агарчӣ дар соли 2014 ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ дар соли 2014 бузургии 13,1 фоизро ташкил диҳад, пас дар соли 2015 – 13,4%, 2016 – 13,3%, 2017 – 13,7%, 2018 – 13,5% , 2019 – 13,4% ва соли 2020 – 13,5% баробар мебошад.




**Диаграммаи 2.2.8. Динамикаи ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ дар солҳои 2014 – 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, %.**

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Ҷадвали 2.2.1 таҳия ва ҳисоб кардааст.

Ҳамзамон, динамикаи ҳиссаи аҳолии дар бахши хизматрасонӣ аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қувваи корӣ) дар солҳои 2014– 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзояндагиро дорад.




**Диаграммаи 2.2.9. Динамикаи ҳиссаи аҳолии дар бахши хизматрасонӣ аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қувваи корӣ) дар солҳои 2014– 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон %**

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Ҷадвали 2.2.1. таҳия ва ҳисоб кардааст.

Ҳисоби нишондиҳандаи ҳиссаи аҳолии дар бахши хизматрасонӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ)  дар соли 2014 – 27,0%, 2015 – 27,7%, 2016 – 28,3%, 2017 – 29,3%, 2018 – 29,3% ,  2019 – 29,1% ва соли 2020 29,4% -ро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, динамикаи нишондиҳандаҳои асосиро, ки ба сатҳи шуғли устувори пурмаҳсул таъсири мухталиф мерасонанд, арзёбӣ намуда, дар асоси истифодаи маълумоти онҳо тавассути истифодаи усули бисёрченаи муқоисавӣ нишондиҳандаи сатҳи шуғли устувори пурмаҳсулро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳо дода мешавад. Барои ҳисоби нишондиҳандаи сатҳи шуғли пурмаҳсул ҷадвалҳои ёрирасони 2.2.2. ва 2.2.3. таҳия карда мешавад.

**Ҷадвали 2.2.2**

**Ҷадвал нишондиҳандаҳо барои ҳисоб намудани сатҳи шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014 – 2020**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | Бузургии максималӣ (max) | Бузургии минималӣ (min) | max-min |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | | | |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, ҳазор нафар(X1). | 5317 | 5459,9 | 5612,3 | 5733,2 | 5867,5 | 5996,7 | 6122,8 | 6122,8 | 5317,0 | 805,0 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қуваи корӣ), ҳазор нафар (X2). | 2381 | 2437 | 2438 | 2460 | 2478 | 2514 | 2557 | 2557 | 2381 | 176 |
| Шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт машғул, ҳазор нафар (X3). | 2325,4 | 2379,7 | 2384,2 | 2407,0 | 2425,5 | 2463,4 | 2506,2 | 2506,2 | 2325,4 | 180,8 |
| Шумораи занҳои кироякор, ҳазор нафар (X4). | 458,5 | 526,8 | 486,6 | 473,4 | 529,3 | 554,2 | 567,2 | 567,2 | 458,5 | 108,7 |
| Шумораи аҳолии машғул дар бахши воқеӣ, ҳазор нафар (X5). | 1682,6 | 1704,0 | 1694,8 | 1685,3 | 1698,9 | 1731,0 | 1754,4 | 1754,4 | 1682,6 | 71,8 |
| Шумораи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ, ҳазор нафар (X6). | 642,8 | 674,7 | 690,5 | 721,7 | 726,6 | 732,4 | 751,8 | 751,8 | 642,8 | 109 |
| Шумораи бекорони расман эътирофшуда, ҳазор нафар (X7). | 56 | 57 | 54 | 53 | 52 | 51 | 51 | 57 | 51 | 6 |
| Шумораи аҳолии машғули кор аз рӯи шаклҳои моликият, ҳазор нафар (X8). | 2325,4 | 2379,7 | 2384,2 | 2407,0 | 2425,5 | 2463,4 | 2506,2 | 2506,2 | 2325,4 | 180,8 |

**Идомаи Ҷадвали 2.2.2.**

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ бақайд гирита шудаанд, нафар (X9). | 72409 | 72521 | 77349 | 79619 | 92631 | 106542 | 103357 | 106542 | 72409 | 34133 |
| Изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандони (миқдори ҷои кории холӣ), нафар (X10). | 10335 | 7275 | 9224 | 7998 | 8982 | 10201 | 9416 | 10335 | 7275 | 3060 |
| Шумораи аҳолии аз қобили меҳнат ҷавонтар, ҳазор нафар (X11). | 2844,1 | 2892,1 | 2938,9 | 3009,6 | 3063,6 | 3129,9 | 3191,0 | 3191,0 | 2844,1 | 346,9 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат, ҳазор нафар (X12). | 4920,1 | 5046,0 | 5175,5 | 5273,2 | 5379,7 | 5473,9 | 5567,4 | 5567,4 | 4920,1 | 647,3 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат калонсолтар, ҳазор нафар (X13). | 396,9 | 413,9 | 436,8 | 460,0 | 487,8 | 522,8 | 555,4 | 555,4 | 396,8 | 158,6 |
| Гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ, нафар (X14) | 676758 | 561946 | 528638 | 494402 | 491013 | 537583 | ... | 676758 | 491013 | 185745 |
| Аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, % (X15). | 43,7 | 43,59 | 42,48 | 41,98 | 41,3 | 41,1 | 40,9 | 43,7 | 40,9 | 2,8 |
| Аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ,%.(X16) | 47,3 | 47,2 | 46,1 | 45,6 | 45,1 | 45,0 | 45,0 | 47,3 | 45,0 | 2,3 |
| Аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол,% (X17) | 97,7 | 97,6 | 97,8 | 97,8 | 97,9 | 98,0 | 98,0 | 98,0 | 97,6 | 0,4 |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, %.(X18) | 31,6 | 31,2 | 30,2 | 29,4 | 29,0 | 28,9 | 28,7 | 31,6 | 28,7 | 2,9 |

**Идомаи Ҷадвали 2.2.2.**

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат,% (X19) | 34,2 | 33,8 | 32,7 | 32,0 | 31,6 | 31,6 | 31,5 | 34,2 | 31,5 | 2,7 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қуваи корӣ),% (X20). | 70,7 | 69,9 | 69,5 | 68,5 | 68,6 | 68,9 | 68,6 | 70,7 | 68,5 | 2,2 |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, % (X21). | 12,1 | 12,4 | 12,3 | 12,6 | 12,4 | 12,2 | 12,3 | 12,6 | 12,1 | 0,5 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат,% (X22). | 13,1 | 13,4 | 13,3 | 13,7 | 13,5 | 13,4 | 13,5 | 13,4 | 13,1 | 0,3 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қуваи корӣ),% (X23). | 27,0 | 27,7 | 28,3 | 29,3 | 29,3 | 29,1 | 29,4 | 29,4 | 27,0 | 2,4 |
| Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолиятии қтисодӣ, сомонӣ (X24). | 694,89 | 816,27 | 878,91 | 962,16 | 1144,19 | 1233,82 | 1335,52 | 1335,52 | 694,89 | 640,63 |

*Сарчашма: муаллиф дар асоси Ҷадвали 2.2.1 таҳия ва ҳисоб карда шудааст.

**Ҷадвали 2.2.3**

**Ҷадвали нишондиҳо барои муайян кардани рейтингии шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2020**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | Σ | Рейтинг |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | | |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, ҳазор нафар(X1). | 0 | 0,18 | 0,36 | 0,51 | 0,68 | 0,84 | 1 | 3,57 | 9 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қуваи корӣ), ҳазор нафар (X2). | 0 | 0,31 | 0,32 | 0,44 | 0,55 | 0,75 | 1 | 3,37 | 11 |
| Шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт машғул, ҳазор нафар (X3). | 0 | 0,5 | 0,33 | 0,45 | 0,55 | 0,76 | 1 | 3,59 | 7 |
| Шумораи занҳои кироякор, ҳазор нафар (X4). | 0 | 0,62 | 0,25 | 0,13 | 0,65 | 0,52 | 1 | 3,17 | 14 |
| Шумораи аҳолии машғул дар бахши воқеӣ, ҳазор нафар (X5). | 0 | 0,29 | 0,16 | 0,03 | 0,22 | 0,67 | 1 | 2,37 | 22 |
| Шумораи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ, ҳазор нафар (X6). | 0 | 0,29 | 0,43 | 0,72 | 0,76 | 0,82 | 1 | 4,02 | 4 |
| Шумораи бекорони расман эътирофшуда, ҳазор нафар (X7). | 0,83 | 1 | 0,5 | 0,33 | 0,16 | 0 | 0 | 2,82 | 18 |
| Шумораи аҳолии машғули кор аз рӯи шаклҳои моликият, ҳазор нафар (X8). | 0 | 0,5 | 0,32 | 0,45 | 0,55 | 0,76 | 1 | 3,58 | 8 |
| Шумораи шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ бақайд гирита шудаанд, нафар (X9). | 0 | 0,01 | 0,14 | 0,21 | 0,59 | 1 | 0,9 | 2,85 | 17 |

**Идомаи ҷадвали 2.2.3.**

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандони (миқдори ҷои кории холӣ), нафар (X10). | 1 | 0 | 0,63 | 0,24 | 0,55 | 0,95 | 0,69 | 4,06 | 3 |
| Шумораи аҳолии аз қобили меҳнат ҷавонтар, ҳазор нафар (X11). | 0 | 0,13 | 0,27 | 0,47 | 0,63 | 0,82 | 1 | 3,32 | 12 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат, ҳазор нафар (X12). | 0 | 0,19 | 0,39 | 0,54 | 0,71 | 0,85 | 1 | 3,68 | 6 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат калонсолтар, ҳазор нафар (X13). | 0 | 0,1 | 0,25 | 0,39 | 0,58 | 0,79 | 1 | 3,11 | 16 |
| Гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ, нафар (X14) | 1 | 0,35 | 0,2 | 0,01 | 0 | 0,25 | 0 | 1,81 | 24 |
| Аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, % (X15). | 1 | 0,96 | 0,56 | 0,38 | 0,15 | 0,07 | 0 | 3,12 | 15 |
| Аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ,%.(X16) | 1 | 0,78 | 0,47 | 0,26 | 0,04 | 0 | 0 | 2,55 | 20 |
| Аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол,% (X17) | 0,25 | 0 | 0,5 | 0,5 | 0,75 | 1 | 1 | 4 | 5 |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, %.(X18) | 1 | 0,86 | 0,51 | 0,24 | 0,1 | 0,06 | 0 | 2,77 | 19 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат,% (X19) | 1 | 0,85 | 0,44 | 0,18 | 0,03 | 0,03 | 0 | 2,53 | 21 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қуваи корӣ),% (X20). | 1 | 0,63 | 0,45 | 0 | 0,04 | 0,18 | 0,04 | 2,34 | 23 |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, % (X21). | 0 | 0,6 | 0,4 | 1 | 0,6 | 0,2 | 0,4 | 3,2 | 13 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат,% (X22). | 0 | 1 | 0,66 | 2 | 1,33 | 1 | 1,33 | 7,32 | 1 |

**Идомаи ҷадвали 2.2.3.**

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қуваи корӣ),% (X23). | 0 | 0,29 | 0,54 | 0,95 | 0,95 | 0,87 | 1 | 4,6 | 2 |
| Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолиятии қтисодӣ, сомонӣ (X24). | 0 | 0,18 | 0,28 | 0,41 | 0,7 | 0,84 | 1 | 3,41 | 10 |

*Сарчашма: муаллиф дар асоси Ҷадвали 2.2.2. таҳия ва ҳисоб карда шудааст.

Акнун тибқи маълумоти ҷадвалҳои 2.2.2 ва 2.2.3. рейтинги нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул аз рӯи холҳои (балҳои) гирифташуда дарҷ гардонида мешавад. Арзёбӣ карда мешавад, ки нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул дар давоми солҳои 2013 – 2019 аз рӯи холҳои (балҳои) умумӣ нобаробар ҷойгир шудаанд. Бинобар он, зарурият ба миён меояд, ки нишондиҳандаҳои мазкурро бо тартиби афзояндагӣ ҷойгир намоем, ки натиҷаҳои онҳо дар Ҷадвали 2.2.4. нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.2.4.**

**Рейтингӣ нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | Σ | Рейтинг |
|---|---|---|
| Ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ аз шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат,% (X22). | 7,32 | 1 |
| Ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ аз шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қуваи корӣ),% (X23). | 4,6 | 2 |
| Изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандони (миқдори ҷои кории холӣ), нафар (X10). | 4,06 | 3 |
| Шумораи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ, ҳазор нафар (X6). | 4,02 | 4 |
| Аахолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол,% (X17). | 4,0 | 5 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат, ҳазор нафар (X12). | 3,68 | 6 |
| Шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт машғул, ҳазор нафар (X3). | 3,59 | 7 |

**Идомаи Ҷадвали 2.2.4.**

| | | |
|---|---|---|
| Шумораи аҳолии машғули кор аз рӯи шаклҳои моликият, ҳазор нафар (X8). | 3,58 | 8 |
| Шумораи умумии аҳолии синашон 15сола ва аз он боло, ҳазор нафар (X1). | 3,57 | 9 |
| Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолиятииқтисодӣ, сомонӣ (X24). | 3,41 | 10 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ), ҳазор нафар (X2). | 3,37 | 11 |
| Шумораи аҳолии аз қобили меҳнат ҷавонтар, ҳазор нафар (X11). | 3,32 | 12 |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15 сола ва аз он боло, % (X21). | 3,2 | 13 |
| Шумораи занҳои кормандони кироякор (X4). | 3,17 | 14 |
| Аҳолии синнашон 1 сола ва аз он боло, % (X15). | 3,12 | 15 |
| Шумораи аҳолии синнусоли қобили меҳнати калонсолтар, ҳазор нафар (X13). | 3,11 | 16 |
| Шумораи шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд, нафар (X9). | 2,85 | 17 |
| Шумораи бекорони расман эътирофшуда, ҳазор нафар (X7). | 2,82 | 18 |
| Шумораи умумии аҳолии синашон 15сола ва аз он боло, % (X18). | 2,77 | 19 |
| Аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ,% (X16). | 2,55 | 20 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат,% (X19). | 2,53 | 21 |
| Шумораи аҳолии машғул дар бахши воқеӣ, ҳазор нафар (X5). | 2,37 | 22 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қуваи корӣ),% (X20). | 2,34 | 23 |
| Гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ, нафар (X14). | 1,84 | 24 |

*Сарчашма: муаллиф дар асоси Ҷадвали 2.2.3 таҳия карда шудааст.

Тавре ки маълумоти рейтингии Ҷадвали 2.2.4. маълум мегардад, рушди ноустувори нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул дар солҳои 2014 – 20120 мушоҳида мегардад. Дар солҳои арзёбишаванда, тибқи суммаи холҳои рейтингӣ метавон натиҷагирӣ намуд, ки рушди шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар расида, бузургии миёнаи суммаи холҳои рейтингӣ (x = 3,38) –ро ташкил медиҳад.

Феълан, аз рӯи маълумоти рейтинги нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул, ки дар ҷадвали 2.2.4. дарҷ гардидааст, тибқи истифодаи усули гурӯҳбандӣ се гурӯҳи сатҳи нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсулро ҷудо карда мешавад. Гурӯҳбандии сатҳи нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷадвали 2.2.5. нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.2.5.**

**Гурӯҳбандии сатҳи нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № гуруҳҳо | Гурӯҳи нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул, аз рӯи холҳо (балҳо) | Мансубияти нишондиҳандаҳо ба гурӯҳҳо |
|---|---|---|
| 1 | 1,81 – 3,64 | ✓ Гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ;<br>✓ Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қуваи корӣ);<br>✓ Шумораи аҳолии машғул дар бахши воқеӣ, ҳазор нафар;<br>✓ Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат;<br>✓ Аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ;<br>✓ Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло;<br>✓ Шумораи бекорони расман эътирофшуда, ҳазор нафар;<br>✓ Шумораи шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирита шудаанд, нафар;<br>✓ Шумораи аҳолии қобили меҳнат калонсолтар, ҳазор нафар;<br>✓ Аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло;<br>✓ Шумораи занҳои кироякор;<br>✓ Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло;<br>✓ Шумораи аҳолии аз қобили меҳнат ҷавонтар, ҳазор нафар;<br>✓ Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ), ҳазор нафар;<br>✓ Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, |

**Идомаи Ҷадвали 2.2.5.**

| | | |
|---|---|---|
| | | сомонӣ;<br>✓ Шумораи умумии аҳолии синашон 15 сола ва аз он боло, ҳазор нафар;<br>✓ Шумораи аҳолии машғули кор аз рӯи шаклҳои моликият, ҳазор нафар;<br>✓ Шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт машғул, ҳазор нафар. |
| 2 | 3,64 – 5,47 | ✓ Шумораи аҳолии қобили меҳнат, ҳазор нафар;<br>✓ Аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол;<br>✓ Шумораи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ, ҳазор нафар;<br>✓ Изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандони (миқдори ҷои кории холӣ), нафар;<br>✓ Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қувваи корӣ) |
| 3 | 5,47 – 7,32 | ✓ Ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ аз шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат |

*Ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси Ҷадвали 2.2.4. таҳия карда шудааст.

Ҳамин тавр, истифодаи усули гурӯҳбандӣ яқинан нишон медиҳад, ки ҳиссаи 4,0 фоизи сатҳи нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул аз рӯи рейтинги ҷойгиршавӣ дар сатҳи баланд, 75,0% – миёна ва 21,0% - дар сатҳи паст ҷойгир шудаанд.

## 2.3 Таҳлили ҳолати бозори меҳнати дохилӣ дар шароити коҳишёбии муҳоҷирати меҳнатии беруна

Дар даврони муосири ҷаҳонишавии иқтисодиёт нақши муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушди иқтисодиёти миллии ҳар мамлакат, яъне кишвари интиқолдиҳанда ё қабулкунандаи муҳоҷирон гуногун аст.

Дар айни замон, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун муҳоҷир барои кор ихтиёран ба дигар мамлакатҳо меравaнд, аз як ҷониб, саҳми худро мустақиман дар рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ мегузоранд. Бо вуҷуди ин, дар натиҷаи гузаронидани фаъолияти меҳнатӣ дар кишварҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои пулӣ интиқол медиҳанд. Зимнан, мафҳуми “муҳоҷири ихтиёрӣ” дар таҳқиқотии мазкур, ҳаракати шаҳрвандонро бо хоҳиши худ ва сабабҳои шахсӣ, ки аз як ҳудуд ба ҳудуди дигар макони фаъолияти меҳнатии худро иваз мекунанд, тафсир карда мешавад.

Албатта, муҳоҷирони меҳнатӣ, ки барои кор ихтиёран ба дигар мамлакатҳои дигар меравaнд, гарчанд дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвари худ мустақим ширкат надоранд, тавассути маблағҳои интиқолдодашуда аз кишварҳои хориҷӣ ба рушди ММД –и Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайримустақиман саҳми худро мерасонанд. Тахмин меравад, ки қисми муайяни муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳисоби интиқоли маблағҳои пулӣ дар дохили кишвар шаклҳои гуногуни соҳибкории хурду миёнаро оид ба истеҳсоли молу хизматҳо ва иҷрои корҳоро ташкил карда, бо ин роҳ дар рушди ММД –и кишвар саҳм гузошта истодаанд.

Баръакс, шумораи кормандони хориҷӣ, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон машғуланд, мустақим дар рушди ММД–и ҷумҳурӣ ҳисса гузошта, мутаносибан дар натиҷаи гузаронидани фаъолияти меҳнатӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои худ маблағи пулӣ - асъори хориҷӣ ирсол менамоянд.

Ҳамин тавр, тибқи гуфтаҳои боло, нишондиҳандаи муҳим, ки раванди муҳоҷиратро арзёбӣ менамояд, ин гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Зимнан, гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ маҷмӯи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки барои кор ихтиёран ба дигар мамлакатҳо мераванд ва шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки аз кишварҳои худ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муҳоҷир сафар менамоянд ва дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми худро мегузоранд, фаҳмида мешавад.

Арзёбии миқдории гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ ($Г_м$) тавассути нишондиҳандаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Г_м = М_с + М_в, \quad (26)$$

дар ин ҷо:

$М_с$– шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз дохили кишвар, яъне шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои кор ихтиёран ба дигар мамлакатҳо рафтаанд;

$М_в$ – шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз хориҷи кишвар, яъне шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунанд.

Таносуби нишондиҳандаи шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунанд ($М_в$) нисбат ба нишондиҳандаи гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ ($Г_м$) ҳиссаи ҷалби шумораи шаҳрвандони хориҷӣ ба иқтисодиёти миллиро ($Ҳ_{ч.т}$) инъикос менамояд, яъне:

$$Ҳ_{ч.х} = М_в/Г_м. \quad (27)$$

Таносуби нишондиҳандаи шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои кор ихтиёран ба дигар мамлакатҳо рафтанд ($М_с$) нисбат ба нишондиҳандаи гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ ($Г_м$) ҳиссаи ҷалби шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти кишварҳои хориҷиро ($Ҳ_{ч.х}$) таҷассум менамояд, яъне: $Ҳ_{ч.т}=М_с / Г_м$. (28)

Акнун тибқи маълумоти Диаграммаи 2.3.1 динамикаи нишондиҳандаи гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013– 2019 арзёбӣ ва таҳлил карда мешавад.




**Диаграммаи 2.3.1. Динамикаи гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013 - 2019***

*- Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2020 Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон: 112 - 114 с. таҳия ва ҳисоб намудааст.

Тавре ки маълумоти Дииаграммаи 1 шоҳидӣ медиҳад, дар солҳои 2013 – 2019 динамикаи нишондиҳандаи гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли коҳишёбиро дорад. Ба ҳисоби миёна солҳои 2013 - 2019 суръати коҳишёбии гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 7,6 фоизро ташкил медиҳад. Чунин ҳолати коҳишёбии нишондиҳандаи гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ дар давоми солҳои 2013 - 2019, яқинан тақозо менамояд, ки дар алоҳидагӣ нишондиҳандаҳои ҳиссаи ҷалби шумораи муҳоҷирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти кишварҳои хориҷӣ ($Х_{ч.х}$) ва ҳиссаи ҷалби шумораи муҳоҷирони хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ($х_{ч.т}$) арзёбӣ карда шаванд.

**Ҷадвали 2.3.1.**

**Динамикаи нишондиҳандаи сатҳи ҷалби шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти кишварҳои хориҷӣ ва сатҳи ҷалби шумораи шаҳрвандони хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2018***

| Нишондиҳанда | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳиссаи ҷалби шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти киварҳои хориҷӣ, % | 99,25 | 98,87 | 97,78 | 97,86 | 98,66 | 98,61 | 98,75 |
| Ҳиссаи ҷалби шумораи шаҳрвандони хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, % | 0,75 | 1,13 | 2,22 | 2,14 | 1,34 | 1,39 | 1,25 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2020 Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон: 112 - 114 с. таҳия ва ҳисоб намудааст.

Тавре ки аз маълумоти Ҷадвали 2.2.5 аён аст, гарчанд, ки ҳиссаи ҷалби шумораи шаҳрвандони кишвар ба иқтисодиёти кишварҳои хориҷӣ дар соли 2019 дар муқоиса бо соли 2013 ба андозаи 0,5% коҳиш ёфтааст. Нишондиҳандаи ҳиссаи ҷалби шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти кишварҳои хориҷӣ дар солҳои 2013 - 2019 дар сатҳи баланд қарор дошта, ба ҳисоби миёна 98,54 фоизро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, нишондиҳандаи сатҳи ҷалби шумораи шаҳрвандони хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯи нишондиҳандаи гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ дар солҳои 2013 - 2019 ҳиссаи на он қадарро ташкил дода, ба ҳисоби миёна қариб 1,46 фоизро ташкил медиҳад. Агарчи дар солҳои 2013 - 2019 сатҳи ҷалби шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти кишварҳои хориҷӣ нисбатан тамоюли

зиёдшавиро дошта бошад, пас сатҳи ҷалби шумораи шаҳрвандони хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли коҳишёбиро дорад.




**Диаграммаи 2.3.2. Динамикаи шумораи шаҳрвандони Тоҷикистон, ки барои кор ихтиёран ба мамлакати дигар рафтанд, дар солҳои 2013 – 2020, нафар**

Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2020 Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон: 112 с. таҳия ва ҳисоб намудааст.

Мувофиқи маълумоти овардашудаи Диаграммаи 2.3.2. натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки дар давоми солҳои 2013 - 2019 тамоюли коҳишёбии динамикаи шумораи шаҳрвандони Тоҷикистон, ки ихтиёран ба дигар мамлакатҳо ҳамчун муҳоҷир коргари кироя рафтаанд, 5,3 %-ро ташкил медиҳад.

Тавре ки маълумоти Диаграммаи 2.3.3. нишон медиҳад, ки дар соли 2013 ба ҳисоби миёна аз ҳазор нафар аҳолии қобили меҳнат 161 нафари онҳо ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар карда бошанд, пас нишондиҳандаи мазкур дар соли 2014 – 132 нафар, соли 2015 – 106 нафар, соли 2016 – 98 нафар, 2017 – 90 нафар ва соли 2019 – 95 нафарро ташкил медиҳад. Чунин тамоюли пастшавии нишондиҳандаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон дар давоми солҳои 2013 – 2019 ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат ошкорро доир ба коҳишёбии шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ шаҳодат намудааст,




**Диаграммаи 2.3.3. Динамикаи шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2013 – 2018**

Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020., с. 112, ва Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе 2020. 25 с. таҳ ия ва ҳисоб намудааст.

Гарчанде ки дар солҳои охир ба коҳишёбии шиддати муҳоҷиратӣ натиҷаи рушди иқтисодиёт ва ташкили ҷойҳои корӣ дар дохили кишвар сабаб гардида бошад ҳам, вале раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ба Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), хусусан Федератсияи Россия ва хориҷи дур идома дорад. Зеро ба ташаккули рафтори аксарияти муҳоҷирони меҳнатӣ як қатор омилҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ таъсир мерасонанд, ки дар натиҷа ба зиёдшавии тамоюли муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат менамояд.

Айни замон, омилҳои асосии иҷтимоӣ – иқтисодие, ки ба раванди вусъатёбии муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишварҳои хориҷии дур ва наздик мусоидат менамоянд, инҳоянд:

Якум, хусусияти рушди вазъи демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи баланд будани сатҳи таваллуд ва нисбати паст будани сатҳи фавт ба афзоиши табиии аҳолӣ мусоидат менамояд.. Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2019 шумораи таваллудшудагон 234,4 ҳазор нафар, шумораи фавтидагон 33,5 ҳазор нафар ва афзоиши табиии аҳолӣ 200,9 ҳазор нафарро

ташкил медиҳад. Албатта, афзоиши табии шумораи аҳолӣ ба зиёд шудани шумораи аҳолии қобили меҳнат сабаб мегардад. Дар соли 2019 шумораи аҳолии қобили меҳнат 5567,4 ҳазор нафар ё ҳиссаи 59,8 фоизро аз шумораи аҳолии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Дуюм, зиёд шудани «шумораи бекорон ва қувваи корӣ дар иқтисодиёт истифоданашуда аз ҳисоби афзоиши табии аҳолӣ мебошад. Дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 шумораи бекорони расман эътирофшуда 51,0 ҳазор нафар ва шумораи қувваи кории дар иқтисодиёт истифоданашуда 3007 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд»[31]. Дараҷаи бекорӣ, яъне шумораи расман эътирофшудаи бекорон нисбат ба қувваҳои корӣ дар соли 2019 ҳиссаи 2,1% ва сатҳи қувваҳои кории дар иқтисодиёт истифоданашуда нисбат ба захираҳои меҳнатӣ дар ҳамин давраи таҳлилӣ 54,3 фоизро ташкил медиҳад.

Сеюм, афзудани шумораи бекороне, ки ба ҷои корӣ ниёз доранд. Тибқи маълумоти Бозори меҳнат дар Ҷумурии Тоҷикистон (2019) шумораи шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар Хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шуда, дар «соли 2019 теъдоди 106542 нафар ва изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандон ҳамагӣ 10201 ҷои кориро ташкил медиҳад ва дар натиҷа, шумораи бекороне, ки ба ҷои корӣ ниёз доранд, 10,34 нафарро ба ҳар як ҷои корӣ ташкил медиҳад»[32]. Чунин ҳолат авҷгирии шиддатнокӣ дар бозори меҳнатро инъикос менамояд, ки дар натиҷа, қисми муайяни бекорон роҳи муҳоҷирати меҳнатиро интихоб менамоянд.

Чорум, паст будани ҳаҷми музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ. Бояд қайд кард, ки дар соли 2019 ҳаҷми музди миёнаи меҳнати номиналии пардохтшудаи ҳар корманди соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ 544,37 сомонӣ, саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва

---

[31]Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2020, Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон с. 81

[32] Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Президаенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2020 – с. 139.

коркарди конҳо 2597,48 сомонӣ, саноати коркард 1580,28 сомонӣ, дастрасӣ (таъмин) –и қувваи барқ, газ, буғ ва ҳаво 2034,10 сомонӣ, таъминоти обтозакунӣ, тақсимот ва гирифтани ашёи дуюмдараҷа 903,65 сомонӣ, сохтмон 2435,08 сомонӣ, савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, мототсиклҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ – 1235,43 сомонӣ, меҳмонхона ва тарабхона 1170,39 сомонӣ, нақлиёт, хоҷагии анбор 1960,95 сомонӣ, маълумот ва коммуникатсияҳо – 2584,12 сомонӣ, миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ 3333,05 сомонӣ, амалиёт бо амволи ғайриманқул 1332,09 сомонӣ, фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ 1253,20 сомонӣ, идоракунӣ ва фаъолияти ёрирасон 1624,65 сомонӣ, идоракунии давлатӣ ва мудофиа, бехатарии ҳатмии иҷтимоӣ 1092,80 сомонӣ, маориф 1058,55 сомонӣ, тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ 900,00 сомонӣ, санъат, вақтхушӣ ва истироҳат 1086,42 сомонӣ, дигар фаъолияти хизматрасонӣ 3006,66 сомониро ташкил медиҳанд. Агарчи ҳаҷми музди миёнаи меҳнати номиналии пардохтшудаи ҳар корманд баҳисоби миёна аз рӯи ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ 1233,82 сомониро ташкил диҳад ҳам, вале дар миёни давлатҳои ИДМ паст буда, на танҳо боиси коҳишёбии сифати қувваи корӣ, инчунин, сабабгори муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон ба кишварҳои хориҷии дур ва наздик мегардад »[33].

Бояд иброз дошт, ки дар баробари омилҳои асосии иҷтимоӣ – иқтисодии дар боло номбаршуда, инчунин дигар омилу шароитҳои объективӣ, аз қабили камбизоатӣ, вайрон шудани соҳаҳои қаблии шуғл дар натиҷаи тағйироти сохтори иқтисодиёт ва ғайра ҷой доранд, ба зиёдшавии шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ мусоидат менамоянд. Зимнан муҳоҷирати меҳнатӣ, айни замон механизмест, ки на танҳо ба беҳтаршавии сатҳи зиндагии шаҳрвандон таъсири мусбӣ мерасонад, инчунин, омилест, ки ба рушди низоми молиявию бонкӣ, умуман, бахши хусусии иқтисодиёти кишвар дар солҳои оянда такони ҷиддӣ медиҳад.

[33] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Президаенти Ҷумхурии Тоҷикистон, Душанбе 2020 – с. 127

Бо вуҷуди гуфтаҳои боло, таҳлили раванди муосири муҳоҷирати меҳнатӣ тақозо менамояд, ки коҳишдиҳии сатҳи шиддатнокии муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҳалли як қатор масъалаҳои муҳими зерин алоқамандӣ дорад:

- Ҳолати муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки самаранокии ҷорӣ намудани механизмҳои алоҳидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бахусус дар амалияи корҳои мақомоти давлатӣ, ки бо масъалаҳои муҳоҷирати беруна машғуланд, нокифоя ба танзим даровaрда шудааст. Зарурият ба миён омадааст, ки дар Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон (1998)  ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муҳоҷират” (1999) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар назардошти хусусиятҳои ҳолат, характер ва ҷараёни муосири муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон дар вазъияти кунунӣ   тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, таҷдиди назар ва дар таҳрири нав такмил дода шаванд.
- Таҳия ва амалигардонии механизм ва роҳҳои таъмини шароити иҷтимоӣ – иқтисодии шаҳрвандон дар тамоми манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ин имконият фароҳам меорад, ки суръати афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ аз манотиқи ҷумҳурӣ ба кишварҳои хориҷӣ коҳиш дода шавад.
- Бояд дар назар гирифт, ки бозори меҳнати дохилӣ дар ҳолати шиддатнокӣ қарор дорад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ нишондиҳандаи шумораи бекороне, ки ба ҷойҳои кор ниёз доранд, дар сатҳи баланд қарор дорад. Аз ин лиҳоз, зарурият ба миён омадааст, ки аз ҳисоби ташкили ҷойҳои кории нав, бахсус, дар бахши хусусӣ бо роҳи дастгирии давлатии соҳибкорони хурд ва миёна рушди бозори меҳнати дохилӣ таъмин карда шаванд.
- Лозим дониста мешавад, ки тибқи талаботҳои муосири бозори меҳнат тайёр кардани мутахассисони ҷавон дар макотибҳои олӣ, миёнаи касбӣ (коллеҷҳо) ва ибтидои касбӣ ба роҳ монда шавад. Зеро ҳиссаи баъзе аз шахсоне, ки дорои маълумотӣ олӣ, миёнаи касбӣ ва ибтидоӣ касбӣ ҳастанд, дар шумораи бекорон қарор доранд. Барои тақвият бахшидан ба андешаҳои болозикр ва собит сохтани онҳо оварда мешавад, ки тибқи таҳлилҳои оморӣ

Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2020) дар соли 2019 ҳиссаи шахсоне, ки дорои маълумоти олӣ, миёнаи касбӣ ва ибтидои касбӣ мебошанд ва дар мақомоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд, дар ҷамъи умумии шумораи бекорон 35,1 фоизро ташкил медиҳад. Гумон меравад, ки инкишофи раванди мазкур метавонад ба афзоиши дараҷаи бекорӣ дар дохили кишвар ва зиёдшавии сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар мусоидат намояд[34].

- Аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба танзим даровардани шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар дохили бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатӣ доранд. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи омори муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар дохили кишвар фаъолияти меҳнатӣ мегузаронанд, 6700 нафарро ташкил медиҳанд[35]. Дар оянда, тахмин меравад, ки рақобати кормандони аз кишварҳои хориҷӣ дар бозори меҳнат нисбат ба кормандони маҳаллӣ боз ҳам пурзӯр гардида, боиси маҳдуд гардидани мавқеи кормандони маҳаллӣ аз бозори меҳнати дохили кишвар мегарданд.

Тавре, дар боло қайд карда шуд, қисмати дигари нишондиҳандаи гардиши муҳоҷирати меҳнатиро шумораи кормандони хориҷиёне, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатӣ мегузаронанд, ташкил медиҳад.

Тибқи маълумоти овардашудаи Диаграммаи 2.3.4. маълум аст, ки дар давоми солҳои 2013 - 2019 ба ҳисоби миёна суръатафзоии шумораи кормандони хориҷӣ, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон машғуланд, 1,8 фоизро ташкил медиҳанд.

---

[34] Бозори меҳнат дар Ҷумхурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Президаенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2020 – с. 144.
[35] Бозори меҳнат дар Ҷумхурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Президаенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2020 – с. 114.




**Диаграммаи 2.3.4. Динамикаи шумораи кормандони хориҷиёне, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон машғуланд (нафар)*.**

Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 112, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ҳисоб кардааст.

Кормандони хориҷӣ, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон машғуланд, асосан онҳо аз Иттиҳоди Давлатҳои Мустаъқил (ИДМ) ва аз дигар кишварҳои хориҷии дур мебошанд. Тибқи маълумотҳи маҷмӯаи "Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2020) шумораи кормандони хориҷиӣ, ки дар иқтисодиёти кишвар машғуланд, дар соли 2019 аз ИДМ 166нафар, аз ҷумла, Қазоқистон 19нафар, Россия 78нафар, Украина 20нафар, Қирғизистон 31нафар, Ӯзбекистон 18нафар ва аз кишварҳои дигар 6534нафар, аз ҷумла, Туркия 82 нафар, Чин 5049нафар, Эрон 444нафар, Афғонистон 550нафар, Ҳиндустон 38нафар, Литва 1нафар, Корея 19нафар ва давлатҳои дигар 351нафарро ташкил медиҳанд»[36].

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои бадастовардашуда ба таври зерин пешниҳод карда мешавад:

- Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун муҳоҷир барои кор

[36] Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Президаенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2020 –114. с.

ихтиёран ба кишварҳои хориҷии дур ва наздик мераванд, саҳми худро дар рушди ММД - и кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ мегузоранд. Ба замми ин, дар натиҷаи гузаронидани фаъолияти меҳнатӣ аз кишварҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои пулӣ интиқол медиҳанд. Кормандони хориҷие, ки дар иқтисолиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон машғуланд, мустақиман саҳми худро дар рушди ММД -и кишвар гузошта, дар натиҷаи гузаронидани фаъолияти меҳнатӣ ба мамлакатҳои худ асъори хориҷӣ ирсол менамоянд.

- Маҷмӯи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои кор ихтиёран ба дигар мамлакатҳо рафтаанд ва шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, мафҳуми гардиши муҳоҷирати меҳнатиро ифода менамояд. Арзёбии миқдории гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ тавассути нишондиҳандаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$Г_м = М_с + М_в$. Ҳиссаи $М_в$ / $Г_м$ - сатҳи ҷалби шумораи шаҳрвандони хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ ва ҳиссаи $М_с$/ $Г_м$ сатҳи ҷалби шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти кишварҳои хориҷиро инъикос менамоянд.

- Таҳлили динамикаи нишондиҳандаи гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли коҳишёбиро дошта, дар солҳои 2013 - 2019 ба ҳисоби миёна 7,6 фоизро ташкил медиҳад. Гарчанде ки нишондиҳадаи сатҳи ҷалби шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти кишварҳои хориҷӣ дар ин солҳои 2013 - 2019 дар сатҳи баланд қарор дорад ва ба ҳисоби миёна 98,5 фоиз аст. Бо вуҷуди ин, нишондиҳандаи сатҳи ҷалби шумораи шаҳрвандони хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯи нишондиҳандаи гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ дар солҳои 2013 - 2015 ҳиссаи на он қадарро ташкил дода, ба ҳисоби миёна қариб 1,5% аст. Инак, натиҷаҳои таҳқиқоти бадастовардашудаи боби мазкур ба таври зерин пешниҳод карда мешавад:

Бояд иброз дошт, ки масъалаи муҳими шуғли пурмаҳсул – арзёбии динамикаи пешравии сохтории аҳолии машғул дар соҳаҳо ва бахшҳои

иқтисодиёт мебошад. Агарчӣ сохтори шуғл ҳамчун вазни қиёсӣ ва ҳиссаи аҳолии машғулро дар ҳар соҳаи алоҳидаи иқтисодиёт аз маҷмӯи умумии машғулбудагон арзёбӣ карда шавад, пас пешравии сохторӣ тағйирёбии тафовути худи маҷмӯи умумии шуғлро дар давраҳои муқоисашаванда нишон медиҳад. Барои арзёбии динамикаи пешравии сохтории аҳолии машғул дар таҳқиқоти мазкур як қатор нишондиҳандаҳои ҷамъбастии пешравии сохторӣ, ба монанди коэффитсиенти хаттии пешравии мутлақ ($S_d$), коэффитсиенти квадратии пешравии сохтории мутлақ ($S_\sigma$ ), шохиси тавофут (I), коэффитсиенти Гатева (К) ва шохиси Салаи ($I_c$) истифода бурда шудааст.

- Мавриди тазаккур аст, ки динамикаи нишондиҳандаҳои асосиро, ки ба сатҳи шуғли устувори пурмаҳсул таъсири мухталиф мерасонанд, арзёбӣ намуда, дар асоси истифодаи маълумоти онҳо тавассути истифодаи усули бисёрченаи муқоисавӣ нишондиҳандаи сатҳи шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳо дода шудааст. Аз рӯи маълумоти рейтинги нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул, тибқи истифодаи усули гурӯҳбандии таҳлилӣ се гурӯҳи сатҳи нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсулро ҷудо карда, ҳиссаи 25 фоизи сатҳи нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул аз рӯи рейтинги ҷойгиршавӣ дар сатҳи баланд, 50% – миёна ва 25% - дар сатҳи паст ҷойгир шудаанд.

- Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун муҳоҷир барои кор ихтиёран ба кишварҳои хориҷии дур ва наздик мераванд, саҳми худро дар рушди ММД - и кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ мегузоранд. Ба замми ин, дар натиҷаи гузаронидани фаъолияти меҳнатӣ аз кишварҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои пулӣ интиқол медиҳанд. Кормандони хориҷиёне, ки дар иқтисолиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон машғуланд, мустаъқиман саҳми худро дар рушди ММД - и кишвар гузаронида, дар натиҷаи гузаронидани фаъолияти меҳнатӣ ба мамлакатҳои худ асъори хориҷӣ ирсол менамоянд.

- Маҷмӯи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои кор ихтиёран ба дигар мамлакатҳо рафтаанд ва шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар

иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятӣ мегузаронанд, мафҳуми гардиши муҳоҷирати меҳнатиро ифода менамояд. Таҳлили динамикаи нишондиҳандаи гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли коҳишёбиро дошта, дар солҳои 2013 - 2019 ба ҳисоби миёна 7,6 фоизро ташкил медиҳад. Нишондиҳадаи сатҳи ҷалби шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти кишварҳои хориҷӣ дар ин солҳои 2013 - 2019 дар сатҳи баланд қарор дорад ва ба ҳисоби миёна 98,5 фоизро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин нишондиҳандаи сатҳи ҷалби шумораи шаҳрвандони хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯи нишондиҳандаи гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ дар солҳои 2013 - 2015 ҳиссаи на он қадар бузургро ташкил дода, ба ҳисоби миёна қариб 1,5% -ро ташкил медиҳад.

## БОБИ 3. ТАҲЛИЛИ ОМИЛИИ САТҲИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ.

### 3.1. Услубҳои таҳияи тамсилаи омилии сатҳи шуғли пурмаҳсул

Бояд қайд кард, ки дар таҳқиқоти муосири иҷтимоӣ - иқтисодӣ ба таври васеъ тамсилаҳои гуногун истифода бурда мешавад. Зимнан, моҳияти тамсила аз он иборат аст: «объектҳои воқеӣ, ки бахусус онҳо дастнорасанд, дар амалигардонии онҳо мушкилӣ ба миён меояд. Аз ин лиҳоз, муҳаққиқон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки объектҳои воқеиро ба тамсилаҳои мувофиқ иваз намоянд. Бинобар ин, бо истифодаи тамсилаи мувофиқ озмоишҳо гузаронидан мумкин аст ва рафтори онҳоро зимни тағйиёбии параметрҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ омӯхт »[37] .

Тибқи муҳтавои худ, аслан тамсила нусхаи объекти воқеӣ буда, дар барномаҳои илмӣ - таҳқиқотӣ се функсияи асосиро иҷро менамояд:

Якум, функсияи оянда бинӣ, ки хосияти тамсила асоснок карда шудааст, эҳтимоли тағйирёбии хосият ва параметрҳои равандҳои таҳқиқшаванда ва ҳодисаҳоро дар назардошти амали омилҳои мухталифи муҳит пешгӯӣ менамояд.

дуюм, функсияи имитатсионӣ, ки диққати чиро ба такрористеҳсоли сунъии хосиятҳои табии объект равона менамояд, ки ҳангоми характери мураккаби объект ва номуайянии вазъияти проблемавӣ бениҳоят зарур мебошад;

Сеюм, функсияи лоиҳагирӣ, ки таҳқиқоти имконияти интродуксияро дар объекти таҳқиқшаванда, зуҳурот ё раванди зуҳуроти қаблан додашударо тахмин намуда, татбиқи онҳо дастрасии натиҷаҳои мусбатро имкон медиҳад.

Хусусияти ҳамаи шакли тамсилаҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо доимо бо дар муносибати муайян бо объекти воқеӣ қарор доранд. Яъне онҳо дар ҳадди муайян объеки омӯхташавандаро иваз менамоянд.

Ҳамин тавр муҳтавои тамсиларо шарҳ дода, алъон дар бораи мафҳуми тамсиласозӣ сухан рондан мумкин аст. Бояд зикр намуд, ки тамсиласозӣ яке аз усулҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ буда, бо ёрии он ба раванди технологии

---

[37]- Хусаинов М. К. Наука и научное исследование: Учебное пособие. - Д.: “Ирфон”, М.: МГУПУ, 2010.

мавҷудбудаи суръат бахшидан, муҳлати азхудкуниро кӯтоҳ менамояд. Тамсиласозӣ қисми таркибии низоми муносибат буда, тавассути он бо фарогирии пурраи робитаҳои дохилӣ ва берунӣ тасвир карда мешавад. Бахусус, тамсиласозӣ дар ҳамон маврид самаранок ҳисоб карда мешавад, ки барои арзёбии вазъият ва проблема манбаъҳои иттилоотӣ кофӣ бошанд. Тамсиласозӣ бештар тибқи қоидаи шабоҳат асоснок карда шуда, имконият медиҳад объекти таҳқиқшаванда ҳангоми шароитҳои муайян ва дарназардошти ногузории нуқтаи назари яктарафа омӯхта шавад. Аз рӯи хосияти худ, тамсила имконият медиҳад, ки хосияти объекти омӯхташаванда арзёбӣ карда шавад.

Тамсиласозӣ таҳқиқоти бисёрфунксионалӣ буда, барои муайяннамоӣ ва саҳеҳгардонии тавсифи объектҳои мавҷудбуда ё азнавтаҳияшаванда истифода бурда мешавад. Вазифаи асосии илмии тамсиласозӣ такрористеҳсолии тамсила дар асоси шабоҳат доштани он бо объекти мавҷудбуда мебошад. Бояд тамсилаи таҳияшаванда бо аслияти объект монанд бошад, вале шабоҳати онро пурра дарбар гирифта наметавонад, ки ин шарти асосии тамсиласозӣ ҳисобида шуда, мазмуни онро аз даст медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми таҳияи тамсилаҳо зарур аст, ки ба як қатор принсипҳо такя намуд:

- принсипи муросо кардан байни натиҷаҳои чашмдошти тамсиласозӣ ва мураккабии тамсила;
- принсипи яқинӣ, дар муносибии маълумоти аввалия бо яқинӣ дар инъикоси объекти тамсиласозӣ ифода меёбад;
- принсипи гуногуншаклии унсурҳои тамсила, ки имконияти хусусияти бисёрфунксионалии вазифаҳои таҳқиқотро инъикос намояд;
- принсипи возеҳӣ, яъне қобилияти инъикоси объекти тамсиласозӣ на танҳо яқинан, балки то ҳадди аксар барои мушоҳидакор;
- принсипи бефосилагӣ, ки гузариш аз тасвири пурраи объекти тамсиласозӣ ба шаклҳои оддӣ фаро мегирад;

➢ принсипи верификатсия, имконияти мувофиқатии шакли объект бо мазмуни он ва имконияти санҷиши мувофиқ пешбинӣ менамояд.

Риоя намудани принсипҳои тамсиласозӣ шарти муҳими таҳияи тамсила, балоиҳагирии хосиятҳои он, ки имконият фароҳам меоварад на танҳо ба таври мувофиқ объекти таҳқиқшаванда инъикос карда мешавад, балки тавассути тамсила шарти вуҷуд доштани он ва рушд, самтнокии динамикаи ин объектро ташаккул медиҳад.

Шакли муҳими тамсила, ки ба таври васеъ дар таҳқиқоти иҷтимоӣ - иқтисодӣ истифода бурда мешавад, асосан тамсилаи иқтисодӣ - оморӣ мебошад. Мавриди қайд аст, ки дар адабиёти муосири иқтисодӣ - оморӣ муҳтавои ягонаи тамсилаи иқтисодӣ - оморӣ дода нашудааст. Бинобар он, ҳамчун асос муҳтавои зерини тамсилаи иқтисодӣ - омориро қабул кард, ки онро ба таври зерин баён намуд: тамсилаи иқтисодӣ - оморӣ имконият медиҳад тавсифи миқдории алоқа ва вобаста будани нишондиҳандаҳои алоҳидаи иқтисодиро муайян намояд.

Тамсиласозии иқтисодӣ – оморӣ асосан аз се шакл иборат буда, шакли якуми онро тамсилаи трендӣ ташкил медиҳад. Равандҳои динамикӣ, ки дар соҳаи шуғл ба вуҷуд меоянд, бештар бо намуди қаторҳои пайдарпайии ҷойгтршавӣ бо тартиби хронологӣ қимати ин ё он нишондиҳанда зоҳир шуда, дар тағйироти худ рафти рушди ҳодисаи омӯхташавандаро инъикос менамояд. Қиматҳои мазкур, ки ҳамчун асос барои таҳияи тамсилаҳои амалӣ хизмат мерасонанд, дар ҳама гуна маврид тренд номида мешавад.

Пайдарпайии мушоҳидаи як нишондиҳанда ё аломат, ки бо тартиби зиёдшавӣ ё коҳишёбии нишондиҳандаи дигар ё аломат ҷойгир карда мешаванд, қатори динамикӣ ном дорад. Унсури таркибии қаторро қимати ададии нишондиҳанда ташкил медиҳад, ки сатҳи қатор ва лаҳза ё фосилаи вақтӣ мебошад, ки ба он сатҳ таалluқ дорад. Зимнан, қаторҳои вақтӣ, ки зуҳуроти шуғлро дар як лаҳзаи муайян тавсиф менамоянд, нишондиҳандаи лаҳзавӣ мебошанд. Агарчи сатҳи қатор андозаи ҳодисаро дар давраи

мушаххаси вақт, яъне сол, семоҳа ё моҳ тавсия менамояд, он гоҳ чунин қатор фосилавӣ мебошад.

Барои таҳияи тамсилаи иқтисодӣ, ки тамоюли асосии тағйирёбии сатҳи қатори динамикиро аз рӯи муҳлати вақтӣ ифода менамояд, қатори таҳлилии баробарнамоӣ истифода бурда мешавад. Муҳтавои асосии усули баробарнамоии таҳлилии дар он ифода мегардад, ки тамоюли умумӣ ҳамчун функсияи вақтӣ ҳисоб карда мешавад:

$$Y_t^i = f(t), (29)$$

дар ин ҷо:

$Y_t^i$ - сатҳи қатори динамикӣ, ки мувофиқи мубодилаи таҳлилӣ дар лаҳзаи вақти t.

Муайян намудани сатҳҳои ҳисобишаванда дар асоси тамсилаи математикӣ гузаронида шуда, тамоюли асосии қаторро инъикос менамояд. Интихоби типи тамсила вобаста ба мақсад буда бояд гузаронидани таҳлил ҳамчун асос баромад намояд ва характери рушди ҳодисаро дар соҳаи шуғл ошкор созад.

Бояд зикр кард, ки тамсилаи трендӣ ба якчанд намуд – полиномиалӣ, экспоненсиалӣ ва S – шакл таҳия карда мешавад.

Алоқамандии полиномалӣ аз рӯи дараҷа ба таври зерин нишон дода мешавад:

1. полиноми дараҷаи якум: $Y_t = a_0 + a_i t$ ;
2. полиноми дараҷаи дуюм: $Y_t = a_0 + a_{it} + a_2 t^2$;
3. полиноми дараҷаи сеюм: $Y_t = a_0 + a_i t + a_2 t^2 + a_3 t^3$ ва ғайра.

Параметри $a_1$ - бозафзоиши хаттӣ, $a_2$ - афзоиши суръатнок ва $a_3$ - тағйирёбии афзоиши суръатнок мебошад.

Баробарнамоӣ аз рӯи функсияи мустақим дар он ҳолат истифода бурда мешавад, ки афзоиши мутлақ амалан доимӣ мебошад. Зимнан баробарнамоӣ аз рӯи функсияи экспоненсиалӣ бошад, дар он маврид истифода бурда мешавад, ки коэффитсиенти рушди занҷирӣ доимӣ ҳастанд.

Экспоненти оддӣ $Y = ab^t$, ки дар ин ҷо a ва b адади доимӣ аст ва дар ҳолати он ки агар b калон аз воҳид бошад, он гоҳ функсия ба афзоиши вақти t меафзояд, агар b хурд аз воҳид бошад, он гоҳ функсия кам мегардад.

Дар ҳолатҳое, ки ба таври аниқ омӯхтани тамоюли рушд, бахусус бо мақсади ояндабинӣ талаб карда мешавад, он гоҳ барои интихоби намуди тамсилаи мувофиқ мумкин аст критерияҳои махсусро истифода бурд. Ҳисоби параметрҳои функсия муқаррараран бо усули квадратҳои хуртарин гузаронида мешавад, ки ба сифати ҳал нуқтаи ҳадди ақали суммаи тамоюлҳои байни муодилаҳои назариявӣ ва эмперикӣ қабул карда мешавад:

$$\sum(Y_t^i - Y_i)^2 \rightarrow min \quad (30)$$

$Y_t^i$ – баробаркунии сатҳҳо;

$Y_i$ - сатҳҳои ҳаққӣ.

Параметрҳои муодилаи $a_i$, ки шарти мазкурро қонеъ мегардонад, бо роҳи ҳалли системаи муодилаи нормалӣ ёфта мешавад.

Бояд зикр намуд, ки мақсади сохтани тамсилаи тренди динамикаи иқтисодӣ аз он иборат аст, ки дар асоси онҳо ба рушди раванди омӯхташаванда ояндабинӣ карда мешавад. Ояндабинӣ дар асоси қаторҳои вақтӣ нишондиҳандаҳои бозори меҳнат ва усулҳои якченаи ояндабинӣ таъллуқ дошта, ба экстраполятсия, яъне барои идомаи тамоюли оянда, ки дар вақтҳои пешина мушоҳида гардидааст, асоснок карда мешавад. Азбаски дар воқеият тамоюли рушд бетағйир боқӣ намемонад, бинобар он маълумоте, ки бо роҳи экстраполятсияи қатор ҳосил мегардад, ҳамчун баҳои эҳтимолӣ барассӣ карда мешавад. Экстраполятсияи қаторҳои динамикӣ бо тарзҳои гуногун амалӣ карда мешавад.

Шакли дуюми тамсилаи иқтисодӣ – оморӣ ин тамсилаи регрессионӣ мебошад. Тамсилаи мазкур, имконият медиҳад, ки ҳамалоқамандии қонуниятӣ ва шаклҳои он, миёни омилҳои гуногун (сабабият ва шароит), ки ҳодисаи омӯхташаванда мебошад, ошкор месозад. Аломате, ки паёмад (оқибат) –ро тавсиф менамояд, натиҷавӣ ва аломате, ки сабабҳоро тавсиф мекунад, омилӣ номида мешавад.

Мавриди зикр аст, ки алоқаи байни ҳодисаҳо ва аломатҳои онҳо тибқи дараҷаи алоқа, самтнокӣ ва истифодаи таҳлилӣ тасниф карда мешавад. Дар навбати аввал, зарур аст, ки доир ба алоқаи функсионалӣ ва стохастикӣ сухан ронд. Вобастагии бузургиҳои У ва Х алоқаи функсионалӣ номида мешавад, ки агар ба ҳар қимати бузургии Х қимати ягонаи бузургии У мувофиқ ояд. Агар Х бузургии детерминиронида, яъне тамоман қимати муайянро қабул намояд,он гоҳ ба таври функсионалӣ вобаста аз он бузургии У ҳамчунин детерминиронида мебошад. Агарчи Х бузургии тасодуфӣ бошад, он гоҳ У низ бузургии тасодуфӣ мебошад.

Хусусияти алоқаи функсионалӣ дар он ифода меёбад, ки дар ҳар ҳолати алоҳида номгӯи пурраи омилҳо маълум буда, муайянкунандаи қимати аломати натиҷавӣ, инчунин, механизми аниқи таъсири онҳо мебошад. Зимнан механизми аниқи таъсиррасонӣ бо мубодилаи муайяни зерин ифода меёбад:

$$Y_i = f\ (x_i), (31)$$

дар ин ҷо:

$Y_i$ - аломати натиҷавӣ $i = \overline{\iota, n}$;

$f\ (x_i)$ - функсияи маълуми алоқаи аломатҳои натиҷавӣ ва омилӣ;

$x_i$ - аломати омилӣ.

Вобастагии стохастикӣ чунин намуди алоқа аст, ки ба ҳар як қимати тағйирёбандаи новобастаи Х на як, балки бисёр қиматҳои тағирёбандаи У мувофиқ меояд. Хусусияти фарқкунандаи алоқаи стохастикӣ аз он иборат аст, ки онҳо дар ҳамаи маҷмӯъ зоҳир мешаванд.

Тамсилаи алоқаи стохастикӣ бо муодилаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Y_i^1 = f(x_i) + E_i\ , (32)$$

дар ин ҷо:

$Y_i^1$ – қимати ҳисоби аломати натиҷавӣ;

$f(x_i)$ - қисми аломати натиҷавӣ, ки зери таъсири аломатҳои маълуми омилӣ ташаккул ёфтаанд ва дар алоқаи стохастикӣ бо аломат мебошанд;

$E_i$ - саҳви тасодуфӣ.

Алоқаи коррелиятсионӣ дар ҳамон ҳолате ҷой дорад, ки алоқамандии ҳодисаҳо зери таъсири бузургиҳои тасодуфӣ ба вуҷуд меоянд. Дар мавриди чунин алоқа қимати миёнаи (интизорияти математикӣ) бузургиҳои тасодуфӣ аломати натиҷавӣ (У) вобаста аз тағйирёбии дигар бузургиҳои дигари (Х) ё дигар бузургиҳои тасодуфии $X_1, X_2, X_3 \dots X_n$ тағйир меёбад. Хусусияти алоқаи коррелиятсионӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо танҳо аз маҷмӯияти мушоҳидаҳои умумӣ ошкор карда мешавад, яъне маълумотҳои омориро талаб менамояд.

Вобаста аз самти амали алоқаи функсионалӣ ва стохастикӣ метавонанд мустақим ва баръакс бошанд. Ҳангоми алоқаи мустақим самти тағйирёбии аломати натиҷавӣ (У) бо самти тағйирёбии аломати омилӣ мувофиқ меояд, яъне бо баробари зиёдшавии аломати омилӣ, инчунин натиҷавӣ низ меафзояд ва баръакс. Дар ҳолати баръакс байни алоқаҳои баррасишуда алоқаи баракс ҷой дорад. Бо ифодаи таҳлилӣ алоқаҳои ростхатта ва каҷхатта фарқ карда мешавад. Аз рӯи микдори омилҳо, ки ба аломати натиҷавӣ таъсир мерасонанд, алоқаи якомила (алоқаи ҷуфтӣ) ва бисёромила (алоқаи бисёраъзо) фарқ карда мешавад. Вазифаи таҳлили коррелтятсионӣ аз андозагирии зичии алоқаи байни аломатҳои тағйирёбанда, муайян намудани сабабҳои номаълуми алоқа ва баҳои омилҳо, ки таъсири аз ҳама бештар ба аломати натиҷавӣ мерасонанд, иборат мебошад. Вазифаи таҳлили регрессионӣ бошад, ин интихоби типи тамсила, муқаррар намудани дараҷаи таъсири тағйирёбандаҳои новобаста ва вобаста, яъне натиҷа ва муайян кардани қиматҳои ҳисобкардашуда тағйирёбандаҳои вобаста (функсияи регрессия) мебошад.

Раванди омӯзиши ҳамалоқамандӣ аз як қатор марҳила иборат мебошад:

- таҳияи низоми нишондиҳандаҳо (омилҳо). Ҷамъоварӣ ва таҳлили қаблии маълумоти аввалия;
- интихоби намуди тамсила ва баҳои ададии параметрҳои он;
- санҷиши сифати тамсила;
- баҳои таъсири омилҳои алоҳида дар асоси тамсила;

- оияндабинии дар асоси тамсила.

Шакли сеюми тамсилаи иқтисодӣ – оморӣ ин таҳлили бисёромилаи коррелиятсионӣ ва регрессионӣ мебошад. Зимнан, ҳодисаҳои иқтисодӣ доимо зери таъсири маҷмӯи омилҳо қарор доранд, ки ҳодисаҳои мазкурро бисёромила меноманд. Байни омилҳо алоқамандии мураккаб ҷой дорад, бинобар он таъсири онҳо маҷмӯавӣ буда, наметавон онҳоро ҳамчун ҷамъи оддии ҳодисаҳои алоҳида барассӣ кард.

Таҳлили коррелиятсионӣ ва регрессионии бисёромила имконият медиҳад андозаи таъсири омилҳоро, ки ба тамсила дохил карда шудааст, ба нишондиҳандаи натиҷавӣ муайян менамояд. Барои андозагирии зичии алоқаи байни ду тағйирёбандаҳои баррасишуда, бе назардошти ҳамҷоямалнамоиҳо онҳо бо тағйирёбандаҳои дигари коэффитсиенти коррелиятсияи ҷуфтӣ истифода бурда мешавад. Методикаи ҳисобкунии чунин коэффитсиентҳо ва шарҳи онҳо ба методикаи ҳисобкунии коэффитсиенти коррелиятсияи хаттӣ дар ҳолати алоқаи якомила монанд мебошад.

Дар ҳолате, ки тағйирёбандаҳои дигар новобаста дар сатҳи доимӣ нигоҳ дошта шудаанд, зичии алоқаи байни тағйирёбандаҳо тавассути коэффитсиентҳои коррелиятсияи хусусӣ, дараҷа ва таъсири яке аз далелҳо ба функсия муайян карда мешавад. Вобаста аз миқдори тағйирёбандаҳо, таъсири онҳо берун карда мешавад ва коэффитсиенти коррелиятси хусусӣ метавонанд тартиби гуногун дошта бошанд. Ҳангоми баровардани тасири як тағйирёбанда коэффитсиенти коррелиятсияи хусусии тартиби якум, ҳангоми баровардани таъсири ду тағйирёёбанда – тартиби дуюм ва ғайра ҳосил карда мешавад. Коэффитсиенти коррелиятсияи ҷуфтӣ байни функсияҳо ва далелҳо муқарраран ба коэффитсиенти хусусии мувофиқ баробар нест.

Яке аз шартҳои тамсилаи регрессионӣ ин фарзия доир ба новобастагии хатти тағйирёбандаҳои таъсирррасон мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки ҳалли масъала имконпазир мегардад, ки сутунҳо ва сатрҳои мастрисаи маълумотҳои додашуда ба таври хаттӣ новобаста ҳастанд. Бо вуҷуди ин, барои нишондиҳандаҳои рушди шуғли пурмаҳсул, шарти мазкур доимо

ичрошаванда нест. Новобастагии хаттӣ ё наздик ба он алоқаи байни омилҳо мултиколлениарӣ ном дошта, ба алоқамандии хаттии муодилаи меъёрӣ меоварад. Мултиколлениарӣ метавонад зери таъсири сабабҳои гуногун ба вуҷуд ояд.

Нишондиҳандаҳои зичии алоқа, ки байни аломати натиҷавӣ ва ду ва зиёда аломатҳои омилӣ муқаррар карда мешавад. Коэффитсиенти маҷмӯии коррелиятсияи бисёраъзои $Ryx_1, x_2 \ldots x_n$ буда, вай дар як вақт таъсири аломатҳои омилиро ба натиҷавӣ андозагирӣ менамояд. Қимати он дар ҳудудҳои аз – 1 то +1ҷойгир аст. То андозае, ки қимати мушоҳидашавандаи нишондиҳандаи таҳқиқшаванда аз хатти регрессияи маҷмӯӣ кам бошад, он гоҳ ҳамон қадар алоқаи коррелиятсионӣ интенсивӣ гардида, қимати R ба 1 (воҳид) наздик мешавад.

Бузургии $R^2$ коэффитсиенти маҷмӯии детерминатсияи ном дорад. Коэффитсиенти мазкур ҳиссаи кадом вариатсияи нишондиҳандаи таҳқиқшаванда зери таъсири омилҳое, ки ба муодилаи регрессияи маҷмӯӣ ворид карда шудаанд, нишон медиҳад. Қимати коэффитсиенти маҷмӯии детерминатсия дар ҳудудҳои аз 0 то 1 ҷойгир мешавад. Бинобар он, то андозае, ки R ба 1 (воҳид) наздик бошад, ҳамон қадар вариатсияи нишондиҳандаи таҳқиқшаванда бо андозаи калон таъсири омилҳои интихобгардидаро тавсиф менамояд.

Бояд қайд кард, ки нишондиҳандаи коррелиятсия ва регрессияи маҷмӯӣ метавонад зери таъсири амали омилҳои тасодуфӣ қарор гирад. Баҳои умумии муодила бо ёрии F – критерияи Фишер арзёбӣ мегардад. Барои баҳои қимати коэффитсиентҳои регрессия ҳангоми вобастагии хаттии Y аз $X_1$ ва $X_2$ (ду омил) t – критерияи Стюдент истифода бурда мешавад. Ҳисоби t – критерия барои хостагирии омилҳои муҳим дар раванди таҳлили регрессионии бисёрқадама истифода бурда мешавад. Муҳтавои t – критерияи Стюдент дар он ифода мегардад, ки баъд аз баҳои қиматҳои ҳамаи коэффитсиентҳои регрессия аз тамсила ва омилҳое, ки коэффитсиенти онҳо каманд бароварда мешавад. Баъдан муодилаи регрессия бидуни омилҳои

баровардашуда таҳия карда мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо қимати ҳисобии t – критерияи Стюдент ба t – ҷадвалӣ наздик мебошад, бинобар он аз нуқтаи назари мазмуннокии тамсилаи чунин омил мумкин аст бо мувофиқа намудани интихоби омилҳои и дигар боқӣ монд.

Дар асоси коэффитсиентҳои регрессия муайян кардан мумкин нест, ки кадоме аз аломатҳои омилӣ таъсири аз ҳама бештар ба аломати натиҷавӣ мерасонад. Зеро коэффитсиентҳои регрессия байни якдигар муқоисашаванда нестанд, чунки онҳо бо воҳидҳои гуногун андозагирӣ карда мешаванд. Инчунин, дар асоси онҳо наметавон муқарар намуд, ки дар рушди кадом аломатҳои омилӣ бештар захираҳои калони тағйирёбии нишондиҳандаи натиҷавӣ ҷойгир аст.

Тавофутро дар воҳидҳои андозагирии омилҳо бо ёрии коэффитсиентҳои хусусии чандирӣ бартараф менамоянд. Зимнан коэффитсиентҳои мазкур, нишон медиҳад, ки чанд фоиз ба ҳисоби миёна нишондиҳандаи таҳлилшаванда бо тағйирёбии 1% -и ҳар омил дар мавриди бетағйирии ҳолати дигар омилҳо, тағйир меёбад.

Бояд иброз дошт, ки дар баробари истифода бурдани тамсилаҳои дар боло баррасишуда, нақши тамсилаҳои омилӣ дар омӯзиши зуҳуротҳои таҳқиқшаванда калон аст. Муҳтавои тамсилаи омилӣ ҳамчун ифодаи математикӣ алоқамандии нишондиҳандаи таҳқиқшаванда ва омилҳо, ки ба ин нишондиҳанда таъсир мерасонанд, ифода меёбад. Мавриди зикр аст, тамсилаи омилӣ имконият медиҳад, ки масъалаи сифатии таҳлилиро таъмин менамояд.

Дар таҳлили омилӣ низ, тавре ки дар боло қайд карда шуд, ду намуди тамсила фарқ карда мешавад: детерминиронидашуда, яъне функсионалӣ ва стохастикӣ – корреляитсионӣ. Албатта бо ёрии тамсилаи омилии детерминиронидашуда алоқаи функсионалии байни нишондиҳандаҳои натиҷавӣ ҳамчун функсия ва омилҳо, яъне далелҳо таҳқиқ карда мешавад.

Ҳангоми тамсиласозии низоми омилии детерминиронидашуда зарурият аст, ки як қатор талаботҳо иҷро карда шавад:

- ✓ Омилҳое, ки ба тамсила дохил карда мешаванд ва худи тамсила бояд хусусияти муайяни ифодаёфта бошад, воқеан, ҷой дошта бошад ва набояд ҳамчун бузургии абстрактӣ хаёлӣ ё сунъӣ таҳия гардад.
- ✓ Омилҳое, ки ба низом ворид карда мешаванд, натанҳо унсурҳои зарурии формула, инчунин, бояд ҳамчун робитаи сабабиятӣ – оқибатӣ бо нишондиҳандаи таҳқиқшаванда ба таври воқеӣ вуҷуд дошта бошанд. Бо ибораи дигар, низоми омилии таҳиягардида бояд қимати дарккуниро доро бошад. Тамсилаи омилӣ, ки муносибати сабабиятӣ – оқибатиии байни нишондиҳандаро инъикос менамояд, аҳамияти калони дарккуниро дар муқоиса бо дигар тамсилаҳо, ки бо ёрии истифодаи абстраксияи риёзӣ таҳия гардидаанд, дорад.
- ✓ Ҳамаи нишондиҳандаҳои тамсилаи омилӣ бояд микдоран андозагиришаванда бошанд. Ин чунин маъно дорад, ки бояд воҳиди андозагирӣ ва бо манбаҳои иттилоотӣ таъмин бошанд.
- ✓ Тамсилаи омилӣ бояд имконияти андозагирии таъсири омилҳои алоҳидаро таъмин намояд, яъне дар он мутаносибии тағйирёбии нишондиҳандаҳои натиҷавӣ ва омилӣ баҳисоб гирифта шуда, суммаи таъсири омилҳо бояд ба афзоиши умумии нишондиҳандаи натиҷавӣ баробар шавад.

Мавриди қайд аст, дар таҳлили детерминиронидашуда типҳои тамсилаи омилӣ – аддитивӣ, мултипликативӣ, каратӣ ва омехта истифода бурда мешавад:

- ➢ тамсилаи аддитивӣ дар он ҳолат истифода бурда мешавад, ки нишондиҳандаи натиҷавӣ ҳамчун суммаи алгебравии якчанд нишондиҳандаи омилӣ мебошад;
- ➢ тамсилаи мултипликативӣ дар он маврид татбиқ карда мешавад, ки нишондиҳандаи натиҷавӣ ҳамчун ҳосили зарби якчанд омилҳо муайян карда мешавад;

- тамсилаи каратӣ дар он ҳолат истифода бурда мешавад, ки натиҷаи нишондиҳандаи натиҷавӣ бо роҳи тақсими бузургии як омилӣ ба дигар бузургии дигари омилӣ ҳосил карда мешавад;
- тамсилаи омехта ин мутобиқсозӣ дар комбинатсияҳои гуногуни тамсилаҳои болозикр мебошад.

## 3.2. Тамсилаи омилии сатҳи аҳолӣ аз ҷиҳати машғул дар иқтисодиёт

Акнун тибқи нишондоди параграфи 3.1 яке аз намудҳои тамсилаи омилии сатҳи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул таҳия карда мешавад. Тамсилаи таҳияшаванда,аз ҷиҳати назариявӣ ва инчунин, аз ҷиҳати амалӣ аҳамияти калонро дорад. Бевосита тавассути тамсилаи омилии пешниҳодшаванда натанҳо сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғул , инчунин ба он таъсиррасонии омилҳои калидиро инъикос менамояд.

Тамсилаи омилии таҳлили сатҳи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул бо назардошти омилҳои таъсиррасон ба таври зерин нишон дода мешавад:

$$\frac{З}{Э_{а.н}} = \frac{З}{М} \text{ х } \frac{М}{Б} \text{ х } \frac{Б}{В} \text{ х } \frac{В}{Э_{а.н}} \quad \text{ё} \ (33)$$

$$К_з = К_с \times К_м \times К_н \times К_о \quad (34)$$

дар ин ҷо:

З – шумораи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул;

$Э_{а.н}$ – шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ);

Б – шумораи бекорони расман эътирофшуда;

В – вакансия (ҷои кории холӣ дар ташкилот);

М – шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба дигар мамлакатҳо бо ихтиёри худ барои кор рафтаанд (муҳоҷирони меҳнатӣ);

$\frac{З}{Э_{а.н}}$ – коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул, ки ҳамчун таносуби шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул ва шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қувваи корӣ) ҳисоб карда мешавад;

$\frac{З}{М}$ – коэффитсиенти вобастагии аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул ($К_с$), ки ҳамчун таносуби шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул ва шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба дигар мамлакатҳо бо ихтиёри худ барои кор рафтаанд (муҳоҷирони меҳнатӣ), муайян карда мешаванд;

$\frac{М}{Б}$ - коэффитсиенти вобастагии муҳоҷирати меҳнатӣ ($К_м$), ки ҳамчун таносуби шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба мамлакатҳои дигар бо ихтиёри худ барои кор рафтаанд (муҳоҷирати меҳнатӣ) ва шумораи бекорони расман эътирофшуда ҳисоб карда мешавад;

$\frac{Б}{В}$ - коэффитсиенти шиддатнокӣ ($К_н$), ки ҳамчун таносуби шумораи бекорони расман эътирофшуда ва вакансия (ҷои кории холӣ дар ташкилот) муайян карда мешавад;

$\frac{В}{Э_{а.н}}$ – коэффитсиенти таъмини аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ) бо ҷои корӣ ($К_о$), ки ҳамчун таносуби вакансия (ҷои кории холӣ дар ташкилотҳо) ва шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ) ҳисоб карда мешавад.

$К_З$ – коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул.

$К_С$ – коэффитсиенти вобастагии аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул аз муҳоҷирати меҳнатӣ .

$К_М$ - коэффитсиенти вобастагии муҳоҷирати меҳнатӣ аз бекорони расман эътирофшуда.

$К_Н$ - коэффитсиенти шиддатнокӣ дар бозори меҳнат.

$К_О$ - коэффитсиенти таъмини аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ) бо ҷои корӣ.

Тибқи маълумоти Ҷадвали 3.2.1. нишондиҳандаҳои тамсилаи омилии сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғулро бо назардошти омилҳои таъсиррасон таҳлил менамоем.

**Ҷадвали 3.2.1.**

**Ҳисоби таъсири омилҳои алоҳида ба нишондиҳандаи сатҳи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014 – 2020**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул, ҳазор нафар | 2325,4 | 2379,7 | 2384,2 | 2407,0 | 2425,5 | 2463,4 | 2506,2 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қувваи корӣ), ҳазор нафар | 2381,0 | 2437,0 | 2438,0 | 2460,0 | 2478,0 | 2514,0 | 2557,0 |
| Шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба мамлакатҳои дигар бо ихтиёри худ барои кор рафтаанд (муҳоҷирати меҳнатӣ), нафар | 669090 | 551728 | 517308 | 487757 | 484176 | 530883 | 129807 |
| Шумораи бекорони расман эътирофшуда, ҳазор нафар | 56 | 57 | 54 | 53 | 52 | 51 | 51 |
| Вакансия (ҷои кории холӣ дар ташкилотҳо), адад | 10335 | 7275 | 9224 | 7998 | 8382 | 10201 | 9416 |
| Таносуби шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул ва шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қувваи корӣ); ($К_3$) | 0,9766 | 0,9764 | 0,9779 | 0,9784 | 0,9788 | 0,9798 | 0,9801 |
| Таносуби шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул ва шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии | 3,4754 | 4,3131 | 4,6088 | 4,9348 | 5,0095 | 4,6401 | 19,3071 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тоҷикистон, ки ба дигар мамлакатҳо бо ихтиёри худ барои кор рафтаанд (муҳоҷирати меҳнатӣ); ($К_С$) | | | | | | | |
| Таносуби шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба дигар мамлакатҳо бо ихтиёри худ барои кор рафтаанд, ва шумораи бекорони расман эътирофшуда); ($К_м$) | 11,9480 | 9,6794 | 9,5797 | 9,2029 | 9,3110 | 10,4094 | 2,5452 |
| Таносуби шумораи бекорони расман эътирофшуда ва миқдори вакансия ($К_Н$) | 5,4184 | 7,8350 | 5,8542 | 6,6266 | 6,2037 | 4,9995 | 5,4163 |
| Таносуби миқдори вакансия ва шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қувваи корӣ) ($К_О$) | 0,0043 | 0,0029 | 0,0037 | 0,0032 | 0,0033 | 0,0040 | 0,0036 |

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумотҳои Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 30 – соли истиқлолияти давлатӣ маҷмӯаи оморӣ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2021, с. 99, с.100, с. 240, с.298 таҳия ва ҳисоб намудааст.

Тавре ки дар боло дарҷ гардидааст, барои ҳисоб намудани сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғул ду нишондиҳанда истифода бурда мешавад, ки қисмати аввали онро шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул ташкил медиҳад. Дар солҳои 2014 – 2020 баҳисоби миёна суръатафзоии шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул 1,25 фоизро ташкил медиҳад. Қисмати дуюми сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғулро шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ) ташкил медиҳад. Бояд иброз дошт, ки шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол, шумораи бекорон ва шахсони машғули кор бударо дарбар мегирад. Дар ҳамин давраи баррасишаванда, ба ҳисоби миёнаи солҳои 2014 – 2020 суръатафзоии шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол 1,1% аст. Чунин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки суръатафзоии сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғул қариб, ки бетағйир мебошад.




**Диаграммаи 3.2.1. Таносуби шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул ва шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қувваи корӣ) дар солҳои 2014 – 2020**

Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Ҷадвали 3.2.1. таҳия ва ҳисоб намудааст.

Аз маълумоти диаграммаи 3.2.1 аён аст, ки тамоюли динамикаи сатҳи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул дар солҳои 2014 – 2020 қариб, ки бетағйир буда, ба ҳисоби миёна 97,8 фоизро ташкил медиҳад. Чунин ҳолат мазмуни онро дорад, ки дар иқтисодиёти кишвар сатҳи баланди шуғли аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ҷой дорад.

Бо вуҷуди гуфтаҳои боло, инчунин, қайд намудан мумкин аст, ки сатҳи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул аз маҷмӯи шароит ва омилҳои гуногун вобастагии зич дорад. Аз ин лиҳоз, дар таҳқиқоти мазкур, дар шакли таносубҳо омилҳое таҳия шудаанд, ки онҳо ба сатҳи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул таъсири худро мерасонанд.

Омили аввал, ки ба сатҳи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул таъсири худро мерасонад, ин таносуби шумораи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёти машғул ва шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки ба мамлакатҳои дигар бо ихтиёри худ барои кор рафтаанд, яъне муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд. Мазмуни иқтисодии таносуби мазкурро мумкин аст ба таври зерин шарҳ дод: ба ҳар нафар шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба мамлакатҳои дигар бо ихтиёри худ барои кор рафтаанд, чанд нафар шумораи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул рост меояд. Дар ҳолати зиёдшавии нишондиҳандаи мазкур, метавон хулоса баровард, ки шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ дар кишвар коҳиш ёфтааст.




**Диаграммаи 3.2.2. Таносуби шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул ва шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба дигар мамлакатҳо бо ихтиёри худ барои кор рафтаанд дар солҳои 2014– 2020**

Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Ҷадвали 3.2.1. таҳия ва ҳисоб намудааст.

Дар солҳои 2014 – 2020, тавре дар боло қайд шудааст, ба ҳисоби миёна суръатафзоии шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул 1,25 фоизро ташкил медиҳад. Вале шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикисон, ки ба мамлакатҳои дигар бо ихтиёри худ барои кор рафтаанд, дар ин давраи таҳлилӣ 11,5 фоиз коҳиш ёфтааст. Ҳолати мазкур, имконият медиҳад, ки ба зиёдшавии таносуби шумораи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул ва шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба дигар мамлакатҳо бо ихтиёри худ барои кор рафтаанд, мусоидат намояд.

Тавре, ки аз диаграммаи 3.2.2. намоён аст, ба ҳар нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба мамлакатҳои дигар бо ихтиёри худ барои кор рафтаанд, дар соли 2014 – 3,5 нафар, 2015 – 4,3 нафар, 2016 – 4,6 нафар, 2017 – 4,9 нафар, 2018 – 5,0 нафар, 2019 – 4,6 ва 2020 19,3 нафар аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул рост меояд. Зиёдшавии таносуби мазкур, доир ба коҳишёбии муҳоҷирати шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ шаҳодат медиҳад.

Масъалаи муҳими рушди устувори бозори меҳнати миллӣ ин гузаронидани таҳлили таносуби шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба мамлакатҳои дигар бо ихтиёри худ ба кор рафтаанд ва шумораи бекорони расман эътирофшуда мебошад. Мазмуни иқтисодии таносуби мазкур аз он иборат аст, ки ба ҳар нафари аҳолии бекор чанд нафар ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафарнамуда рост меояд, инъикос менамояд.



**Диаграммаи 3.2.3. Таносуби шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба дигар мамлакатҳо бо ихтиёри худ барои кор рафтаанд, ва шумораи аҳолии бекор дар солҳои 2014 -2020**

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Ҷадвали 3.2.1. таҳия ва ҳисоб намудааст.

Аз маълумоти Диаграммаи 3.2.3. баръало намоён аст, ки тамоюли таносуби шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба мамлакатҳои дигар бо ихтиёри худ ба кор рафтаанд ва шумораи бекорони расман эътирофшуда дар солҳои 2014 – 2020 раванди камшавиро дорад. Агарчӣ дар соли 2014 ба ҳар нафар бекорони расман эътирофшуда 11,9 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба мамлакатҳои дигар бо ихтиёри худ ба кор рафтаанд, ташкил диҳад, пас дар соли 2015 – 9,7 нафар, 2016 – 9,6 нафар, 2017 – 9,2 нафар, 2018 – 9,3 нафар, 2019 – 10,4 нафар ва 2020 2,54 рост меояд. Бояд иттилоъ дод, ки дар солҳои 2014 – 2020 шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба мамлакатҳои дигар бо ихтиёри худ барои кор рафтаанд, ба ҳисоби миёна 11,5% ва шумораи аҳолии бекор 1,6% коҳиш ёфтааст.

Коҳиш додани шиддатнокӣ дар бозори меҳнат масъалаи муҳим ба шумор меравад. Бахусус, таносуби шумораи бекорони расман эътирофшуда ва миқдори вакансия (ҷои кории холӣ) нишондиҳандаест, вазъияти шиддати бозори меҳнати кишварро арзёбӣ менамояд.




**Диаграммаи 3.2.4. Таносуби шумораи бекорон ва миқдори вакансия дар солҳои 2014 – 2020**

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Ҷадвали 3.2.1 таҳия ва ҳисоб намудааст.

Тавре ки аз маълумоти Диаграммаи 3.2.4. бармеояд, дар соли 2014 ба як ҷои кории холӣ 5,4 нафар, 2015 – 7,8 нафар, 2016 – 5,8 нафар, 2017 – 6,6 нафар, 2018 – 6,2 нафар, 2019 – 5,0 нафар, ва 2020 – 5,41 нафар рост меояд.

Бо вуҷуди гуфтаҳои боло, масъалаи мушкил ин таъмини аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қувваи корӣ) бо ҷои кории холӣ (вакансия) буда, тавассути таносуби миқдори вакансия (ҷои кори холӣ) ва шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ) андозагирӣ карда мешавад.




**Диаграммаи 3.2.5. Таносуби миқдори вакансия ва шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қувваи корӣ) дар солҳои 2014 - 2020**

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумоти Ҷадвали 3.2.1 таҳия ва ҳисоб намудааст.

Мавриди зикр аст, ба ҳар нафар аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ), ки миқдори вакансия (ҷои кори холӣ) рост меояд, рӯй ба коҳиш ниҳодааст. Агарчӣ дар соли 2014 ба 1000 нафар аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ) 4,3 ҷои корӣ рост ояд, пас дар соли 2015 – 3,0, 2016 – 3,8, 2017 – 3,2, 2018 – 3,3, 2019 – 4,0, ва соли 2020 – 3,6 ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки истифода намудани усули шохисӣ имконият медиҳад, ки дараҷаи тағйирёбии сатҳи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул муайян карда шавад. Татбиқи тамсилаи шохисӣ андозаи таъсири омилҳои дар боло дарҷгардида, ки бо аломати натиҷавӣ, яъне

нишондиҳандаи сатҳи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул алоқаи функсионалӣ доранд, андозагирӣ карда шавад.

Дар таҳқиқоти мазкур, чунин низоми тамсилаи шохисӣ истифода бурда мешавад:

$$IK_з = IK_c \times IK_M \times IK_H \times IK_o \quad \text{ё} \ (35)$$

$$IK_З = \frac{K_{c_1} \, x \, K_{м_1} \, x \, K_{н_1} \, x \, K_{o_1}}{K_{c_0} \, x \, K_{м_0} \, x \, K_{н_0} \, x \, K_{o_0}} \, ; (36)$$

Тибқи низоми тамсилаи шохиси коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул $(IK_З)$ таъсири омилҳо – шохиси коэффитсиенти вобастагии аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёти машғул аз муҳоҷирати меҳнатӣ $(IK_c)$, коэффитсиенти вобастагии муҳоҷирати меҳнатӣ $(IK_м)$, коэффитсиенти шиддатнокӣ $(IK_н)$ ва коэффитсиенти таъмини аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ) бо ҷои корӣ $(IK_о)$ андозагирӣ карда мешавад:

$$IK_З = \frac{K_{з_1}}{K_{з_0}} = \frac{\sum K_{c_1} \, x \, K_{м_1} x \; K_{н_1} \, x \, K_{o_1}}{\sum K_{c_0} \, x \, K_{м_0} x \; K_{н_0} \, x \, K_{o_1}}$$

$$= \frac{\sum K_{c_1} \, x \, K_{м_0} x \; K_{н_0} \, x \, K_{o_0}}{\sum K_{c_0} \, x \, K_{м_0} x \; K_{н_0} \, x \, K_{o_0}} \; x \; \frac{\sum K_{м_1} \, x \, K_{c_1} x \; K_{н_0} \, x \, K_{o_0}}{\sum K_{м_0} \, x \, K_{c_1} x \; K_{н_0} \, x \, K_{o_0}} \; x$$

$$\frac{\sum K_{н_1} \, x \, K_{c_1} x \; K_{м_1} \, x \, K_{o_0}}{\sum K_{н_0} \, x \, K_{c_1} x \; K_{м_1} \, x \, K_{o_0}} \; x \; \frac{\sum K_{o_1} \, x \, K_{н_1} x \; K_{м_1} \, x \, K_{c_1}}{\sum K_{o_0} \, x \, K_{н_1} x \; K_{м_1} \, x \, K_{c_1}}. \ (37)$$

Акнун тағйирёбии нисбӣ ва мутлақи коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул, аз ҷумла, аз ҳисоби тағйирёбии таъсири омилҳои дар боло зикргардидаро дар асоси маълумоти Ҷадвали 3.2.1. барои солҳои 2014 – 2020 ҳисоб менамоем:

Шохиси коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул $(IK_З)$:

$$IK_З = \frac{K_{c_1} \, x \, K_{м_1} \, x \, K_{н_1} \, x \, K_{o_1}}{K_{c_0} \, x \, K_{м_0} \, x \, K_{н_0} \, x \, K_{o_0}} = \frac{0{,}9581}{0{,}9674} = 0{,}9903 \, .$$

Натиҷаи ҳисоби шохиси мазкур, шаҳодат аз он медиҳад, ки дар солҳои муқоисашавандаи 2014 – 2020 коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул ҳамагӣ 0,37% афзудааст.

Бояд қайд кард, ки тағйирёбии коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул аз ҳисоби тағйирёбии таъсири омилҳои дар боло қайдгардида, ба таври зерин шарҳ дода мешавад:

1) аз ҳисоби тағйирёбии коэффитсиенти вобастагии аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул аз муҳоҷирати меҳнатӣ ($I$Кс):

$$I\text{Кс} = \frac{\sum K_{c_1}\, x\, K_{\text{м}_0} x\ K_{\text{н}_0}\, x\, K_{o_0}}{\sum K_{c_0}\, x\, K_{\text{м}_0} x\ K_{\text{н}_0}\, x\, K_{o_0}} = \frac{5{,}3746}{0{,}9674} = 5{,}5557\ .$$

Зери таъсири тағйирёбии омили мазкур, коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул ба андозаи 4,555 маротиба зиёд гардидааст.

2) аз ҳисоби тағйирёбии коэффитсиенти вобастагии муҳоҷирати меҳнатӣ аз бекорони расман эътирофшуда ($I\ K_{\text{м}}$):

$$I\ K_{\text{м}} = \frac{\sum K_{\text{м}_1}\, x\ K_{\text{с}_1} x\ K_{\text{н}_0}\, x\, K_{o_0}}{\sum K_{\text{м}_0}\, x\, K_{\text{с}_1} x\ K_{\text{н}_0}\, x\, K_{o_0}} = \frac{1{,}1449}{5{,}3746} = 0{,}2130$$

Зери таъсири тағйирёбии коэффитсиенти вобастагии муҳоҷирати меҳнатӣ аз бекорони расман эътирофшуда, коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул ба андозаи 78,70% коҳиш ёфтааст.

3) аз ҳисоби тағйирёбии коэффитсиенти шиддатнокӣ ($I\ K_{\text{н}}$):

$$I\ K_{\text{н}} = \frac{\sum K_{\text{н}_1}\, x\, K_{\text{с}_1} x\ K_{\text{м}_1}\, x\, K_{o_0}}{\sum K_{\text{н}_0}\, x\, K_{\text{с}_1} x\ K_{\text{м}_1}\, x\, K_{o_0}} = \frac{1{,}1444}{1{,}1449} = 0{,}9995\ .$$

Коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул дар натиҷаи таъсири тағйирёбии коэффитсиенти шиддатнокӣ дар бозори меҳнат ба андозаи 0,05% коҳиш ёфтааст.

4) аз ҳисоби тағйирёбии коэффитсиенти таъмини аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қувваи корӣ) бо ҷои корӣ ($I\ K_{\text{о}}$):

$$I\ K_{\text{о}} = \frac{\sum K_{0_1}\, x\, K_{\text{н}_1} x\ K_{\text{м}_1}\, x\, K_{\text{с}_1}}{\sum K_{0_0}\, x\, K_{\text{н}_1} x\ K_{\text{м}_1}\, x\, K_{\text{с}_1}} = \frac{0{,}9581}{1{,}1444} = 0{,}8372\ .$$

Дар натиҷаи таъсири тағйирёбии коэффитсиенти мазкур, коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул ба андозаи 16,28% коҳиш ёфтааст.

Ҳамин ҳамалоқамандии низоми тамсилаи шохисиро дар шакли зерин пешниҳод кардан мумкин аст:

$$I\,K_з = I\,K_с \times I\,K_м \times I\,K_н \times I\,K_о \text{ ё } (38)$$

$$0{,}9903 = 5{,}5557 \text{ X } 0{,}2130 \text{ X } 0{,}9995 \text{ X } 0{,}8372 \text{ .}$$

Акнун натиҷаҳои таҳқиқотро, ки доир ба боби сеюм анҷом расонида шудааст, натиҷаҳои муҳими бадастовардашуда ба таври мушаххас пешниҳод гардонида мешавад:

- Дар таҳқиқҳои муосири иҷтимоӣ – иқтисодӣ, аз ҷумла шуғли пурмаҳсул ба таври васеъ тамсилаҳои гуногун истифода бурда мешавад. Зарурияти тамсилаҳо аз он иборат аст, ки тавассути истифодаи онҳо мумкин аст озмоишҳо гузаронид, рафтори онҳоро ҳангоми тағйирёбии параметрҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ омӯхта шаванд.

- Тибқи муҳтавои худ, тамсила ин нусхаи объекти воқеӣ буда, дар барномаҳои илмӣ - таҳқиқотӣ се функсияи асосиро иҷро менамояд:

- функсияиояндабинӣ, ки хосияти тамсила асоснок карда шудааст, эҳтимолии тағйирёбии хосият ва параметрҳои равандҳои таҳқиқшаванда ва ҳодисаҳоро дарназардошти амали омилҳои мухталифи муҳит пешгӯи менамояд;

- функсияи такрорӣ, ки диққати таҳқиқотчиро ба такроristеҳсоли сунъии хосиятҳои табии объект равона менамояд, ки ҳангоми характери мураккаби объект ва номуайянии вазъияти проблемавӣ бениҳоят зарур мебошад;

- функсияи лоиҳагирӣ, ки таҳқиқоти имконияти интродуксияро дар объекти таҳқиқшаванда, зуҳурот ё раванди зуҳуроти қаблан додашударо тахмин намуда, татбиқгардонии онҳо дастрасии натиҷаҳои мусбатро имконият медиҳад.

➢ яке аз намудҳои тамсила, ки дар таҳқиқоти мазкур истифода шудааст, ин тамсилаи омилии сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғул бо назардошти омилҳои таъсиррасон мебошад, ки шакли зеринро дорад:

$$\frac{З}{Э_{а.н}} = \frac{З}{М} \text{ х } \frac{М}{Б} \text{ х } \frac{Б}{В} \text{ х } \frac{В}{Э_{а.н}} \text{ ё } \quad (39)$$

$$К_З = К_С \text{ х } К_М \text{ х } К_Н \text{ х } К_О \quad (40)$$

✓ Дар таҳқиқоти мазкур, ҷиҳати таъсиррасонии динамикаи омилҳои дар боло номбаршуда, яъне низоми тамсилаи шохисии зерин истифода бурда шудааст:

$$I\,К_з = I\,К_с \text{ х } I\,К_м \text{ х } I\,К_н \text{ х } I\,К_о \text{ ё } \quad (41)$$

$$IK_3 = \frac{K_{c_1}\, x\, K_{м_1}\, x\, K_{н_1}\, x\, K_{o_1}}{K_{c_0}\, x\, K_{м_0}\, x\, K_{н_0}\, x\, K_{o_0}}\ ; \quad (42)$$

Тибқи низоми тамсилаи шохиси коэффитсиенти аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт $(IK_3)$ таъсири омилҳо – шохиси коэффитсиентҳои вобастагии аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёти машғул аз муҳоҷирати меҳнатӣ $(IKc)$, вобастагии муҳоҷирати меҳнатӣ ($I\,К_м$), шиддатнокӣ ($IК_н$) ва таъмини аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ) ($IК_о$) андозагирӣ карда шудааст.

### 3.3. Дурнамои арзёбии нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бояд зикр намуд, дар таҳқиқоти мазкур, зери мафҳуми дурнамоӣ – раванди таҳқиқоти илмии тавсифи сифатӣ ва миқдорӣ, ки барои ошкор кардани рушди шуғли пурмаҳсул нигаронида мешавад, фаҳмида мешавад. Дурнамои шуғли устувори пурмаҳсул – ин маҷмӯи тахминҳои илман асосноккунонидае мебошад, ки дар шаклҳои нисбии параметрҳоиояндаи объекти таҳқиқот ифода меёбад. Вазифаи асосии дурнамоӣ – ин додани пешниҳоди объективӣ ва эътиборноки илман собитшуда ҷиҳати биниши рушди шуғли устувори пурмаҳсул мебошад.

Дурнамой, тавре ки дар адабиётҳои иқтисодӣ дарҷ гардидааст, дар асоси истифодаи доираи васеи иттилоотҳои мавҷудбуда гузаронида мешавад. Бо вуҷуди ин, дар ҳама маврид марҳилаи ибтидоии дурнамой дар иқтисодиёт бо таҳлили қаторҳои вақтӣ алоқаманд буда, имконият фароҳам меоварад, ки қонунияти тағйирёбии зуҳурот дар қатори вақтӣ арзёбӣ карда шавад. Албатта дар адабиётҳои иқтисодӣ қатори вақтӣ ҳамчун қатори динамикӣ ном гирифта шудааст.

Қатори динамикӣ барои инъикоси ҷараёни ҳодиса ва равандҳои иқтисодӣ, аз ҷумла арзёбии нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсули аҳолӣ аз як давраи вақт то давраи дигар истифода бурда мешавад. Дар асоси таҳлили қаторҳои динамикӣ тамоюли асосии тағйирёбии нишондиҳандаҳои рушди устувори шуғли пурмаҳсули аҳолӣ ошкор карда мешавад.

Биноан бо назардошти он ки дар зербоби 2.2 барои гузаронидани арзёбӣ аз ҷониби муаллиф пойгоҳи иттилоотӣ, ки барои ҳисоби нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст, барои дурнамои рушди устувори шуғли пурмаҳсул истифода карда мешавад.

Бояд иброз дошт, барои «дурнамои нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул барои солҳои 2021 – 2027 амсилаи маъмули зерин истифода бурда мешавад:

$$У_P = У_b \bullet \overline{K}^L, \quad (43)$$

дар ин ҷо: $У_b$ – маълумоти нишондиҳандаҳои соли 2020, ки барои экстраполятсия қабул карда мешавад. Ин ҳолат бо он асонок карда мешавад, ки сатҳи охири қатори динамикӣ ба давраи ояндабинишаванда наздик мебошад;

$\overline{K}$ – коэффитсиенти миёнаи параболии суръати рушд;

L – миқдори солҳои пешбинишаванда»[38]. Дар таҳқиқоти мазкур, солҳои 2021 – 2027 қабул гардидааст.

[38] Статистика: учебник. И.И. Елисеева [и др.]; под ред. С78 И.И. Елисеевой - Москва: Проспект, 2011. - 131с.

Барои ҳисоб кардани дурнамои нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул барои солҳои 2021 – 2027 ҷадвалҳои 3.3.2 – 3.3.4 таҳия карда шудааaст.

Инак натиҷаҳои дурнамои нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул барои солҳои 2021 – 2027 арзёбӣ карда мешавад.

Тибқи маълумоти ҷадвали 3.3.3 рейтинги нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул дар давраи дурнамоӣ барои солҳои 2021 – 2027 баръало намоён аст, ки тағйироти куллӣ ба амал омадааст. Дар солҳои пешбинишаванда, тибқи суммаи холҳои рейтингӣ метавон натиҷагирӣ намуд, ки рушди шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар расида, нишондиҳандаи миёнаи суммаи холҳои рейтингӣ ($\overline{X}$ = 3,25) –ро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди он ки дар муқоиса бо солҳои 2014 – 2020 ба андозаи 0,14 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

Хусусияти фарққунандаи рушди шуғли устувори пурмаҳсул дар давраи дурнамоишаванда дар он зоҳир мешавад, ки аз рӯи таркиби худ қариб, ки ҳаммонанд мебошанд. Ҳол он ки дар солҳои 2014 – 2020 чунин аломати ҳаммонандии таркиби рушди шуғли устувори пурмаҳсул камтар ба назар мерасад. Ҷиҳати исботи ақидаи мазкур, барои андозагирии дараҷаи тамоили нишондиҳандаҳои рушди шуғли устувори пурмаҳсул барои ду давраи муқоисашаванда «нишондиҳандаи фосилаи вариатсия (R) истифода бурда мешавад:

$$R = X_{max} – X_{min}, \quad (44)$$

дар ин ҷо: $X_{max}$ – қимати бузургии ҳади аксари (максималӣ) тамоили аломат;

$X_{min}$ - қимати бузургии ҳади ақали (минималӣ) тамоили аломат»[39].

Дар таҳқиқоти мазкур, қимати аз ҳама баланди холҳои рейтингӣ- ҳади аксари (максималӣ) ва қимати аз ҳама пасти рейтингӣ - ҳади ақали (минималӣ) нишондиҳандаҳои рушди шуғли устувори пурмаҳсулро нишон

---

[39] Статистика.:учебник. под ред. С.А. Орехова. – М.. : Эксмо, 2010. - 82с.

медиҳад. Агарчӣ дар солҳои 2014 – 2020 фосилаи вариатсияи нишондиҳандаҳои рушди шуғли устувори пурмаҳсул 5,48 (R = 7,32 – 1,84) бошад, пас дар солҳои дурнамоишавандаи 2021 – 2027 андозаи фосилаи вариатсия 1,74 (R = 3,67 – 1,93) ташкил медиҳад. Пастшавии қимати фосилаи вариатсия дар солҳои дурнамоишаванда ба андозаи 3,74 (5,48 – 1,74) дар муқоиса ба солҳои 2014 – 2020 доир ба ҳам наздикшавии тамоилҳои нишондиҳандаҳои рушди шуғли устувори пурмаҳсул шаҳодат медиҳад.

**Ҷадвали 3.3.1**

**Гурӯҳбандии дурнамоӣ сатҳи нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2022**

| № гуруҳо | Гурӯҳи нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул, аз рӯи холҳо (балҳо) | Мансубияти нишондиҳандаҳо ба гурӯҳҳо |
|---|---|---|
| I | 1,93 – 2,51 | ✓ Гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ, нафар;<br>✓ Шумораи аҳолии машғули кор аз рӯи шаклҳои моликият, ҳазор нафар; |
| II | 2,51 – 3,09 | ✓ Шумораи аҳолии машғул дар бахши воқеӣ, ҳазор нафар;<br>✓ Шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт машғул, ҳазор нафар; |
| III | 3,09 – 3,67 | ✓ Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти қтисодӣ, сомонӣ;<br>✓ Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, %;<br>✓ Шумораи занҳои кироякор, ҳазор нафар;<br>✓ Изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандони (миқдори ҷои кории холӣ), нафар;<br>✓ Шумораи аҳолии аз қобили меҳнат ҷавонтар, ҳазор нафар;<br>✓ Шумораи шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ |

**Идомаи Ҷадвали 3.3.1.**

| | | |
|---|---|---|
| | | бақайд гирита шудаанд, нафар;<br>✓ Шумораи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ, ҳазор нафар;<br>✓ Аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол,%;<br>✓ Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат,% (бахши хизматрасонӣ) ;<br>✓ Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат,% (бахши воқеӣ) ;<br>✓ Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, ҳазор нафар;<br>✓ Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қуваи корӣ), ҳазор нафар;<br>✓ Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қуваи корӣ),%;<br>✓ Шумораи бекорони расман эътирофшуда, ҳазор нафар;<br>✓ Шумораи аҳолии қобили меҳнат, ҳазор нафар;<br>✓ Аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, %;<br>✓ Аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ,%;<br>✓ Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, %;<br>✓ Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қуваи корӣ),%;<br>✓ Шумораи аҳолии қобили меҳнат калонсолтар, ҳазор нафар; |

*Ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси Ҷадвали 3.3.4. таҳия карда шудааст.

Мавриди зикр аст, дар солҳои 2014 – 2020 тибқи гуруҳи сатҳи баланди нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул аз рӯи холҳо (балҳо) танҳо ба ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ аз шумораии умумии аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ рост меояд. Дар давраи дурнамоӣ сатҳи баландро аз рӯи холҳо (балҳо) кулли нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул, аз қабили музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои

фаъолияти қтисодӣ, шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло дар бахши воқеӣ, шумораи занҳои кироякор, изҳороти корхонаҳо дар борaи талабот ба кормандони (микдори ҷои кории холӣ) шумораи аҳолии аз қобили меҳнат ҷавонтар, шумораи шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ бақайд гирифта шудаанд, шумораи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ, аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол аз шумораи умумии аҳолӣ, шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ дар бахши хизматрасонӣ; шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ дар бахши воқеӣ, шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қуваи корӣ), шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қуваи корӣ) дар бахши хизматрасонӣ, шумораи бекорони расман эътирофшуда, шумораи аҳолии қобили меҳнат, аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло машғулбуда аз шумораи умумии шуғл, аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатии машғулбуда аз шумораи умумии шуғл, шумораи умумии аҳолии синнашон 15 сола ва аз он боло дар бахши хизматрасонӣ, шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қуваи корӣ) дар бахши воқеӣ ва шумораи аҳолии қобили меҳнат калонсолтар.

**Ҷадвали 3.3.2**

**Ҷадвали нишондиҳандаҳо барои ҳисоб намудани дурнамои сатҳи шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2021 – 2027**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | | **Бузургии максималӣ (max)** | **Бузургии минималӣ (min)** | **max-min** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | **2025** | **2026** | **2027** | | | |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, ҳазор нафар(X1). | 6282,0 | 6490,2 | 6612,6 | 6796,3 | 6980,0 | 7224,9 | 7408,6 | 7408,6 | 6282,0 | 1126,6 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қуваи корӣ), ҳазор нафар (X2). | 2588,9 | 2633,7 | 2684,8 | 2735,9 | 2787,1 | 2838,2 | 2889,4 | 2889,4 | 2588,9 | 300,5 |
| Шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт машғул, ҳазор нафар (X3). аз ҷумла: | 2537,5 | 2569,3 | 2601,6 | 2634,2 | 2667,3 | 2781,9 | 2832,0 | 2832,0 | 2537,5 | 294,5 |
| Шумораи занҳои кироякор (X4). | 587,6 | 608,8 | 630,7 | 653,5 | 677,1 | 714,7 | 743,0 | 743,0 | 587,6 | 155,4 |
| Шумораи аҳолии машғул дар бахши воқеӣ, ҳазор нафар (X5). | 1764,9 | 1775,6 | 1786,3 | 1797,0 | 1807,9 | 1859,7 | 1877,2 | 1877,2 | 1764,9 | 112,3 |
| Шумораи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ, ҳазор нафар (X6). | 771,3 | 791,4 | 812,0 | 833,1 | 854,9 | 887,1 | 909,7 | 909,7 | 771,3 | 138,4 |
| Шумораи бекорони расман эътирофшуда, ҳазор нафар (X7). | 58 | 59 | 60 | 61,6 | 62,7 | 63,8 | 64,9 | 64,9 | 58 | 6,9 |
| Шумораи аҳолии машғули кор аз рӯи шаклҳои моликият, ҳазор нафар (X8). | 2537,5 | 2569,3 | 2601,6 | 2634,2 | 2667,3 | 2781,9 | 2832,0 | 2832,0 | 2569,3 | 262,7 |

**Идомаи Ҷадвали 3.3.2.**

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ бақайд гирита шудаанд, нафар (X9). | 113637,5 | 121457,9 | 129981,2 | 139570,0 | 149158,8 | 159813,0 | 171532,6 | 171532,6 | 113637,5 | 57895,1 |
| Изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандони (миқдори ҷои кории холӣ), нафар (X10). | 10955,1 | 11678,6 | 12402,0 | 13228,8 | 14985,8 | 15915,9 | 16949,4 | 16949,4 | 10955,1 | 5994,3 |
| Шумораи аҳолии аз қобили меҳнат ҷавонтар, ҳазор нафар (X11). | 3254,8 | 3318,6 | 3382,5 | 3478,2 | 3573,9 | 3669,7 | 3765,4 | 3765,4 | 3254,8 | 510,6 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат, ҳазор нафар (X12). | 5689,9 | 5845,8 | 6012,8 | 6179,8 | 6346,8 | 6513,9 | 6680,9 | 6680,9 | 5689,9 | 991,0 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат калонсолтар, ҳазор нафар (X13). | 558,8 | 566,5 | 572,1 | 577,6 | 583,2 | 588,7 | 594,3 | 594,3 | 558,8 | 35,5 |
| Гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ, нафар (X14) | 713979,7 | 757968,9 | 805342,0 | 852715,1 | ... | ... | ... | 852715,1 | 713979,7 | 138735,4 |
| **Ҳиссаи аҳолии машғул аз шумораи умумии:** | | | | | | | | | | |
| Аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, % (X15). | 44,2 | 45,0 | 45,9 | 46,8 | 47,7 | 48,5 | 49,4 | 49,4 | 44,2 | 5,2 |
| Аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ,%.(X16) | 47,8 | 48,3 | 48,7 | 49,2 | 49,7 | 50,1 | 50,6 | 50,6 | 47,8 | 2,8 |
| Аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол,% (X17). | 98,0 | 98,9 | 99,6 | 100,9 | 102,9 | 103,9 | 104,9 | 104,9 | 98,0 | 6,9 |
| **Ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши воқеӣ аз шумораи умумии:** | | | | | | | | | | |
| Шумораи умумии аҳолии | | | | | | | | | | |

**Идомаи Ҷадвали 3.3.2.**

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| синнашон 15сола ва аз он боло, %.(X18) | 32,1 | 32,6 | 33,2 | 33,8 | 34,5 | 35,7 | 36,3 | 36,3 | 32,1 | 4,2 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат,% (X19). | 34,7 | 35,2 | 35,9 | 36,6 | 37,3 | 38,0 | 38,7 | 38,7 | 34,7 | 4,0 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қуваи корӣ),% (X20). | 71,1 | 72,1 | 72,8 | 73,5 | 74,2 | 75,0 | 75,7 | 75,7 | 71,1 | 4,6 |
| **Ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ аз шумораи умумии:** | | | | | | | | | | |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, % (X21). | 12,7 | 12,9 | 13,0 | 13,1 | 13,2 | 13,4 | 13,5 | 13,5 | 12,7 | 0,8 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат,% (X22). | 13,8 | 13,9 | 14,1 | 14,2 | 14,4 | 14,5 | 14,7 | 14,7 | 13,8 | 0,9 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қуваи корӣ),% (X23). | 29,8 | 30,3 | 30,9 | 31,5 | 32,1 | 32,6 | 33,2 | 33,2 | 29,8 | 3,4 |
| Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолиятии қтисодӣ, сомонӣ (X24). | 1489,11 | 1669,4 | 1869,73 | 2096,77 | 2337,16 | 2617,16 | 2924,79 | 2924,79 | 1489,11 | 1435,68 |

* Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумотҳои ва ҷадвали 2.2.1 таҳия ва ҳисоб карда шудааст.

**Ҷадвали 3.3.3**

**Ҷадвали нишондиҳандаҳо барои муайян кардани дурнамои рейтингии шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2020**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | Σ | Рейтинг |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | | |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, ҳазор нафар(X1). | 0 | 0,19 | 0,30 | 0,46 | 0,62 | 0,84 | 1,0 | 3,41 | 8 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қуваи корӣ), ҳазор нафар (X2). | 0 | 0,15 | 0,32 | 0,49 | 0,66 | 0,83 | 1,0 | 3,45 | 7 |
| Шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт машғул, ҳазор нафар (X3). | 0 | 0,11 | 0,22 | 0,33 | 0,44 | 0,83 | 1,0 | 2,93 | 18 |
| Шумораи занҳои кироякор (X4). | 0 | 0,14 | 0,28 | 0,43 | 0,58 | 0,82 | 1,0 | 3,25 | 15 |
| Шумораи аҳолии машғул дар бахши воқеӣ, ҳазор нафар (X5). | 0 | 0,10 | 0,19 | 0,29 | 0,39 | 0,82 | 1,0 | 2,79 | 19 |
| Шумораи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ, ҳазор нафар (X6). | 0 | 0,15 | 0,30 | 0,45 | 0,61 | 0,84 | 1,0 | 3,35 | 11 |
| Шумораи бекорони расман эътирофшуда, ҳазор нафар (X7). | 0 | 0,15 | 0,29 | 0,53 | 0,69 | 0,84 | 1,0 | 3,5 | 5 |
| Шумораи аҳолии машғули кор аз рӯи шаклҳои моликият, ҳазор нафар (X8). | 0 | 0,11 | 0,22 | 0,33 | 0,44 | 0,83 | 1,0 | 1,93 | 21 |
| Шумораи шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор | 0 | 0,14 | 0,29 | 0,45 | 0,62 | 0,80 | 1,0 | 3,3 | 12 |

**Идомаи Ҷадвали 3.3.3.**

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ бақайд гирита шудаанд, нафар (X9). | | | | | | | | | |
| Изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандони (миқдори ҷои кории холӣ), нафар (X10). | 0 | 0,12 | 0,25 | 0,38 | 0,68 | 0,83 | 1,0 | 3,26 | 14 |
| Шумораи аҳолии аз қобили меҳнат ҷавонтар, ҳазор нафар (X11). | 0 | 0,13 | 0,25 | 0,44 | 0,63 | 0,82 | 1,0 | 3,27 | 13 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат, ҳазор нафар (X12). | 0 | 0,16 | 0,33 | 0,50 | 0,67 | 0,84 | 1,0 | 3,5 | 5 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат калонсолтар, ҳазор нафар (X13). | 0 | 0,22 | 0,38 | 0,53 | 0,69 | 0,85 | 1,0 | 3,67 | 1 |
| Гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ, нафар (X14) | 0 | 0,32 | 0,66 | 1,0 | ... | ... | ... | 1,98 | 20 |
| Аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, % (X15). | 0 | 0,16 | 0,33 | 0,50 | 0,68 | 0,83 | 1,0 | 3,5 | 5 |
| Аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ,%.(X16) | 0 | 0,18 | 0,33 | 0,50 | 0,68 | 0,82 | 1,0 | 3,51 | 4 |
| Аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол,% (X17). | 0 | 0,13 | 0,24 | 0,42 | 0,71 | 0,86 | 1,0 | 3,36 | 10 |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, %.(X18) | 0 | 0,12 | 0,27 | 0,41 | 0,58 | 0,86 | 1,0 | 3,24 | 16 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат,% (X19). | 0 | 0,13 | 0,30 | 0,48 | 0,65 | 0,83 | 1,0 | 3,39 | 9 |

**Идомаи Ҷадвали 3.3.3.**

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қуваи корӣ),% (X20). | 0 | 0,22 | 0,37 | 0,53 | 0,68 | 0,85 | 1,0 | 3,65 | 2 |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, % (X21). | 0 | 0,25 | 0,38 | 0,50 | 0,63 | 0,88 | 1,0 | 3,64 | 3 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат,% (X22). | 0 | 0,12 | 0,34 | 0,45 | 0,67 | 0,78 | 1,0 | 3,36 | 10 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қуваи корӣ),% (X23). | 0 | 0,15 | 0,33 | 0,50 | 0,68 | 0,83 | 1,0 | 3,49 | 6 |
| Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолиятии қтисодӣ, сомонӣ (X24). | 0 | 0,13 | 0,27 | 0,43 | 0,59 | 0,79 | 1,0 | 3,21 | 17 |

*Сарчашма: муаллиф дар асоси ҷадвали 3.3.2 таҳия ва ҳисоб карда шудааст.

Бояд иттилоъ дод, аз рӯи маълумоти рейтинги нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул, ки дар ҷадвали 3.3.3 дарҷ гардидааст, тибқи истифодаи усули гурӯҳбандӣ се гурӯҳи сатҳи нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсулро ҷудо менамоем. Тибқи маълумоти овардашудаи ҷадвали 3.3.1 муайян карда шуд, ки ҳиссаи 83,32 фоизи сатҳи нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул аз рӯи рейтинги ҷойгиршавӣ дар сатҳи баланд, 8,34% – миёна ва 8,34% - дар сатҳи паст ҷойгир шудаанд.

Дар давраи дурнамоӣ дар муқоиса бо солҳои 2014 – 2020 дар сохтори ҷадали рейтингӣ ҷойивазкунии нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул ба назар мерасад.

**Ҷадвали3.3.4**

**Рейтинги дурнамои нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул барои солҳои 2021 – 2027 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Σ** | **Рейтинг** |
|---|---|---|
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат калонсолтар, ҳазор нафар (X13). | 3,67 | 1 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қуваи корӣ),% (X20). | 3,65 | 2 |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, % (X21). | 3,64 | 3 |
| Аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнатӣ,%.(X16) | 3,51 | 4 |
| Аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, % (X15). | 3,5 | 5 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат, ҳазор нафар (X12). | 3,5 | 5 |
| Шумораи бекорони расман эътирофшуда, ҳазор нафар (X7). | 3,5 | 5 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қуваи корӣ),% (X23). | 3,49 | 6 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қуваи корӣ), ҳазор нафар (X2). | 3,45 | 7 |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, ҳазор нафар(X1). | 3,41 | 8 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат,% (X19). | 3,39 | 9 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар синну соли қобили меҳнат,% (X22). | 3,36 | 10 |
| Аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол,% (X17). | 3,36 | 10 |
| Шумораи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ, ҳазор нафар (X6). | 3,35 | 11 |
| Шумораи шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ бақайд гирита шудаанд, нафар (X9). | 3,3 | 12 |
| Шумораи аҳолии аз қобили меҳнат ҷавонтар, ҳазор нафар (X11). | 3,27 | 13 |
| Изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандони (миқдори ҷои кории холӣ), нафар (X10). | 3,26 | 14 |
| Шумораи занҳои кироякор (X4). | 3,25 | 15 |
| Шумораи умумии аҳолии синнашон 15сола ва аз он боло, %.(X18). | 3,24 | 16 |

**Идомаи Ҷадвали 3.3.4.**

| | | |
|---|---|---|
| Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолиятии қтисодӣ, сомонӣ (X24). | 3,21 | 17 |
| Шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт машғул, ҳазор нафар (X3). | 2,93 | 18 |
| Шумораи аҳолии машғул дар бахши воқеӣ, ҳазор нафар (X5). | 2,79 | 19 |
| Гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ, нафар (X14) | 1,98 | 20 |
| Шумораи аҳолии машғули кор аз рӯи шаклҳои моликият, ҳазор нафар (X8). | 1,93 | 21 |

*Сарчашма: муаллиф дар асоси ҷадвали 3.3.3 таҳия ва ҳисоб карда шудааст.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии дисертатсия

Ҳамин тавр, таҳқиқоти дар доираи диссертатсия анҷомдодашуда имкон дод, ки нуктаҳои муҳими назариявӣ ва ҷиҳати амалӣ оид ба такмили методикаи арзёбии шуғли пурмаҳсул ба таври зерин пешниҳод карда мешавад:

